**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНСТИТУТИ ДАВЛАТ ВА ҲУҚУҚ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**УДК: 9: 328 (65)+7 : 27 (48)**

**ББК: 63.377**

**Б-41**

**ТОҶИДДИНИ БАҲРИДДИН**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ИДОРАКУНИИ МЕҲНАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсия

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи

ихтисоси 5.5.5. Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,

Одиназода Р.С.

**Душанбе – 2026**

## МУНДАРИҶА

РУЙХАТИ ИХТИСОРОТ........................................................................... 3

МУҚАДДАМА ....................................................................................................4

**БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ НИҲОДИ ИДОРАКУНИИ МЕҲНАТ..................................................................................................20**

1.1. Мафҳуми ҳуқуқии идоракунии меҳнат ва низоми он .....................**20**

1.2. Пайдоиши нахустин ниҳодҳои идоракунии меҳнат ва таҳаввулоти онҳо.................................................................................................................. **32**

1.3. Моҳият ва шаклҳои асосии муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба идоракунии меҳнат .......................................................................................**48**

**БОБИ II. ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚӢ ВА ТАШКИЛИИ ИДОРАКУНИИ МЕҲНАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ...............58**

2.1. Танзими ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллии идоракунии меҳнат......................................................................................................................**58**

2.2. Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ .................**82**

2.3. Заминаҳои ташкилӣ ва иттилоотии идоракунии меҳнат ................**97**

**БОБИ III. НИЗОМИ СУБЪЕКТҲОИ МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИИ ИДОРАКУНИИ МЕҲНАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ........................................................................................105**

3.1. Ваколатҳои мақомоти давлатӣ ва шарикони иҷтимоӣ дар идоракунии меҳнат ......................................................................................**105**

3.2. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корфармоён ва намояндагони онҳо дар идоракунии меҳнат ......................................................................................**127**

3.3. Аҳаммияти иштироки кормандон, иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони онҳо дар идоракунии меҳнат: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ташкилӣ...................................................................................................................**142**

**Хулоса.......................................................................................................159**

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот .............168**

**Рӯйхати адабиёт ...........................................................................................170**

**Феҳристи интишоороти илмии довталаб ........................................197**

**Замима: лоиҳаи Консепсияи идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамуҳлат (2026 -2036) ............................199**

## РУЙХАТИ ИХТИСОРОТ

**СММ -** Созмони милали муттаҳид

**ТБМ -** Ташкилоти байналмилалии меҳнат

**СБМ** – Созмони байналмилалии муҳоҷират

**ИДМ** – Иттиҳоди давлатҳои мустақил

**ҶТ** - Ҷумҳурии Тоҷикистон

**АМИТ –** Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**КМ ҶТ** - Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ТИМ** - Ташкили илмии меҳнат

**ИҶШС –** Иттиҳоди ҷумҳуриҳои шуравии сотсиалистӣ

**РСС Тоҷикистон** - Республикаи шуравии сотсиалистии Тоҷикистон (Ҷумҳурии шуравии сотсиалистии Тоҷикистон)

**РАСС Туркистон -** Республикаи автономии советии сотсиалистии Туркистон (Ҷумҳурии мухтори шуравии сотсиалистии Тоҷикистон)

## Муқаддима

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти комил давлати иҷтимоӣ эълон гардид ва тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [1] ҳадафи асосии давлат фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва рушди озодона барои ҳар як инсон муқаррар гардид. Омили асосии таъмин шудани ин ҳадафи олии давлатӣ маҳз татбиқи дуруст ва сифатноки вазифаҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус вазифаҳои қонунгузорӣ оид ба меҳнат - «фароҳам овардани шароити зарурии ҳуқуқӣ барои ноил шудан ба баробарии манфиатҳои тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ, рушди иқтисодӣ, самаранокии истеҳсолот ва баланд бардоштани некуаҳволии одамон» [43], маҳсуб мешавад.

Муҳимияти мавзуи таҳқиқотӣ дар он аст, ки айни замон низоми идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зери таъсири равандҳои муосир, аз ҷумла, рушди технологияҳои иттилоотӣ ва зеҳни сунъӣ ба мушкилот ва чолишҳои нав рӯ ба рӯ шуда истодааст. Тавсеаи шуғли пурмаҳсул ва равандҳои рақамикунонӣ мутаносибан шаклу усулҳои нави идора ва танзими муносибатҳои ҷамъиятии меҳнатро талаб менамоянд. Ин зарулатҳо боис гардидаанд, ки таваҷҷуҳи ҳамаи субъектҳои ҳуқуқии низоми мазкур ба масъалаҳои идоракунӣ ва ташкили меҳнат дар шароити нав ва дар тамоми зинаҳои танзими ҳуқуқии он бештар шавад. Бо дарназардошти ҳамин омилҳо, густариши ҳамкориҳо ҷиҳати таъмини идоракунии муассиру самараноки меҳнат дар шароити муосир ҳамчун яке аз вазифаҳои калидии шарикони иҷтимоӣ: Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони кормандон ва намояндагони корфармоён дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст [82].

Масъалаҳои вобаста ба такмили низоми ташкили меҳнат ва истеҳсолот, идоракунии соҳаи меҳнат бо назардошти чолишҳо ва заруратҳои нав яке аз мавзуи мубрами рӯзномаи байналмилалӣ гардидааст. Аз ҷумла, Ташкилоти байналхалқии меҳнат (минбаъд ТБМ), ки дар сатҳи байналмилалӣ дурнамои

соҳаи меҳнат ва стандартҳои байналмилалиро дар ин соҳа таҳия менамояд, масъалаҳои зикршударо ба муколамаҳои ҷашни 100 - солагии ТБМ ворид намуда, онҳоро ба сифати самтҳои афзалиятноки фаъолияти худ қабул намуд [4]. Таваҷҷуҳи хоса ба табодули таҷрибаҳои пешқадами байналмилалӣ дар иштироки намояндагони кормандон дар идоракунии ташкилот дода мешавад, ки барои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат мусоидат мекунанд.

Бо назардошти воқеиятҳои мазкур дар танзиму идоракунии меҳнат ҳамчун яке аз соҳаҳои афзалиятноки ҷумҳурӣ дар Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 «сармоягузорӣ, сармояи инсонӣ, маҳсулнокӣ, тиҷорат ва ҳамгироӣ, инчунин ниҳодҳо ва идоракунӣ манбаъҳои асосии густариши шуғли пурмаҳсул ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ»[50]  муайян шудаанд.

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқотӣ ба чунин ҳадафҳои соҳаи меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок мешавад: 1) тавсеаи шуғли пурмаҳсул, афзоиши ҳосилнокии меҳнат, бехатарии меҳнат ва қаноатмандии кормандон аз музди кори бадастоварда, ки  натиҷаҳои онҳо дар маҷмуъ ба рушди иқтисодии кишвар ва некуаҳволии шаҳрвандон равона гардидаанд, аз танзими ҳуқуқии пурра ва самараноки идоракунии меҳнат вобастагӣ дорад; 2) ташаккули танзими давлатӣ ва ҷамъиятии бозори меҳнат, истифодаи дурусту самараноки қувваҳои корӣ дар иқтисодиёти кишвар, таҳлилу таҳияи дурнамои талабот ва пешниҳоди бозори кор ва татбиқи мақсадноки чорабиниҳои фаъоли мусоидат ба шуғли аҳолӣ ба шарти таҳким додани мақоми ҳуқуқии субъектҳои идоракунии меҳнат ва бозори меҳнат имконпазир мегардад; 3) аз як ҷониб тақвияти тадбирҳо барои саноатикунонии босуръати кишвар ҳамчун ҳадафи чоруми стратегӣ ва аз ҷониби дигар тавсеаи истифодаи зеҳни сунъӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт ба тағйирёбии мазмуну муҳтавои муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ замина гузошта, дар бозори меҳнат шаклҳои тозаи шуғл ташаккул меёбанд, ки ин раванд аз илми ҳуқуқи меҳнат таҳқиқоти амиқ ва таҳияи механизмҳои муосири танзими ҳуқуқии идоракунии чунин равандҳоро талаб менамояд.

Бинобар ин, чунин менамояд, ки дар марҳилаи муосир вазифаи асосии ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқие мебошад, ки барои таъмини шароити муносиби меҳнат, кори арзанда ва ҳамзамон баланд бардоштани маҳсулнокии он равона гардидаанд. Ҳамзамон, ин меъёрҳои ҳуқуқӣ аз як ҷониб, бояд мутобиқ ба воқеъияти муосири рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва хусусиятҳои марҳилаи гузариш ба бозори меҳнати нав ва усулҳои  идоракунии меҳнат эҷод карда шаванд, аз ҷониби дигар, кафолати сатҳи зарурии ҳуқуқу манфиатҳои кормандон ва корфармоёнро дар муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба онҳо алоқаманд, таъмин карда тавонанд.

Ноил гардидан ба натиҷаҳои ниҳоӣ, ки аз вазифаҳои стратегии муайяншудаи соҳаи меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, таҳлили пурра ва мунтазами илмии танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнатро тақозо мекунад, ки он бо муайян намудани унсурҳо ва раванди муносибатҳои ҳуқуқии ин самт, хусусиятҳо, роҳҳо, шаклҳо ва усулҳои такмили он имконпазир аст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Муносибатҳои вобаста ба идоракунии меҳнат асосан дар замони Шуравӣ аз солҳои 70-уми асри XX мавзуи таҳқиқоти илми ҳуқуқи меҳнат гардидаанд. Дар ин давра мавзуи танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнатро олимон ба монанди В.А. Абалдуев [184], А.В. Бутаков [189], В.А. Дубинец [191], Д.Г. Иосифиди [194], И. Н. Каширин [196], Н.И. Ковальчук [197], В. Кацпшак [195], А. М. Куренной [117], А. Н. Решетняк [210], К. М. Р. Халла [216], А. А. Уткин [215] таҳқиқ намудаанд.

Таҳқиқоти олимони рус ба мисли О.Ю. Богомолова [187], Л.И. Бусыгин [188], М.А. Драчук [108], С.Н. Еремина [192], В.И. Курилов [200], С.П. Маврин [201], М.О. Пряженников [209], А.А. Петров [208], Ю.В. Пенов [207], А.К. Свиридов [211], Г.С. Скачкова [212], А.А. Татаринов [214], Г.В. Хныкин [217], Е.Б.Хохлов [154], В.Д. Шахов [218] дар солҳои 90 асри XX, ки ба баррасии ҷанбаҳои назариявии идоракунии меҳнат, сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи меҳнат бахшида шудаанд, аҳаммияти муҳимми илмӣ доранд.

Дар ин росто, таҳқиқоти анҷомдодаи Д.С. Слюсарев “Доир ба механизмҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳо оид ба ташкили меҳнат ва идоракунии меҳнат дар Федератсияи Россия” (диссертатсияи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, соли 2022) [213] - ро махсус бояд қайд намуд, ки таҳқиқи хусусиятҳои муосири рушди муносибатҳои идоракунии меҳнатро фаро мегирад.

Дар илми ҳуқуқи ватанӣ танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат то ҳол мавриди омӯзиши пурра ва мукаммал қарор нагирифтааст. Баъзе ҷанбаҳои он дар асарҳои олимони тоҷик: Н. Шонасридинов [158,181-183], Ғ.М.Бобокалонов [103,162-164], Н.Р. Маҳмадуллозода [124, 158, 170-173] Д.Қ. Назарзода [174, 202], З.З. Нозакзода [175-203], Т.И. Султонова [178,179] ва дигарон [104, 160, 206] баррасӣ шудаанд. Аз ҷумла, дар асари Ғ.М. Бобокалон (Бобокалонов), ки ба таърихи ташаккул ва рушди қонунгузории меҳнат дар Тоҷикистони Шуравӣ бахшида шудааст, заминаҳои ташаккули ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Тоҷикистони Шуравӣ баррасӣ шудаанд, ки барои таҳқиқоти мо аҳаммияти калони назариявӣ – таърихӣ дорад.

Солҳои охир дар доираи пажуҳишҳои илмии “иқтисоди меҳнат” дар Тоҷикистон асарҳои як қатор олимони соҳаи иқтисод ва менеҷмент таълиф шудаанд, ки ҷанбаҳои идоракунии меҳнатро низ фаро гирифта, аҳаммияти муҳимми таҳқиқотӣ доранд, аз ҷумла, таҳқиқоти К.Х. Абдураҳмонов ва Қ.Х. Хушвахтзода [91], С.Б. Ашуров [99], Т.Б. Ғаниев [106], А.А. Мирзоалиев ва М.Нурмаҳмадов [126], Ф.М. Восиев [105], С.Х. Ҳабибов [155], Г.Х. Абдурахманова ва Д.Ж. Рустамов [161].

Таҳқиқоти анҷомшуда, ҷанбаҳои иқтисодии идоракунии меҳнат, менеҷменти меҳнат ва дар самти ҳуқуқ бошад, қисматҳои алоҳидаи он, аз ҷумла, таҳлили ҳуқуқу уҳдадориҳо ва ваколатҳои бархе аз субъектҳои идоракунии меҳнатро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври маҳдуд фаро мегиранд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат таҳқиқоти мукаммали илмӣ анҷом дода нашудааст.

Бо назардошти рушди қонунгузорӣ оид ба меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар робита ба дигаргуниҳои куллӣ дар соҳаи меҳнат: ҳадафҳои тавсеъаи шуғли пурмаҳсул [47]; гузариш ба иқтисоди рақамӣ [60]; баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва таъмини меҳнати арзанда [59], ки тавлиду пайдоиши шаклҳои наву муосири шуғл, рақамисозии муносибатҳо дар соҳаи меҳнат, таъсису ташаккули низоми миллии тахассусҳо дар бозори меҳнатро ба миён овардаанд, зарурати таҳқиқи пурра ва мукаммали проблемаҳои танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Тоҷикистон ва дар заминаи он таҳияи консепсияи муосири илмии онро тақозо мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон «Назария ва амалияи батанзимдарории ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» омода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади** таҳқиқот аз муайян кардани хусусиятҳои нави танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар заминаи он коркарди консепсияи нави илмии танзими ҳуқуқии он, инчунин таҳияи тавсияҳои амалӣ бо мақсади такмили қонунгузории меҳнат дар ин самт, иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Бо мақсади ноил гардидан ба ин ҳадаф, дар доираи таҳқиқоти мазкур иҷрои чунин вазифаҳо пешбинӣ мегардад:

1. Омӯзиши мазмун, низом ва сохтори ниҳоди идоракунии меҳнат, инчунин муайян намудани шарҳи классикӣ ва муосири мафҳуми идоракунии меҳнат дар асоси таҳлили манбаъҳои илмии мавҷуда.

2. Омӯзиши ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии пайдоиши нахустин ниҳодҳои танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ, таҳқиқи хусусиятҳои таҳаввулотии мақомоти идоракунии меҳнат;

3.Дар заминаи таҳлили назару хулосаҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин амалияи татбиқи ҳуқуқ, муайян ва ошкор намудани шаклҳо, таносуб ва хусусияти муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи идоракунии меҳнат;

4. Ошкор намудани хусусиятҳои байнисоҳаии меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳоро дар соҳаи идоракунии меҳнат дар марҳилаи муосир танзим менамоянд;

5. Омӯзиши раванди ташаккули институти идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайянсозии ҷойгоҳ ва мақоми он дар ҳуқуқи меҳнат;

6.Таҳқиқи заминаҳои танзими ҳуқуқии байналмилалӣ ва милии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти мутобиқати он бо талаботи стандартҳои байналмилалии меҳнат, бо таҳлили меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии соҳаи меҳнат;

7. Омӯзиши танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ ва заминаҳои ташкилию иттилоотии он бо назардошти таъсири зеҳни сунъӣ ва рақамикунонӣ ба вазъи танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ дар идоркунии меҳнат;

8. Омӯзиши мақоми ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ, шарикони иҷтимоӣ, корфармоён, кормандон ва намояндагони онҳо дар идоракунии меҳнат.

9. Таҳияи хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба такмили заминаҳои ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти** таҳқиқот муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар соҳаи танзими ҳуқуқии  идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд.

**Мавзуи** таҳқиқот маҷмуъи меъёри ҳуқуқие мебошанд, ки муносибатҳоро дар идоракунии меҳнат танзим мекунанд, инчунин амалияи истифодаи ин меъёрҳо, таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи меҳнат, дигар илмҳои ҳуқуқ ва дигар соҳаҳои илмҳои ҷамъиятию гуманитариро дар бар мегирад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шуъбаҳои таърихи давлат ва ҳуқуқ ва ҳуқуқи хусусии Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ анҷом дода шудааст. Кор оид ба таҳқиқоти диссертатсионӣ аз соли 2020 оғоз гардидааст, ки онро маводи довталаб оид ба ин мавзуъ тасдиқ менамоянд. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷаласаи Шурои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ тасдиқ карда шудааст (протоколи № 1 аз 31 январи соли 2025).

Таҳқиқоти мазкур ду марҳилаи асосии ташаккули муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба идоракунии меҳнатро дар бар мегирад. Марҳилаи аввал таҳаввули нахустин ниҳодҳои идоракунии меҳнат аз давраҳои қадим ва ташаккулёбии онҳо дар асрҳои миёнаро фаро мегирад. Дар марҳилаи дуввум таҳқиқот ба ташаккулёбӣ ва шаклгирии низоми идоракунии меҳнат ва муносибатҳои ҳуқуқии ин соҳа дар замони собиқ Иттифоқи Шуравӣ ва баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рабт дорад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти** диссертатсиониро асарҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, Ф.М. Абдулхонов, Қ.Х. Абдураҳмонов Г.Х., Абдурахманова, С.Б. Ашуров, Ғ.М. Бобокалон (Бобокалонов) О.Ю. Богомолова, Э.Б. Буризода, Л.И. Бусыгин, Ф.М. Восиев, Т.Б. Ғаниев, М.А. Драчук, С.Н. Еремина, В.И. Курилов, С.П. Маврин, Н.Р. Маҳмадуллозода, А.А. Мирзоалиев, Д.Қ. Назарзода, М. Нурмаҳмадов, З.З. Нозакзода, Р.С. Одиназода, М.О. Пряженников, А.А. Петров, Ю.В. Пенов, Д.Ж. Рустамов, А.К. Свиридов, Г.С. Скачкова, Д.С. Слюсарев, Т.И. Султонова, А.А. Татаринов, Г.В. Хныкин, Қ.Х. Хушвахтзода, Е.Б.Хохлов, С.Х. Ҳабибов В.Д. Шахов, Н. Шонасридинов ва дигарон ташкил медиҳад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**. Дар ҷараёни кор бо диссертатсия усулҳои илмии дарки воқеияти ҳуқуқӣ аз қабили таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ–ҳуқуқӣ, расмӣ–ҳуқуқӣ, диалектикӣ ва дигар усулҳо истифода гардидаанд. Истифодаи усули таърихӣ-ҳуқуқи имконият дод, то таърихи пайдоиши идоракунии давлатӣ муайян ва мушаххас карда шавад; Истифодаи

усули расмӣ-ҳуқуқӣ имконият фароҳам овард, то қонунгузории амалкунанда таҳқиқ ва тавсияҳо барои такмили он пешниҳод карда шавад; усули диалектикии омӯзиш шароит фароҳам овард, то хусусият ва масоили мубрами ниҳоди идоракунии меҳнат ошкор, таҳлил ва барои такмили онҳо пешниҳодҳо ироа гардад. Усули илмии омӯзиши объективонаи масоили меҳнатӣ имконият дод, то мафҳумҳои асосии истифодашаванда муайян карда шуда, таърифи муаллифонаи онҳо пешниҳод гардад. Усули муқоисавӣ-ҳуқуқии таҳлил сабаби таҳқиқи қонунгузории байналмилалӣ ва муайян кардани механизмҳои ҳуқуқӣ дар идоракунии меҳнат гардид. Дар умум, истифодаи системавии омӯзиш барои анҷоми таҳқиқоти комил ва ҳаматарафаи масоили вобаста ба идоракунии меҳнат мусоидат намуд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Асоси эмпирикии таҳқиқоти мазкурро маводи фаъолияти татбиқи ҳуқуқи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, суди шаҳри Душанбе, судҳои вилоятӣ ва ноҳиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохторҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра ташкил медиҳанд.

Унсури муҳими асоси эмпирикии таҳқиқот Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳое мебошанд, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, заминаҳои бунёдии ташаккул ва рушд, дурнамо ва афзалиятҳоро дар танзими идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Навгониҳои илмии таҳқиқот аз хулоса ва пешниҳодҳои илмии дар натиҷаи он ҳосилшуда иборатанд. Аз натиҷаҳои умумии омӯзиши мавзуъи мазкур консепсияи илмии танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон матраҳ шудааст. Институти идоракуни меҳнат дар қатори дигар инстутҳои ҳуқуқи меҳнат дорои предмети танзимнамоии ба худ хос буда, меъёрҳои он танзими

муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи меҳнатро дар ҳама сатҳу зинаҳои он фаро мегирад. Дар таҳқиқот он ҳамчун яке аз институтҳои мураккаби ҳуқуқи меҳнат баррасӣ шуда, сохтор, принсипҳо, усулу воситаҳои танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат, ҳамчунин мақоми ҳуқуқӣ ва маҷмӯи ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳои муносибатҳои вобаста ба идоракунии меҳнат муайян ва равшан карда шуданд.

Дар заминаи омӯзиши назарияҳои илмии мавҷуда ва меъёрҳои қонунгузории меҳнат, доир ба мазмуни мафҳумҳо ва истилоҳҳои ҳуқуқии ин соҳа фаҳмишҳои нав пешниҳод мегарданд, ки дастгоҳи мафҳумии институти идоракунии меҳнатро такмил ва пурра менамоянд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар таҳқиқот дарҷёфта, метавонанд барои такмили минбаъдаи доктринаи ҳуқуқи меҳнат дар робита ба танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Тоҷикистон, рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат ва таъминоти иҷтимоӣ мусоидат намоянд, инчунин истифодаи онҳо ҳангоми омодасозии барномаҳои таълимӣ аз рӯйи фанҳои: ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ба манфиат хоҳад буд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Маълум гардид, ки дар илми ҳуқуқшиносии муосир нуқтаи назари ҳамаҷонибаи идоракунии меҳнат ҳамчун низоми бисёрсатҳа ва бисёрсоҳавӣ, ки ба принсипҳои шарикии иҷтимоӣ асос ёфтааст, бартарӣ дорад. Ба андешаи мо гарчанде ҳуқуқи корфармо дар идоракунии кормандон ҳамчун асос эътироф карда мешавад, аммо он бояд мутлақ ҳисобида нашавад. Мувозинати он маҳз тавассути муқаррарсозии меъёри ҳатмии қонунгузорӣ (давлат); бастани шартномаҳои коллективӣ; иштироки намояндагони кормандон дар идоракунии меҳнат ва таъмини кафолатҳои ҳуқуқҳои фардии меҳнатӣ имконпазир мебошанд.

Ба назари мо, набояд мафҳуми «идоракунии меҳнат» бо мафҳуми «ташкили меҳнат» омехта карда шавад. Идоракунии меҳнат мафҳуми васеътар буда, он ҳам танзими ҳуқуқӣ ва ҳам ҷанбаҳои иҷтимоии онро фаро мегирад. Ташкили меҳнат танҳо ҷанбаҳои техникӣ, технологӣ ва иқтисодии

(тақсимоти вазифаҳо, мутобиқсозии равандҳо, стандартикунонӣ) меҳнатро дар бар мегирад.

Аз натиҷаи омӯзиши мазмуни мафҳуми ҳуқуқии «идоракунии меҳнат» ошкор гардид, ки шарҳу тавзеҳи мавҷуда доир ба ин мафҳум гуногун ва мукаммал нестанд. Аз натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар заминаи назарияҳои илмии мавҷуда ва амалияи қонунгузории меҳнат дефинитсияи “идоракунии меҳнат” коркард шудааст, ки ба назари мо мавзуъ ва таркиби субъективии муносибатҳоро дар идоракунии меҳнат пурратар ифода намуда, барои таҳқиқотҳои илмии минбаъда дар ин самт ва истифодаи он дар қонунгузорӣ оид ба меҳнат муносиб аст: «**Идоракунии меҳнат** - маҷмуи тадбирҳои ҳуқуқӣ ва ташкилиеро дар бар мегирад, ки аз ҷониби субъектҳои идоракунӣ (давлат, корфармоён, иттифоқҳои касаба ва ғайра) дар сатҳи мутобиқ барои ба танзим даровардани маҷмуи масъалаҳои меҳнат, аз ҷумла, таҳия ва қабули санадҳои хусусияти меъёрии ҳуқуқӣ ва ташкилидошта дар соҳаи меҳнат, бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, ҳифзи меҳнат ва назорати риояи қонунгузории меҳнат амалӣ карда мешавад».

Муайян гардид, ки дар шароити муосир институти идоракунии меҳнат таҳти таъсири равандҳо ва омилҳои гуногун рушд ёфта истодааст, ки мавзуъи танзими минбаъдаи он аз шаклгирии муносибатҳои нави ҳуқуқии ин бахш вобастагӣ дорад. Ба андешаи мо нуқтаи назари бартаридошта доир ба идоракунии меҳнат ин зарурати танзими «оқилона» ва мутавозини дар заминаи муколамаи сеҷониба асосёфта мебошад, ки ба таъмини устувори кафолати ҳуқуқҳои асосӣ ва тағйирпазирии он дар сатҳи соҳавӣ ва сатҳи локалӣ (ташкилот) мутобиқ аст. Аммо, тавре таҳқиқот нишон медиҳад дар амалия шиддати мухолифати байни тарафдорони назорати мутамаркази идораи меҳнат ва талаботи чандирии бозор боқӣ мемонад ва механизмҳои мавҷуда бошанд, самараи дилхоҳ надоранд. Мушкилоти рақамикунонии меҳнат боиси шадидтар гардидани ин мубоҳисаҳо гардида истодаанд, ки чунин вазъият аз илм ва қонунгузорӣ, роҳҳои нав ва ғайристандартии ҳалли онро талаб мекунад.

Бо назардошти нишондодҳои илмӣ ва стандартҳои байналмилалӣ яке аз принсипҳои асосии танзими ҳуқуқии меҳнат, ин ташкили идоракунии меҳнат дар сатҳи миллӣ ва сатҳи локалӣ маҳсуб мешавад ва он бояд ба сифати мақсадҳои асосӣ ва вазифаҳои қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шавад. Дар низоми ҳуқуқи меҳнат, институти идоракунии меҳнат бо чунин хусусиятҳои танзими ҳуқуқии ба худ хос фарқ мекунад: 1) муносибатҳои ҳуқуқии идоракунии меҳнат бо тарзу усулҳои махсус танзим карда мешаванд; 2) идоракунии меҳнат дорои хусусияти танзими ҳуқуқи давлатӣ-хусусӣ аст; 3) дар он танзими ҳуқуқии ҷанбаҳои иқтисодии идоракунии меҳнат мавқеи асосӣ дорад; 4) дар идоракунии меҳнат усулҳои таъсиррасонии мустақим ба таври васеъ истифода мешаванд (фармонҳо, қарорҳо); 5) низоми субъектҳои идоракунии меҳнат дар сатҳу зинаҳои гуногун амал мекунад, аз ҷумла, дар сатҳҳои миллӣ, маҳаллӣ, соҳавӣ ва локалӣ; 6) идоракунии меҳнат хусусияти байнисоҳавӣ дошта, доираи васеъи меъёрҳои ҳуқуқи меҳнатро дар соҳаҳои гуногуни иқтисод фаро мегирад; 7) чорабиниҳо оид ба идоракунии меҳнат таркиби мураккаби ҳуқуқӣ ва хусусияти доимию мунтазам доранд; 8) низоми идоракунии меҳнат маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии ба худ хос: меъёрҳои моддию мурофиавӣ; меъёрҳои шарикӣ - коллективӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии дохилӣ (локалӣ) дорад.

Ошкор гардид, ки бо вуҷуди эътирофи идораи меҳнат ҳамчун яке аз вазифаҳои муҳимми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат, Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМ ҶТ) танзими масъалаҳоеро, ки ба идоракунии меҳнат марбутанд, пешбинӣ намекунад. Гарчанде моддаи 3 КМ ҶТ, вазифаҳои қонунгузории меҳнат номгузорӣ шудааст, вале мазмуни меъёрҳои он на вазифаҳо балки ҳадафҳои қонунгузориро ифода мекунанд. Ба назари мо, зарур аст, ки моддаи мазкури Кодекс такмил дода шуда, дар матни он калимаҳои «танзими муносибатҳои ҳуқуқии вобаста ба идоракунии меҳнат» ҳамчун яке аз вазифаҳои асосии қонунгузории меҳнат илова карда шаванд.

Ҳамчунин зарур аст, ки принсипи «таъмини ташкил ва идоракунии меҳнат дар ҳама сатҳҳо» ба номгуи принсипҳои қонунгузорӣ, ки дар моддаи 4 КМ ҶТ дарҷ ёфтаанд, ворид карда шавад.

2. Муайян гардид, ки институти идоракунии меҳнат дар Тоҷикистон дар замони истиқлолият рушду такомул ёфта, айни замон меъёрҳои он танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнатро дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, соҳавӣ, минтақавӣ ва локалӣ фаро мегирад. Вазифаҳои танзимнамоии идоракунии меҳнат аз рӯйи хусусияташон аз вазифаҳои таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи меҳнат ва вазифаҳои ташкилию иттилоотӣ дар соҳаи меҳнат иборатанд.

Идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ, ки масъулияти асосии корфармо маҳсуб мешавад, дар замина ва асоси меъёрҳои қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба меҳнат ба роҳ монда мешавад. Он аз маҷмуи тадбирҳо оид ба таъмини шароити меҳнат ва ҳифзи меҳнат дар ташкилотҳо тавассути маҷмуи санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ) ва шартномаҳои коллективӣ бо назардошти риояи меъёрҳо ва стандартҳои бо қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайяншуда, танзим карда мешаванд.

Муайян гардид, ки санадҳои меъёрии дохилӣ дар идоракунии меҳнат дар сатҳи ташкилот хусусияти ташкилию ҳуқуқӣ ва иттилоотӣ дошта, нақши татбиқнамоии ҳуқуқҳои меҳнатиро дар амал иҷро менамоянд. Санадҳои меъёрии дохилӣ дар идоракунии меҳнат бештар хусусияти ҳатмӣ дошта, бо мақсади иҷрои меъёрҳои қонунгузории меҳнат қабул карда мешавад. Аксари санадҳои меъёрии дохилӣ бо мақсади иҷрои меъёрҳои қонунгузории меҳнат қабул мешаванд ва қабулашон барои аксарияти корфармоён ҳатмӣ мебошад. Дар баъзе мавридҳо қонунгузорӣ қабули ҳатмии онҳоро ба шарти мавҷудияти ҳолатҳои мушаххас дар ташкилот, вобаста намудааст. Вале, дар КМ ҶТ ҳолатҳои ҳатмӣ будани қабули чунин санадҳои корфармо мушаххас нестанд. Чунин ҳолатҳо ва духурагиҳо дар мавриди қабули санадҳои меъёрии дохилии корфармо дар як қатор моддаҳои КМ ҶТ (моддаҳои 72, 102, 125, 139, 158) ошкор гардиданд. Ба андешаи мо, барои роҳ надодан ба

номуайянии ҳуқуқӣ, бояд ба КМ ҶТ тағйироти дахлдор ворид карда шуда, муайян карда шавад, ки корфармо дар кадом ҳолатҳои мушаххас чӣ гуна санади меъёрии дохилиро қабул намояд.

Шартномаҳои коллективӣ воситаи муҳимми идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ маҳсуб шуда, нақши пуррасозии холигиҳо ва бартарафсозии норасогиҳоро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба масъалаҳои идоракунии меҳнат иҷро мекунад. Бо шартномаҳои коллективӣ меъёрҳои иловагии ҳуқуқи меҳнат муқаррар карда мешаванд, ки онҳо илова бар қонунгузорӣ қабул мешаванд ва дар ҳудуди як ташкилоти мушаххас ба доираи муайяни шахсон татбиқ мегарданд. Бинобар ин, ба андешаи мо шартномаҳои коллективӣ хусусият ва аломатҳои санади меъёрии ҳуқуқиро доро буда, риояи меъёри он барои шаҳрвандони дар як ташкилот фаъолиятдошта (корфармоён, намояндагон ва шахсони масъули онҳо, иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони кормандон,) ва барои давраи муайян ҳатмӣ ва қатъӣ буда, ҳамзамон риоя ва иҷро накардани муқарраároти он боиси ба вуҷуд омадани ҷавобгариҳои ҳуқуқӣ: интизомӣ ва моддӣ мегардад.

3. Низоми субъектҳои идоракунии давлатии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маҷмуи мақомоти давлатии дорои ваколатҳо ва салоҳиятҳо дар сатҳҳои гуногун иборат мебошад. Ваколатҳои мақомоти идоракунии меҳнат вобаста ба муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба идоракунии меҳнат дар сатҳҳои он аз ду гуруҳи асосӣ иборатанд: ваколатҳои дорои хусусияти ташкилӣ ва ваколатҳои дорои хусусияти назоратӣ-таъсиррасонӣ. Муайян гардид, ки дар КМ ҶТ ваколатҳои мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар идоракунии соҳаи меҳнат тақсимбандӣ нагардидааст, ки ба назари мо мушаххас намудани ваколатҳои ин мақомот дар КМ ҶТ ба мақсад мувофиқ аст.

Корфармо ҳамчун субъекти идоракунии меҳнат дар идоракунии меҳнат дар сатҳи ташкилот нақши асосӣ дошта, аз доираи васеъи ҳуқуқу ваколатҳои идоракунӣ бархурдор аст. Вобаста ба доираи ин ваколатҳо, қонунгузорӣ ба корфармо дар идоракунии меҳнат масъулияту ҷавобгариҳои ҳуқуқӣ, аз

ҷумла, интизомӣ, моддӣ, маъмурӣ ва ҷиноятиро пешбинӣ менамояд. Ин ҷавобгариҳо ба шахсони ваколатдори корфармо дар сурати иҷро накардан ё иҷрои нодурусти вазифаҳои хизматӣ ва ё суистифода аз мақоми хизматӣ, татбиқ мешаванд. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корфармо дар идоракунии меҳнат дар қиёс ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ӯ тибқи шартномаи меҳнатӣ фарқ дорад, зеро ба вуҷуд омадан, амал намудан ва қатъи ин ҳуқуқу уҳдадориҳои корфармо дар идоракунии меҳнат бештар дар заминаи мавҷудияти якчанд далелҳои ҳуқуқӣ сурат мегирад. Мисол, қисме аз онҳо ба баргузор намудани машварат бо намояндагони кормандон, гирифтани ризояти онҳо ва бастани шартномаи коллективӣ вобаста мебошад. Қабули қисме аз қарорҳои корфармо доир ба идоракунии меҳнат ҳамчун уҳдадории корфармо хусусияти ҳатмӣ дошта, барои иҷрои меъёрҳои КМ ҶТ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ қабул карда мешаванд. Қабули қисми дигари чунин қарорҳои корфармо ба далели ба вуҷуд омадани ҳолатҳои муайян дар раванди меҳнат, вобаста мебошанд.

4. Муайян гардид, ки дар КМ ҶТ доир ба таъмини иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот, аз ҷумла, имкони ширкат дар муҳокима ва қабули қарорҳо вобаста ба масъалаҳои меҳнат, меъёри мушаххас муқаррар нашудаанд. Ба андешаи мо дар қонунгузории меҳнат бояд қоидаҳо ва механизми мушаххаси татбиқи ин ҳуқуқи кормандон пешбинӣ мегардид. Татбиқи ин ҳуқуқ аз ҷумла, тавассути механизми шарикии иҷтимоӣ имкон дорад. Таҳлили созишномаҳо ва шартномаҳои коллективие, ки дар доираи таҳқиқоти мо анҷом дода шуд, ошкор намуд, ки дар онҳо умуман тартиби иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот ва уҳдадориҳои корфармоён барои таъмини шароит ҷиҳати татбиқи ин ҳуқуқи кормандон ва намояндагони онҳо муайян нашудааст. Мавриди зикр аст, ки талаботи мазкур аз муқарраароти Конвенсияҳо ва Тавсияҳои ТБМ бармеояд, ки тибқи ин санадҳо давлатҳо барои андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати татбиқи ҳуқуқҳои кормандон дар идоракунии ташкилот, уҳдадоранд.

Инчунин, ошкор гардид, ки дар матни КМ ҶТ истилоҳои «ризояти намояндагони кормандон» ва «машварат бо намояндагони кормандон» истифода шудааст, ки дар асл ин истилоҳҳо оқибатҳои ҳуқуқии яксон доранд. Ин номутобиқатии истилоҳо дар амалия ба нофаҳмоиҳо ва дар сатҳи зарурӣ таъмин нагардидани ҳуқуқҳои кормандон барои иштирок дар идоракунии меҳнат боис гардида, дар маҷмуъ сатҳи қобилияти ҳуқуқии коллективи кормандро ҳамчун субъекти идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ коҳиш медиҳад. Бинобар ин, ба назари мо мувофиқи мақсад аст, ки ба КМ ҶТ тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуда, истилоҳи ягонаи «бо машварат ва ризояти намояндагони кормандон» истифода карда шавад (матни тағйиру иловаҳо дар тавсияҳои амалӣ оварда мешаванд).

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз таҳияи консепсияи муосири илмии танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи муайянсозии хусусиятҳои нави танзими ҳуқуқии он иборат буда, дар он сохтори муосири идоракунии ҷамъиятии меҳнат ҳамчун объекти танзими ҳуқуқӣ ошкор гардида, ҳуқуқҳои субъектҳои идоракунии меҳнат, танзими ҳуқуқии ҷамъиятӣ ва хусусӣ-ҳуқуқии идоракунии меҳнат муайян шудаанд. Хулосаҳои назариявие, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, нуқтаҳои илми хуқуқи меҳнатро пурра ва барои рушди минбаъдаи он мусоидат мекунанд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот бошад, дар таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат ва амалияи татбиқи он, рушди таҳқиқотҳои илмӣ ва имкони истифодаи натиҷаҳои назариявии он дар раванди таълим мебошад. Мазмуни таҳқиқот инчунин барои мақомоти қонунгузорӣ ва иҷроия, шарикони иҷтимоӣ (иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои корфармоён), мутахассисони соҳаи ҳуқуқи меҳнат ва идоракунии кадрҳо, ҳуқуқшиносон аҳаммияти калони амалӣ дорад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсияро** сарчашмаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии истифодашуда ва дигар сарчашмаҳои илмӣ, таҷрибаи судӣ ва амалияи идоракунии меҳнат дар сатҳи кишвар ва локалӣ исбот менамояд.

Омӯзишу таҳлили сарчашмаҳои гуногун имкон додааст, ки хулосаҳои муътамади илмӣ ҳосил гардида, муаллиф барои такмил додани қонунгузории амалкунанда дар соҳаи меҳнат як қатор пешниҳодҳо таҳия намояд, ки ҷузъи муҳимтарини онҳо дар диссертатсия пешниҳод гардидаанд. Дар баробари ин қабули Консепсияи рушди идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамуҳлат (солҳои 2026 -2036) пешниҳод шудааст, ки натиҷаи таҳлили объективонаи илмии мавзуъ мебошад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.5.5.Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии довталаб дар таҳияи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳои назариявӣ ва муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, инчунин тавсияҳои амалӣ аз ҷониби муаллиф шахсан ба даст оварда, асоснок ва таҳия шудаанд, ки инро мақолаҳои илмии муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар нашрияҳо, инчунин маърӯзаҳои муаллиф дар конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ тасдиқ менамоянд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ анҷом шуда, дар ҷаласаи шуъбаҳои таърихи давлат ва ҳуқуқ ва ҳуқуқи хусусӣ баррасӣ ва ба ҳимоя тавсия шудааст. Хулосаҳо ва пешниҳодҳое, ки аз ҷониби унвонҷӯ таҳия шудаанд, чанд маротиба дар ҷаласаҳои шуъбаҳои таърихи давлат ва ҳуқуқ ва ҳуқуқи хусусии Институти зикршуда муҳокима гардидаанд.

**Интишоорот аз рӯи мавзуи диссертатсия**. Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 11 мақолаҳои илмии муаллиф, аз ҷумла, 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда шудаанд, ки дар онҳо муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дарҷ ёфтаанд.

Хулоса ва пешниҳодҳои таҳқиқотии диссертатсия дар 3 конференсияҳо ва семинарҳои илмию амалӣ маъруза гардида, дар маҷмуаи маърӯзаҳои конференсияҳо ва семинарҳо ба табъ расидаанд, аз ҷумла:

1. Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявии “Хонишҳои академӣ-ҳуқуқӣ”, бахшида ба рӯзи “Ваҳдати миллӣ” ва фаъолияти илмии академик Фозил Тоҳиров (Душанбе, 10 июни соли 2024). Маърӯза: “Ҷанбаҳои ҳуқуқии иштироки иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони кормандон дар идоракунии меҳнат “.

2. Семинари байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами ҳуқуқи меҳнат дар давлатҳои ИДМ: чолишҳои муосир ва роҳҳои муносибсозӣ” (ш. Душанбе, 16 октябри соли 2025). Маърӯза: “Нақши стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар идоракунии меҳнат дар шароити муосири рушди муносибатҳои меҳнатӣ”.

3. VIII-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ», бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон. Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 10 декабри соли 2025). Маърӯза: “Проблемаҳои танзими ҳуқуқии иштироки кормандон дар идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсияи мазкур аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, 3 боб, ки ба 9 зербоб тақсим шудаанд, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 207 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ НИҲОДИ ИДОРАКУНИИ МЕҲНАТ

## 1.1. Мафҳуми ҳуқуқии идоракунии меҳнат ва низоми он

Марҳилаи муосири рушди ҷомеа, ки бо ивазшавии парадигмаи рушди иқтисоду иҷтимоиёт зуҳур ёфта истодааст, мутаносибан тағйири ҳадафҳо, вазифаҳо ва усулҳои идоракунии равандҳо ва муносибатҳои ҷамъиятиро пеш мегузорад. Дар ин ҷараён яке аз зернизомҳои муҳимми идоракунӣ ин идоракунии меҳнат маҳсуб шуда, дар рушди минбаъдаи дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ - ҳуқуқӣ накши калидӣ дорад.

Новобаста аз эътирофи зарурати муаммоҳои идоракунии меҳнат ва истифодаи рӯзмарраи мафҳуми мазкур дар адабиёти ҳуқуқӣ, ҳануз фаҳмиши ягонаи мундариҷаи он мавҷуд набуда, ба таври гуногун тавсиф ва тавзеҳ мешавад.

Ба ақидаи К.Маркс «ҳамагуна меҳнати бевоситаи ҷамъиятӣ ва ё муштараки дар миқёси калон амалишаванда, ба идоракуние эҳтиёҷ дорад, ки мувофиқати байни корҳои фардиро муқаррар намуда, вазифаҳои умумии дар натиҷаи ҳаракати ҳамаи сохторҳои истеҳсолӣ бавуҷудомадаро дар қиёс ба узвҳои мустақили он, иҷро мекунад» [123, с. 342].

Дар ҳуқуқи меҳнати муосир консепсияи «идоракунии меҳнат» (идоракунии муносибатҳои меҳнатӣ) яке аз мавзуъҳои асосии баҳсу баррасиҳои олимони соҳа гардидааст. Дар маҷмуъ, мафҳуми «идоракунии меҳнат» низоми ҳуқуқӣ ва ташкилии чорабиниҳоест, ки аз ҷониби субъектҳои идоракунӣ (давлат, корфармо, иттифоқҳои касаба ва дигар) татбиқ карда мешаванд. Мавзуи асосии ин тадбирҳо танзим намудани муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи меҳнат, аз ҷумла, таъмини босамари шуғли аҳолӣ, ташкили ҳифзи меҳнат, рушди касбии кормандон ва риояи қонунгузории меҳнат маҳсуб мешаванд.

Таърифи мазкур аз назари илми ҳуқуқ чунин ҷузъҳои асосии мафҳуми мазкурро ошкор мекунад:

1. Асосҳои ҳуқуқӣ. Идоракунии меҳнат бо қонунгузории меҳнат (масалан, Кодекси меҳнат, санадҳои зерқонунӣ), шартномаҳои байналмилалӣ (конвенсияҳои ТБМ) ва шартномаҳои коллективӣ асос меёбад.

2. Субъектҳои идоракунии меҳнат: мақомоти давлатӣ (Вазорати меҳнат, хадамоти шуғли аҳолӣ, хадамоти назорати меҳнат); корфармоён (ҷониби корфарморо шуъбаҳои кадрҳои ташкилот намояндагӣ мекунанд); намояндагони кормандон (иттифоқҳои касаба, коллективҳои меҳнатӣ);

3. Объекти идоракунии меҳнат: Муносибатҳои ҷамъиятии меҳнат дар бахши идоракунии он, аз ҷумла, муносибатҳои шароити меҳнат ва муҳофизати меҳнат, бозори меҳнат, омодасозии кадрҳо, танзими музди меҳнат ва ҳавасмандкунӣ, шарикии иҷтимоӣ.

3. Вазифаҳои идоракунии меҳнат: таҳияи меъёрҳо ва стандартҳои меҳнат, назорати риояи қонунгузории меҳнат, таҳияи сиёсати шуғл, таълими касбӣ, машваратӣ ва иттилоотӣ.

Дар муайян кардани мазмуну мафҳуми «идоракунии меҳнат» дар илми ҳуқуқ асосан се равиши илмӣ мавҷуд аст. Аз ҷумла, равиши маъмурию ҳуқуқӣ идоракунии меҳнатро ҷузъи фаъолияти маъмурии давлатӣ мешуморад. Ҳуқуқи меҳнат бошад ба танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва иштироки ҳамаи субъектҳои ҳуқуқи меҳнатӣ дар ин раванд нигаронида шудааст. Равиши муносибати иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ иштироки институтҳои ҷомеъаи шаҳрвандӣ, иттифоқҳои касаба ва шарикони иҷтимоиро дар идоракунии меҳнат таъкид мекунад.

Инчунин, дар шарҳи мазмуни мафҳуми идоракунии меҳнат ва сохтори он андешаҳои гуногуни олимон ба назар мерасанд. Ин ҷо мо таърифи умумӣ ва нуктаҳои асосии назари муҳаққиқони соҳаҳои гуногунро оид ба мавзуъи матраҳшуда баррасӣ мекунем.

Фредерик В.Тейлор ва дигар намояндагони мактаби ташкили илмии меҳнат «меҳнатро як қатор амалиётҳо ва вазифаҳое ҳисоб мекарданд, ки бояд ҷиддӣ таҳлил ва стандартизатсия карда шаванд, то ки ҳосилнокии меҳнат бо

мақсади зиёд намудани фоида ва некуаҳволии кормандон афзоиш дода шавад» [224].

А.К. Гастев ва мактаби советии ТИМ (ташкили илмии меҳнат) ба омили инсонӣ таваҷҷуҳи бештар дода, чунин мешуморанд, ки «самараи корманд аз тарбияи фарҳанги меҳнат ва интизоми шахсӣ оғоз меёбад» [101]. Олимони классики ин соҳа Анри Файоль (инженери конҳои франсавӣ, назариячӣ ва идоракунандаи меҳнат дар амалия, асосгузори мактаби маъмурии (классикӣ) идоракунӣ) ва Макс Вебер дар идоракунии меҳнат риояи қатъии иерархия (мартабот), танзимнамоӣ, тақсимоти вазифаҳо, интизом ва масъулиятро таъкид мекунанд. Ин принсипҳо ба идоракунии меҳнат дар ташкилот низ дахл ва вобастагӣ доранд. Ба ақидаи Анри Файол «вазифаи асосии идоракунӣ тақсимоти дақиқ ва ҳамоҳангсозии меҳнат, низоми ҳавасмандгардонӣ, интизом, банақшагирӣ ва назоратро дарбар мегирад» [225, с.174].

Ба назари Элтон Майо ва дигар намояндагони мактаби муносибатҳои инсонӣ «ҳосилнокии меҳнат натанҳо бо ташкили саъю кушиш, балки бо муносибатҳои байни одамон, таваҷҷуҳ ба омили инсонӣ, муносибати одилонаи роҳбарият нисбат ба кормандон муайян карда мешавад» [236, с.89-95].

Аз нуқтаи назари дигар олимони самти иҷтимоию иқтисодӣ ва идоракунӣ, махсусан Щекин Г.В., «меҳнат фаъолияти ба мақсад мувофиқ буда, мазмун, шакл ва робитаҳои иҷтимоию иқтисодиро муттаҳид мекунад. Идоракунии меҳнат ин - аз ҷиҳати илмӣ асоснок ташкил кардани он, таъмини самаранокии ҷойҳои корӣ, интизом, низоми пардохти музди меҳнат ва ҳавасмандгардониҳо мебошад» [159, с.576].

Идоракунии меҳнат мутобиқи назария ва ақидаҳои илмии муосир, ки доир ба идоракунӣ ташаккул ёфтаанд, ҳамчун як ҷузъи низоми иҷтимоию меҳнатӣ ба шумор меравад. Чунин назарро аксари муҳаққиқон дастгирӣ менамоянд. Онҳо ба идоракунии меҳнат масъалаҳои банақшагирии меҳнат, чорабиниҳои ташкилӣ, ҳавасмандгардонӣ, назорат ва истифодаи усулҳои

директивӣ, усулҳои иқтисодӣ-психологӣ ва усулҳои худидоракунии меҳнатро дохил менамоянд.

Масалан, Н.Г. Александров чунин мешуморад, ки давлат субъекти асосии идоракунист. Ба андешаи у, «идораи меҳнат пеш аз ҳама, фаъолияти давлатӣ оид ба нақшаи ташкили меҳнат ва тақсимоти меҳнат дар дохили хоҷагии халқ мебошад. Воситаи асосӣ қоидаҳои марказонидашуда мебошанд. Корфармо дар иҷрои ин вазифаҳо дар сатҳи корхона ҳамчун агенти давлат баромад мекунад. Бартарии асосӣ ба ягонагии идоракунии хоҷагӣ ва танзими ҳуқуқии меҳнат дода мешавад» [95, с.336].

А.С. Пашков, С.А. Иванов тарафдорони назарияи пайвастагии идоракунии давлатӣ ва дохилиистеҳсолӣ, чунин хусусияти дугонаи идоракунии меҳнатро таъкид мекунанд:

«- ҷамъиятию ҳуқуқӣ: давлат ҳадди ақалли ҳатмии кафолатҳо(ҳифзи меҳнат, вақти корӣ, ҳадди ақалли музди меҳнат)-ро муқаррар намуда, риояи онҳоро назорат мекунад;

- хусусӣ - ҳуқуқӣ (дохилиистеҳсолӣ): Корфармо раванди меҳнатро дар доираи муқаррарнамудаи давлат тавассути санадҳои дохилӣ, фармонҳо, шартномаҳои меҳнатӣ ташкил мекунад. Идоракунӣ дар ин сатҳ ваколати корфармо мебошад, ки аз моликият ва воситаҳои истеҳсолот бармеояд» [144, с.240].

А. М. Лушников, М. В. Лушникова (намояндагони назарияи комплексии муосир) дар масъалаи идоракунии меҳнат назарияи бисёрсубъектӣ ва шарикии иҷтимоиро дастгирӣ мекунанд. Онҳо идоракунии меҳнатро ҳамчун низоми динамикӣ, аз ҷумла таъсири мутақобилаи се субъекти асосӣ баррасӣ мекунанд:

«1. Давлат, ки «қоидаҳои бозӣ»-ро муқаррар мекунад, ҳуқуқҳои меҳнатиро кафолат медиҳад, риояи онҳоро назорат мекунад.

2. Корфармоён (иттиҳодияҳои онҳо), ки ташкили бевоситаи меҳнат ва идоракунии кадрҳоро ба амал мебароранд.

3. Кормандон ва намояндагони онҳо (иттифоқҳои касаба), ки дар идоракунӣ тавассути шартномаи коллективӣ бо назардошти фикру мулоҳизаҳо иштирок мекунанд, шарикии иҷтимоӣ» [120, с. 768].

Мавқеъи асосии онҳо ин аст, ки самаранокии идоракунии меҳнат танҳо дар сурати таъминшавии тавозуни манфиатҳо ва муколамаи иҷтимоии байни ин субъектҳо дар сатҳҳои гуногун: аз миллӣ то сатҳи маҳаллӣ метавонад ба даст ояд. Онҳо нақши танзими коллективӣ - шартномавиро ҳамчун усули асосии ҳамоҳангсозии манфиатҳо қайд мекунанд.

Баракси ин, Э.Н. Бондаренко идоракунии меҳнатро вазифаи корфармо мешуморад. Ба андешаи мавсуф идоракунии меҳнат ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ ваколатҳои корфарморо инъикос мекунад, ки онҳо дар қонунгузории меҳнат пешбинӣ шудаанд. Ин ҳуқуқҳо иборатанд аз:

- ҳуқуқи ташкил ва идоракунии меҳнат;

-ҳуқуқи талаб кардани иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ;

-ҳуқуқи ҳавасмандгардонӣ ва татбиқи ҷазоҳои интизомӣ.

-ҳуқуқи қабули санадҳои локалӣ (бо назардошти фикри иттифоқи касаба).

Муайян менамояд, ки «ин ҳуқуқ мутлақ набуда, бо қонунҳо, шартномаҳои коллективӣ, созишномаҳо маҳдуд шуда, барои ноил шудан ба мақсадҳои корфармо бо риояи ҳуқуқҳои кормандон нигаронида шудааст» [149, с. 223].

К.Н. Гусов, В.Н. Толкунова (ҷанбаи ташкилию ҳуқуқӣ) ягонагии усулҳои ҳуқуқӣ ва ташкилиро пешниҳод мекунанд. Онҳо таъкид мекунанд, ки «идоракунии меҳнат маҷмуъи тадбирҳои ташкилӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои ташкилот ва эҳтироми ҳуқуқи меҳнат истифода мешаванд» [148, с. 314]. Онҳо ба муносибати байни меъёри ҳуқуқӣ (муқаррар намудани замина) ва амалҳои ташкилии корфармо (ба амал баровардани ин меъёрҳо дар раванди муайяни меҳнат) таъкид мекунанд. Онҳо идоракуниро ҳамчун фаъолият оид ба татбиқи меъёри ҳуқуқи меҳнат дар ташкилоти мушаххас медонанд.

Л.Ю. Бугров ба сатҳи локалӣ (сатҳи ташкилот) ва чандирии идоракунии меҳнат ҳамчун воситаи чандиртарини мутобиқсозии меъёри умумӣ ба хусусиятҳои ташкилоти мушаххас таваҷҷуҳи бештар медиҳад. Проблемаҳои таносуби оптималии танзими мутамарказ ва локалии меҳнат, инчунин додани ваколатҳои идоракунии меҳнат дар дохили ташкилотро (ба сардорони шуъбаҳо) мавриди таҳқиқ қарор додааст. Мавсуф зарурати равишҳои чандириро дар идоракунии меҳнат дар шароити муосири иқтисодӣ таъкид мекунад [135, с. 236].

Муҳаққиқи барҷастаи рус Н.Л. Лютов ба равандҳои муосири бозори меҳнат таваҷҷуҳи махсус намуда, таъсири онҳоро ба идоракунии меҳнат ва ҳамзамон таъмини кафолатҳои ҳуқуқҳои меҳнатӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Номбурда аксар маврид усули муқоисавии ҳуқуқӣ, баҳодиҳии модели идоракунии меҳнатро дар заминаи стандартҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи кишварҳои дигар истифода бурда, дар бораи кофӣ будани механизмҳои мавҷудаи назорат ва муҳофизати меҳнат дар воқеъиятҳои нав масъалагузорӣ менамояд [169, с. 115-130].

Фаҳмидани таҳаввулоти ин ақидаҳо ва баҳсҳои мавҷуда ба мо имкон медиҳад, ки моҳият ва мушкилоти танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнатро дар марҳалаи ҳозира бештар таҳқиқ намоем.

Дар ин ҷо мо ба мубоҳисаҳои илмӣ ва мавқеи мушаххаси олимон вобаста ба танзими давлатии идоракунии меҳнат дар илми ҳуқуқшиносӣ таваҷҷуҳ хоҳем кард. Ин самт яке аз масъалаҳои мубрам, мусалламу ғайри гардидаст, ки  нақш, маҳдудият ва самарабахшии дахолати давлат ба муносибатҳои меҳнатиро дар бар мегирад.

Мушаххасоти мавқеъҳо ва баҳсҳои асосии илмӣ оид ба ин масъала аз инҳо иборатанд:

Намояндагони назарияи «Давлат ҳамчун кафили олии стандартҳои ҳадди ақал»: Н.Г. Александров (таърих), В.М. Лебедев [118, с. 43-72], ва қисман К.Н. Гусов чунин мавқеъро ҷонибдорӣ мекунанд, ки давлат ҳамчун субъекти асосӣ ва баҳснашаванда ҳадди ақалли ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва

кафолатҳоро муқаррар мекунад. Нақши он аз ҳимояи гуруҳи иштирокчиёни аз ҷиҳати иқтисодӣ осебпазир - кормандон аз амалҳои худсаронаи корфармо мебошад, ки ин ҳимоя тавассути татбиқи чораҳои зерин амалӣ мегардад:

- муқаррарсозии меъёри қатъии муҳофизати меҳнат, вақти истироҳат, ҳадди ақалли музди меҳнат.

- ташкили дастгоҳи васеъи назоратӣ (инспексияи меҳнат, прокуратура).

- маҳдудкардани озодии шартнома дар соҳаи меҳнат бо мақсади роҳ надодан ба бадтаршавии вазъи корманд нисбат ба шароитҳои муқарраркардаи Кодекси меҳнат.

Ин мавқеъро бо далели мавҷудияти анъанаи таърихии давлат, зарурати таъмини суботи иҷтимоӣ, ҳимоя аз истисмори меҳнатӣ дар шароити бесарусомониҳои иқтисоди бозоргонӣ, таъмини фазои ягонаи ҳуқуқӣ исбот менамоянд.

Вале, ба ин мавқеъ дигар олимон: Н.Л. Лютов, Э.Н. Бондаренко, А.М. ва М.В. Лушниковҳо мухолифат намуда, қайд мекунанд, ки чунин муносибат нодуруст аст, зеро он «бюрократикунонии муносибатҳои меҳнатӣ»-ро эҷод мекунад, намегузорад, ки ташаббусҳои корфармоён ва тағйирпазирии бозори меҳнат амалӣ шаванд. Ин гуна муносибат дигар дар шароити нави бозори меҳнат, ки шаклҳои нави шуғл: корҳои фосилавӣ, кор тавассути платформаҳо пайдо шудаaанд, корбар намешавад,  баракс боиси вайроншавии воқеии идораи меҳнат гардида, нақши танзими коллективӣ-шартномавиро коҳиш дода, онро дуюмдараҷа мегардонад.

Е.Н. Бондаренко, А.М. Куренной [199], Р.З. Лившиц [111], тарафдорони «гилотини танзимкунанда» чунин мешуморанд, ки нақши давлат бояд камтарин бошад ва танҳо ба муқаррар намудани кафолатҳои заминавӣ ва асосӣ (манъи меҳнати маҷбурӣ, табъиз, меҳнати кудакон; ҳадди ақалли бехатарӣ) маҳдуд карда шавад; таъмини механизми самарабахши ҳалли баҳсҳо (судҳо, арбитражҳои меҳнатӣ); муҳайё кардани шароит барои шарикии иҷтимоӣ ва танзими коллективӣ-шартномавӣ ҳамчун воситаи

асосии идоракунии меҳнат; паст кардани фишори маъмурӣ (назорат «аз рӯйи шикоят», равиши ба хавф асосёфта).

Онҳо мавқеъи худро дар баланд бардоштани рақобатпазирии тиҷорат; ҳавасмандгардонии тағйирпазирии бозори меҳнат; озод кардани муносибатҳои меҳнатӣ аз бюрократизми зиёдатӣ; пурзур намудани нақши воқеии шартномаҳо (меҳнатӣ ва коллективӣ) ҳамчун воситаи худтанзимкунии тарафҳо асоснок мекунанд.

М.В. Лебедев, А.М. ва М.В. Лушниковҳо, К.Н. Гусов ва мутахассисони иттифоқҳои касаба ба ақидаи боло мухолиф буда, чунин мешуморанд, ки ин тарзи идоракуниии меҳнат муҳофизати кормандонро бахусус дар иттифоқҳои касабаи соҳавии рушднаёфта ва гурӯҳҳои осебпазир коҳиш медиҳад; ба пошхурии меъёри меҳнат, мусобиқа барои паст намудани сатҳи кафолатҳои меҳнатӣ оварда мерасонад; тавозуни қувваҳоро байни кормандон ва корфармо сарфи назар мекунад, танзими шартномавиро вайрон ва дар маҷмуъ суботи иҷтимоиро халалдор мекунад.

Мубоҳиса дар мавриди мавқеи давлат дар идоракунии меҳнат идома ёфта, гурӯҳи дигари олимон, ки аз назарияи «Давлат ҳамчун иштирокчии баробарҳуқуқи муколамаи иҷтимоӣ ҷонибдорӣ менамоянд, ба ақидаи хул устувор боқӣ мемонанд. Онҳо: А.М.Лушников, М.В.Лушникова, И.Я. Киселев [112], С.Ю. Головина бар онанд, ки «давлат яке аз се субъекти баробарҳуқуқи идоракунии меҳнат дар баробари иттиҳодияҳои корфармоён ва кормандон (иттифоқҳои касаба) мебошад»[114]. Воқеан ҳам нақши давлат дар ин масъала бориз буда, онро наметавон истисно кард. Ин нақши давлат дар ташаббуси он барои баргузор намудани муколамаҳои иҷтимоӣ ва дастгирии он дар ҳама сатҳҳо (сатҳи миллӣ, комиссияҳои минтақавию соҳавӣ); муқаррар намудани “қоидаҳои бозӣ” барои гуфтушунидҳои коллективӣ ва ҳалли баҳсҳо; кафолати риояи шартномаҳо ва созишномаҳои коллективии басташуда, илова намудан, иваз накардани танзими коллективӣ-шартномавӣ, вогузор намудани фазои васеътар барои шарикии иҷтимоӣ (хусусан дар сатҳи соҳавӣ ва минтақавӣ); амалӣ намудани танзими

оқилона ба ризояти трипартизм асосёфта ифода мегардад. Мавқеи худро ба он асоснок мекунанд, ки чунин идоракунии меҳнат ба стандартҳои байналхалқии меҳнат мувофиқат мекунад. Таъкид мегардад, ки идоракунии меҳнатро танҳо бо идоракунии захираҳои меҳнатӣ маҳдуд намудан мумкин нест: он тамоми раванди меҳнат – захираҳои меҳнатӣ, воситаҳо ва олоти меҳнат, инчунин таъсири онҳо ва омилҳои беруна, аз ҷумла қонунгузорӣ ва шароити бозорро дар бар мегирад. Маҳз чунин низоми маҷмуи идоракунии меҳнат дорои ҳамаи ҷузъиёти ин раванд мебошад.

Инчунин, мубоҳисаҳои зиёд дар хусуси ҳадди дахолати давлатӣ дар идоракунии меҳнат ҷой дорад. Мавзуъи баҳс ин аст, ки то чӣ андоза идоракунии меҳнат бояд дар сатҳи давлатӣ сурат бигирад ва кадом ҳаҷми он бояд ба сатҳи шартномаҳо ва созишномаҳои коллективӣ ва санадҳои локалии корфармо дода шавад. Дар ин масъала В.М. Лебедев ба нигоҳ доштани ҳадди ақалли муқарраркардаи Кодекси меҳнат ва шартномаҳо танҳо ба шарти беҳтар намудани вазъияти корманд, такя мекунад. Л.Ю. Бугров, А.М. Куренной, Э.Н. Бондаренко, ки мавқеъи «ғайримарказикунонии фасеҳ» - ро дастгирӣ намуданд, чунин мешуморанд, ки васеъ намудани доираи танзими диспозитивӣ (ҳаволакунанда) дар Кодекси меҳнат, имкон медиҳад, ки шартномаҳои коллективӣ ва санадҳои меъёрии локалӣ аз меъёри императивии (ҳатмии) Кодекси меҳнат ба самти беҳтарсозӣ ва ё бадтарсозии ҳуқуқҳои меҳнатӣ озод шаванд (ба ҳадди оқилона ва бо ризояти иттифоқҳои касаба), агар ин бо дигар имтиёзҳо ҷуброн карда шавад (музди меҳнати зиёдтар, мукофотпулӣ). Ҳадаф мутобиқшавӣ ба хусусияти фаъолияти соҳа ва корхона мебошад.

Инчунин, шаклҳои нави меҳнат (рақамикунонӣ, платформаҳо) дар идоракунии меҳнат ва танзими давлатии он мушкилоти навро ба вуҷуд оварда истодаанд. Мушкилот дар он аст, ки танзими анъанавии давлатӣ, ки ба модели шартномаи стандартии меҳнатӣ бо як корфармо дар ҷои кор асос ёфтааст, ба воқеъияти нав мувофиқат намекунад. А.М. Лушников, С.Ю. Головина чунин мешуморанд, ки меъёри мавҷудаи Кодекси меҳнатро (дар

бораи кори фосилавӣ, назорати корфармо) нисбат ба шаклҳои нави меҳнат шарҳ додан зарур аст. Муҳофизати маълумоти кормандон бояд пурзӯр карда шавад. Аммо, Н.Л. Лютов, Г.С. Скачкова [212] чунин мешуморанд, ки барои ин танзими махсус зарур аст: дар Кодекси меҳнат ва қонунҳои соҳавӣ бобҳои нав лозиманд, ки мақоми махсусро (масалан, «корманди платформа») бо кафолатҳои гибридӣ (на бастаи пурраи иҷтимоӣ, балки кафолати пардохт, амният, маҳдудиятҳо дар идоракунии алгоритмӣ) эҷод мекунанд. Аммо, Э.Н. Бондаренко бар ин назар аст, ки барои рушди шаклҳои нав дар асоси шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ, давлат танҳо бояд ба таври возеҳ меъёри фарқияти шартномаи меҳнатӣ аз шартномаи гражданӣ – ҳуқуқиро муқаррар намояд, муҳофизат аз суистифодаҳои ошкорро дар он таъмин намояд [149].

Ба проблемаҳои идоракунии меҳнат дар шароити рушди зеҳни сунъӣ муҳаққиқони тоҷик таваҷҷуҳи хоса доранд. Бахсус дар асари олимони тоҷик Қ.Х. Абдураҳмонов ва Қ.Х. Хушвахтзода [91,с. 625] чолишҳои нав дар идоракунии меҳнат бар асари таъсири зеҳни сунъӣ ва гузариш ба иқтисоди рақамӣ таҳқиқ шудаанд. Онҳо ба ин назаранд, ки: «технологияҳои муосир таъсири назаррас ба бозори меҳнат доранд, онро бо суръати баланд табдил медиҳанд. Ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ ва системаҳои зеҳни сунъӣ ба табдилоти босуръати соҳаи меҳнат оварда мерасонад. Ин раванд на танҳо ширкатҳои алоҳида, балки тамоми соҳаҳоро фаро мегирад, моделҳои тиҷоратӣ, равандҳои корӣ ва принсипҳои ҳамкории байни иштироркчиёни бозорро тағйир медиҳад» [91, с. 60].

Мубоҳисаҳо дар ин мавзӯъ чандин саволҳои муҳимми идоракунии меҳнатро ба миён овардаанд.

**Таҳқиқи мазмун ва мундариҷаи мафҳуми ҳуқуқии идоракунии меҳнат ва низоми он имкон медиҳад, ки чунин хулоса кард:**

1. Дар илми ҳуқуқшиносии муосир нуқтаи назари ҳамаҷонибаи идоракунии меҳнат ҳамчун низоми бисёрсатҳа ва бисёрсоҳавӣ, ки ба принсипҳои шарикии иҷтимоӣ асос ёфтааст, бартарӣ дорад. Ба андешаи мо гарчанде ҳуқуқи корфармо дар идоракунии кормандон ҳамчун асос эътироф

карда мешавад, аммо он бояд салоҳияти мутлақ ҳисобида нашавад. Мувозинати он тавассути муқаррарсозии меъёри ҳатмии давлат (қонунгузорӣ); бастани шартномаи коллективӣ; иштироки намояндагони кормандон дар идоракунии меҳнат ва таъмини кафолатҳои ҳуқуқҳои меҳнатии фардӣ зарур мебошанд.

2. Ба назари мо, набояд мафҳуми «идоракунии меҳнат» бо мафҳуми «ташкили меҳнат» омехта карда шавад. Идоракунии меҳнат мафҳуми васеътар буда, он ҳам танзими ҳуқуқӣ ва ҳам ҷанбаҳои иҷтимоии онро фаро мегирад. Ташкили меҳнат танҳо ҷанбаҳои техникӣ, технологӣ ва иқтисодии (тақсимоти вазифаҳо, муътадилсозии равандҳо, стандартикунонӣ) меҳнатро дар бар мегирад.

3. Ба андешаи мо таҳрири зайли мафҳуми “идоракунии меҳнат” мазмуни ҳуқуқии ин мафҳумро пурратар ифода мекунад: «**Идоракунии меҳнат** - маҷмуъи тадбирҳои ҳуқуқӣ ва ташкилиеро дар бар мегирад, ки аз ҷониби субъектҳои идоракунӣ (давлат, корфармоён, иттифоқҳои касаба ва ғайра) дар сатҳи мутобиқ барои ба танзим даровардани маҷмуи масъалаҳои меҳнат, аз ҷумла таҳия ва қабули санадҳои хусусияти меъёрии ҳуқуқӣ ва ташкилидошта дар соҳаи меҳнат, бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, ҳифзи меҳнат ва назорати риояи қонунгузории меҳнат амалӣ карда мешавад».

4. Дар шароити муосир институти идоракунии меҳнат таҳти таъсири равандҳо ва омилҳои гуногун рушд ёфта истодааст, ки мавзуъи танзими минбаъдаи он аз шаклгирии муносибатҳои нави ҳуқуқии ин бахш вобастагӣ дорад. Бо назардошти самтҳои ташаккули муносибатҳои меҳнатӣ ва равандҳои муосири таъсиррасон ба онҳо, ба андешаи мо айни замон масъалаҳои зерини идоракунии меҳнат таҳқиқи пурраи илмиро тақозо мекунанд:

-мушкилоти таъмини мувозинати манфиатҳои субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ дар шароити нав. Масъалаи мазкур тақозо мекунад, ки усулҳои муосири танзими муносибатҳои байни “корфармо” ва “корманд” ҷустуҷӯ ва дарёфт карда шаванд, ки метавонад ба манфиатҳои корфармо

(самаранокии натиҷаҳои меҳнат) ва таъмини сатҳи кафолатҳои ҳуқуқии корманд (таъмини шароити муносиби меҳнат, иштирок дар идоракунии меҳнат) ҷавобгу бошанд;

-нақши субъекти шарикии иҷтимоӣ: Аҳаммияти иттифоқҳои касаба ва дигар мақомоти намояндагии кормандон дар низоми идоракунии меҳнат;

- таъмини мутобиқат ва устувории идоракунии меҳнат дар шароити нав: Коркарди моделҳои нави идоракунии меҳнат, ки ба талаботи нави бозори меҳнат, шаклҳои нави шуғл мутобиқ буда, корбурди онҳо дар идоракунии меҳнат ба устувории муносибатҳои меҳнатӣ ва таъмини сатҳи кафолатҳои кормандон халал нарасонад;

-таъмини ҳадди идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ: Санадҳои корфармо дар идоракунии меҳнат дар сатҳи ташкилот бояд бидуни вайрон кардани қоидаҳои ҳатмии қонун ва бидуни бадтар кардани вазъи корманд дар қиёс ба созишнома ва шартномаи коллективӣ ба андоза амиқ ва дақиқ танзим карда тавонанд;

- рақамикунонӣ: Таъсири технологияҳои нав (кори фосилавӣ, идоракунии алгоритмӣ, платформаҳо) ба моделҳои анъанавии идоракунии меҳнат ва назорати кормандон.

- таносуб ва пайвастагии танзими идоракунии давлатӣ - хусусии меҳнат: Зарур аст, ки робитаи доимӣ ва марзҳои танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар мавзуи ҳуқуқи давлатӣ ва ҳуқуқи хусусӣ мушаххас карда шавад.

5. Ба андешаи мо нуқтаи назари бартаридошта доир ба идоракунии меҳнат ин зарурати танзими оқилона ва мутавозини он мебошад, ки ба принсипҳои муколамаи сеҷониба асос ёфта, кафолати устувори ҳуқуқҳои асосӣ ва тағйирпазирии онҳоро дар ҳама сатҳҳо: сатҳи миллӣ; сатҳи соҳавӣ, сатҳи минтақавӣ ва сатҳи локалӣ (ташкилот) таъмин карда метавонад. Аммо, тавре таҳқиқот нишон медиҳад дар амалия шиддати мухолифати байни тарафдорони назорати мутамаркази идоракунии меҳнат ва талаботи чандирии бозор боқӣ мемонад ва механизмҳои мавҷуда бошанд самараи

дилхоҳ надоранд. Мушкилоти рақамикунонии меҳнат боиси боз ҳам мураккаб гардидани муъаммоҳои ҷойдошта дар ин муносибатҳо мешавад, ки чунин вазъият аз илм ва қонунгузорӣ роҳҳалҳои наву ғайристандартии ҳалли онҳоро талаб мекунад.

### 1.2. Пайдоиши нахустин ниҳодҳои идоракунии меҳнат ва таҳаввулоти онҳо

Идоракунии меҳнат вазифаи асосии ҳар як низоми мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Зимнан, таҳқиқу баррасии шаклҳои асосии мақомоти ибтидоии идоракунии меҳнат ва таҳаввули онҳо аҳаммияти муҳимми илмии таърихӣ-ҳуқуқӣ дорад. Бо назардошти ин мақсади таҳқиқоти мазкур таҳлили шаклҳои ибтидоии ин мақомоти идоракунии меҳнат, вазифаҳо, таҳаввулоти онҳо ва манбаъҳои танзимкунандаи онҳо баҳри ошкор кардани ҳақиқати илмӣ зарур мебошад.

Меҳнат ҳамчун авлавийяти соҳаи фаъолият аст, ки инсонро аз дигар махлуқоти зинда ҷудо намуда, мақоми махсусро дода, дар ҳаёти инсон нақши ҳалкунандаро дорад. Ин андешаро эътироф намуда, мо бояд сабабу омилҳои пайдоиши меҳнат ва алоқамандии онро бо фаъолияти инсон ва пайдоиши ҷомеъа ошкор намоем. Албатта, ин масъала мавриди омӯзиши даҳҳо олимони ҷомеъашинос буда, махсусан дар таълимоти марксистӣ ва динӣ ба таври ҳадафрас таҳлил шудааст. Ба андешаи марксизм, ба вуҷуд омадани олоти меҳнат, машғул гаштан ба меҳнат, ба роҳ мондани чорвопарварӣ, шикор, минбаъд боғдориву зироаткорӣ, яъне истеҳсолот заминаҳои объективӣ дошта, бо кам шудани неъматҳои моддии табиӣ ва зиёд шудани нуфуси одамон зарурати объективӣ мегардад. Гузариш аз иқтисодиёти танҳо истеъмоли неъматҳои табиӣ ба иқтисодиёти истеҳсолӣ, яъне парвариши ҳайвонот, боғдорӣ ва санъати коркард, киштукори замин марҳилаҳои эътироф намудани меҳнат ҳамчун омили рушди инсоният дар ҷомеъаи инсонӣ буда, ба таври мунтазам инсоният меҳнатро ҳамчун самти муҳимтарини фаъолияти худ қарор медиҳад.

Дар шароити ҷомеъаҳои аввалини баробарон, дар муносибати байни одамон, аслҳои бародариву баробарӣ ва адолат ҳукмрон буд, ки он дар адабиёти илмӣ ҳамчун марҳилаи ҷомеъаи ибтидоӣ эътироф мегардад. Машғул шудан ба меҳнат зарурати иҷтимоӣ гардида, барои зинда мондани оила, авлод ва қабила равона шуда буд. Зарурат инсонро ба меҳнат кардан маҷбур намуд, ҳарчанд дар ин марҳилаи ҳаёти инсонҳо меҳнат кардан фаъолияти ихтиёрӣ ва фаъолияти ашхосси баробар, бе истифодаи ягон механизми маҷбурсозӣ буд. Меҳнат карданро барои оила, авлоду қабила, яъне барои ҷамъият меъёри одату анъана ва ахлоқ низ талаб мекарданд.

Ҳамин талабот аз ҷониби динҳои аввалини монотеистӣ низ эҳсос гардида, дар китобҳои динӣ инъикос мегардад. Масалан, дар китоби зардуштия «Авесто» оид ба намудҳои гуногуни фаъолияти меҳнатӣ ва танзими он сухан меравад. Авесто коркарди замин, шудгор кардани заминро аз рост ба чап ва аз чап ба рост кори хайр мешуморад. Дар таълимоти зардуштӣ кишоварзӣ мавқеъи муҳимми диниро дорад. Аз ин хотир, муҳаққиқон «Авесто»-ро дини кишварзон – яъне мардуми бумию муқимӣ ва бо киштукори замин вобаста мешуморанд. «Авесто» се шиори бузурги динӣ «Пиндори нек», «Гуфтори нек» ва «Рафтори нек»-ро асоси ахлоқии рафтори ҷамъият эътироф намуда, меҳнати кишоварзро ба кори хайр, яъне амали нек баробар менамояд. Яъне, мубаллиғони зардуштӣ дуруст дарк мекарданд, ки меҳнат заминаи истеҳсолоти неъматҳои моддӣ ва асоси зиндагонии инсоният, мавчудияти ҷамъият, дин, ҳокимият ва давлат аст.

Соли нави ориёӣ, «Наврӯз» низ бо ҷамоъаи кишоварзон сахт алоқаманд буда, беҳуда нест, ки ба баробар омадани шабурӯзи баҳорӣ ва оғози айёми кишту кори баҳорӣ рост меояд. Ҷашни Наврӯз низ шахсро барои кору заҳмат, ободнамудани кишвар, киштукор, меҳнат раҳнамун месозад.

Падидаи идоракунии меҳнат дар кишварҳои Шарқ то пайдоиши давлат ба вуҷуд меояд. Албатта, инсоният аз марҳилаи ҷудо шудан аз рама ба меҳнат машғул буд. Талабот ба меҳнати якҷоя агар ба назарияи ирригатсионии пайдоиши давлат дар Шарқ назар кунем, пас, тибқи ин

назария талабот ба об зарурати сохтани ҷую каналҳо, ба таъсиси низоми объёрикунӣ замина гузошт, ки дар ҷараёни он ба идоракунии меҳнат аз ҷониби шахсони алоҳида бо мақсади сафарбарсозии аҳолӣ ба кори фоиданоки ҷамъиятӣ боис гардид. Дар ҷараёни меҳнати якҷоя ҷуйҳо канда, об ба ҷои даркорӣ расонида мешуд. Раванди сохтмон ва таъмири ҷуйҳо меҳнати доимиро талаб мекард. Аз ин сабаб, идоракунии меҳнати аҳолӣ барои кандану таъмир, дар ҳолати лозима нигоҳ доштани низоми объёрӣ идоракунии доимиро талаб мекард. Ҳамин талабот сабаби пайдоиши ҳокимияти ҷамъиятӣ ва минбаъд ҳокимияти давлатӣ мегардад. Яъне, талаботи мушаххас оид ба қонеъ намудани аҳолӣ ба воситаи меҳнати якҷоя заминаи таъсиси ҳокимият, минбаъд ҳокимияти давлатӣ мегардад.

Бояд зикр карда шавад, ки меҳнат кардан, фаъолияти ҷамъиятӣ, яъне амалияи ҳар фарди ҷомеъа буда, фаъолияти аъзои ҷомеъаро талаб мекунад. Дар баробари ин, меҳнат кардан бо идоракунии меҳнат вобаста аст. Зарурати меҳнати якҷоя кори роҳбариву идоракунии меҳнатро ба вуҷуд меоварад.

Тибқи сарчашмаҳои таърихӣ дар ҷамъиятҳои пеш аз капиталистӣ (дунёи қадим, давраи антиқа, даврони бостон, асрҳои миёна-қуруни вусто) чун замони ҳозира мақомоти махсуси давлатии идоракунии меҳнат вуҷуд надоштанд. Ба ҷои ин мақомот вазифаҳои ташкил, танзим, баҳисобгирӣ ва назорати меҳнат дар сохторҳои мавҷудаи ҳокимият - бюрократияи давлатӣ, муассисаҳои динӣ, ҳокимони  шаҳрҳо ва мулкҳои феодалӣ муттаҳид карда шуда буданд [226].

Деспотҳои Шарқи қадим (Миср, Байнаннаҳрайн) мақомоти калидии маъмурияти шоҳӣ/фиръавнӣ буданд. Нақши марказиро амалдорон - нозирон ('imy-r k3wt' - «сардори кор» дар Миср; 'ugula' - «нозир» дар Шумер) ва котибон («sesh» дар Миср; «dub-sar» дар Байнаннаҳрайн) мебозиданд [226].

Вазифаҳо ва усулҳои идоракунии меҳнат асосан аз сафарбар кардан ва тақсими захираҳои меҳнатӣ иборат буданд. Ташкили гуруҳҳои бузурги меҳнатӣ ('corvée') барои лоиҳаҳои давлатӣ (аҳромҳои Гиза, зиггуратҳои Ур, системаҳои обёрӣ) яке аз аввалин низомҳои корфармоӣ маҳсуб мешавад. Он

бо усули меҳнати маҷбурӣ сурат гирифта, асосан деҳқонони навбатдор («бару» дар Бобул), асирони ҳарбӣ, ғуломон истифода мешуданд. Масалан, дар «Стеллаи гуруснагӣ» [222] аз тамоми гушаю канорҳои мамлакат ба сохтмони маъбадҳои назди Джосер сафарбар карда шудани одамон зикр ёфтааст. Барои баҳисобгирии кормандон, вақти корӣ ва ҳисоби он аз ҷониби нависандагон феҳристи муфассали коргарон, рӯзҳои кор, хурокии додашуда (гандум, оби ҷав, равған, либос, асбобҳо) дар папирусҳо ва лавҳаҳои гилӣ сабт ва нигоҳдорӣ мешуданд. Мисол, папируси Рейснер (Миср, сулолаи 12) супоришҳои ҳаррузаи дастаҳои бинокориро қайд мекард [229].

Назорат ва интизоми меҳнат низ ба роҳ монда шуда, назоратчиён иҷрои меъёри истеҳсолӣ ва риояи намудани интизомро таъмин менамуданд. Ҷазо барои риояи накардани интизоми кор, квота ё гурехтану фирор аз кор вазнин буда, он дар шакли ҷазои ҷисмонӣ (лату кӯб) ё кам кардани ғизои корманди гунаҳкор татбиқ мегардид. Дар маъхазҳои расмҳои деворӣ аксар вақт нозиронро бо чубдаст (дурра) тасвир мекунанд.

Баъдан иқтисодиёти маъбадҳо ҳамчун маркази иқтисодӣ шакл гирифта, баҳраварони асосии кори кироя буданд. Ба сифтаи мақоми асосии идоракунандаи ин муносибатҳо коҳинон ва маъмурони маъбад баромад мекарданд. Вазифаҳо ва усулҳои идоракунии ин муносибатҳо оҳиста оҳиста рушд ёфта, ба идоракунии заминҳои васеъ, устохонаҳои ҳунарӣ, рамаҳои ба маъбад (худо) тааллуқдошта табдил гардиданд. Ҳам аҳолии вобаста (ғуломони маъбад, \`širku\` дар Байнаннаҳрайн) ва кормандони озод: иҷорагирони замини маъбад, кормандони кирояи мавсимӣ ба кор қабул карда мешуданд. Пардохти музди меҳнат бо усули натуравӣ (аслӣ, молӣ) аз захираҳои маъбад амалӣ карда мешуд [233].

Маъбадҳо бузургтарин корфармоён ва хадамоти агентҳои иқтисодии замони худ буданд. Дар бойгонии маъбадҳои давраи Ур III (2100-2000 пеш аз милод) ҳазорҳо сабти тақсими ғизо ба кормандон маҳфуз аст [234].

Аввалин намунаи танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат бандҳои Кодекси Ҳаммурапи (Вавилон, тахминан 1754 пеш аз милод) маҳсуб

мешавад, ки ҳамчун сарчашмаи асосии меъёрҳо оид ба меҳнат дорои муқаррароти мушаххас аст. Дар он масъулият барои сифати кор (§§ 228-233) муқаррар шудааст, ки тибқи он бинокоре, ки хонаи сохтааш фурӯ рехт ва соҳиби онро кушт, ба марг маҳкум мешуд. Киштисозе, ки киштии сохтааш аз кор мебаромад, вазифадор буд, ки киштиро аз ҳисоби худ таъмир намояд. Музди меҳнат (§§ 257, 261, 273, 274) тибқи меъёри муқарраршудаи нуқра барои деҳқон 8 “gur” ғалла дар як сол, усто/дуредгар 5-6 “шекел” нуқра дар як сол муқаррар шуда, чупон дар сол 8 “gur” ғалла мегирифт [231].

Доир ба танзими шуғли косибон, кишоварзон, судҳо, масъулият барои талафоти мол/чорво (§§ 258-277) дар ин сарчашмаҳо меъёри мушаххас пешбинӣ шудаанд. Тибқи он ба кормандони кироя метавонист бо гандум музд дода шавад. Ҳолати ҳуқуқии ғуломон ҳамчун қувваи кории асосӣ (харид, тамға, ҷазо барои паноҳгоҳ додан ба ғуломи гурехта) (§§ 15-20, 278-282) муфассал танзим шудаанд [230].

Қонун асосан ҳамчун воситаи танзими давлатии муносибатҳои меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи моликияти корфармоён ва баҳри таъмини тартиботи ҷамъиятӣ хизмат мекард.

Дар давлат ва ҷамъияти Рими қадим мақомоти асосии идоракунанда ин Магистрҳо (`aediles`) маҳсуб мешуданд. Онҳо: бозор, аз ҷумла нархҳо, таъминоти нон дар шаҳр (`annona`), тартиботро дар савдо ва ҳунармандӣ назорат мекарданд, ки ба таври ғайримустақим ба шароити кор ва шуғл таъсир мерасонанд [220].

Преторҳо ('praetores') метавонистанд баҳсҳоро дар бораи шартномаҳои меҳнатӣ баррасӣ кунанд ('locatio conducio operarum' - киро кардани хизматрасониҳо). Коллегия ('Collegia'), онҳо ба унвони ҷамъиятҳои динӣ-дафнӣ ба вуҷуд омадаанд, вале дар охири Ҷумҳурӣ ва ибтидои Империя ба иттиҳодияҳои муҳимми касбӣ (ҳунармандон, савдогарон, «collegia fabrum» - бинокорон, «collegia nautarum» - киштисозон) табдил ёфтанд. Вазифаҳои онҳо аз танзими дастрасӣ (шогирдӣ, пардохтҳо); муқаррар намудани меъёри сифат ва қоидаҳои ҳунармандӣ; таъсир ба нархҳо ва даромади аъзоён;

дастгирии иҷтимоӣ аз ҳисоби фондҳои маросими дафн (collegia funeraticia) иборат буданд. Нақши онҳо хамчун иттифоқҳои касабаи прото-касаба, масалан, дар шӯриши косибон дар замони Нерон зоҳир гардид [227].

Маъмурони ('Vilici') Латифундия меҳнати оммаи бузурги ғуломон ('servi') ва минбаъд - колоннҳо («колонн» - иҷорагирони вобаста)-ро ташкил карданд. Онҳо аз низоми мураккаби ҳавасмандкунӣ ва ҷазодиҳӣ истифода мебурданд [232].

Дар охири Империя (асрҳои 3-4-уми милод) барои таъмини артиш корхонаҳои давлатӣ ('Fabricae') арзи вуҷуд намуданд. Онҳоро амалдорони аз ҷониби император таъйиншуда идора мекарданд. Меҳнати косибони вобаста (облигати), ки аксар вақт меросӣ буданд, ба крепостнои давлатӣ шабоҳат дошт [236].

Дар низоми коргоҳҳои асримиёнагӣ усули худидоракунии корпоративӣ рушд ёфта мақоми асосии идоракунанда худи коргоҳҳо (пиронсолон / сарустоҳо) ва шури шаҳр / магистратҳо буданд. Вазифаҳои коргоҳҳо бо Оиннома (Zunftordnungen) танзим карда мешуданд [223]. Вазифаи онҳо назорати қатъии кор дар коргоҳҳо буд. Мисол, тибқи оинномаи онҳо барои устод шудан як қатор шартҳо муқаррар шуда буданд, аз ҷумла эҷоди «шоҳасар» ('Meisterstück'), пардохт кардан ва зиёфат додан лозим буд. Низомнома оид ба истеҳсолот меъёри сифати ашьёи хом ва маҳсулоти тайёр, ҳаҷми истеҳсол (барои пешгирӣ аз истеҳсоли моли барзиёд), ҷараёни технологӣ, давомнокии рузи корӣ (аз субҳ то шом, бо танаффус), манъ кардани кор дар зери рушноии сунъӣ ва дигар равандҳои корро танзим мекард. Нарх ва музди меҳнат, аз ҷумла муқаррар кардани нархҳои одилона ('gerechter Preis') ва меъёри муқарраршудаи музди меҳнат барои ҳунармандон назорат карда мешуд. Рақобати ғайримунсифона, ғорати мизоҷон, паст кардани нарх манъ карда мешуд. Ба масъалаҳои таъминоти иҷтимоӣ низ дар низомнома диққат дода мешуд. Хазинаи кумаки ҳамдигарӣ, аз ҷумла ба беморон, маъюбон, устоҳои куҳансол, бевазанон ва ятимони аъзои коргоҳҳо, ташкили маросими дафн ва ёдбуд амал мекард. Суди коргоҳҳо ба баҳсҳои

байни аъзо, вайрон кардани оиннома (истеҳсоли моли бесифат, камандозагирӣ, вазни кам) ҷарима таъин мекард [228].

Вазифаҳои намояндагӣ аз манфиатҳои ҳунармандон дар назди шури шаҳрӣ ва лорд низ амал мекард. Шурои шаҳрӣ низомномаҳои коргоҳҳоро тасдиқ мекард. Баҳсҳо байни коргоҳҳо ё байни коргоҳ ва истеъмолкунандаро ҳалл мекард. Кори коргарони кирояи берун аз системаи коргоҳ (коргарони рӯзона, коргарони беихтисос), баъзан муқаррар намудани ҳадди баландтарини музди меҳнати коргаронро пас аз эпидемияҳо танзим мекард [239].

Пайдоиши амволи феодалӣ дар ибтидо ба идоракунии меҳнат дар хоҷагиҳои кишоварзӣ замина гузошт. Мақомоти асосии идоракунандаи ин раванд Сеньор (Лорд) ва маъмури ӯ (Байлиф/Bailiff) дар Англия, Сенешаль (Seneschal) дар Франсия ва Фогт (Vogt) дар Олмон буданд. Вазифаҳои ин мақомҳо аз ташкили меҳнати маҷбурии деҳқонони вобаста (вилинҳо, крепостнойҳо) дар заминҳои лорд ('demesne') дар як ҳафта чанд рӯз иборат буд [219]. Маъмур тибқи нақшаи кор (шудгор, кишт, дарав, сохтмон, интиқоли маҳсулот) супоришҳоро дар байни хоҷагиҳои кишоварзӣ тақсим мекард. Ҷамъоварии андоз (квитрент 'cens', 'champart', 'рента') бо таври натура (молӣ, аслӣ) аз маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла гандум, чорво, парранда, мол ё квитренти пулӣ аз заминҳои деҳқонӣ сурат мегирифт. Баҳисобгирии муҳосибиро мудир ё корманди махсус амалӣ мекард. Инчунин, ин мақомҳо идоракунии заминҳои ҷамъиятӣ, назорати риояи қоидаҳои истифодабарии ҷангалзор, чарогоҳҳо ва обанборҳо, ситонидани ҷарима («чеваж», «паннаге») барои риояи накардани қоидаҳоро ба зимма доштанд [221].

Суди вотчина (манориалӣ 'cour seigneuriale') ҳама парвандаҳои марбут ба амволи ғайриманқул, аз ҷумла баҳсҳо дар бораи сарҳадди қитъаҳо, иҷро накардани боршин (корвеж) ё напардохтани андоз (квитрент), вайрон кардани қоидаҳои истифодаи заминро баррасӣ мекарданд. Судяҳо худи лордҳо ё маъмурони онҳо буданд [238].

Пайдоиши нахустин мақомоти идоракунии меҳнат дар Осиёи Марказӣ, бахусус Тоҷикистон асосан ба давраи пас аз Инқилоби октябр – солҳои 20-ӯми асри гузашта рост меояд. То ин давра танзими масъалаҳои меҳнат хосси хусусиятҳои ҷомеъаҳои ибтидоӣ, ғуломдорӣ ва феодалӣ буда, чанд марҳилаи таҳаввулоти таърихиро аз сар гузаронидааст.

Омӯзиш ва таҳлили як қатор ниҳодҳои ҷамъиятие, ки дар осори таърихӣ ва таҳқиқоти илмӣ аҳёнан номбар шудаанд, нишон медиҳад, ки онҳо дар ҷараёни танзиму ҳифзи меҳнат дар асрҳои миёнаи ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ нақши муҳиммеро соҳиб буданд. Яке аз ҳамин падидаҳои муҳимм - ниҳоди ҷамъиятии раис ё раиси ин ё он касб мебошад, ки дар адабиёти илмӣ низ таҳқиқоте нисбат ба он мушоҳида мешавад [206,105,204].

Бояд қайд намуд, ки дар самти идоракунии меҳнат низ падидаҳои мушаххасу аҷибе дар асрҳои миёна (мумкин пештар аз он) таъсис ёфтанд, ки то имрӯз ҷомеъаро ба ҳайрат мегузорад. Яке аз ин гуна падидаҳо – таъсиси падидаи “**Раиси касаба**” будааст.

Маълум аст, ки ҷомеъаи мароҳили бостонӣ, асрҳои миёна ва нав ҷомеъаи табақавӣ - касбӣ буд. Масалан «Авесто» мавҷудияти чор табақа, ки ҳар яке касби алоҳида доштанд, эътироф мекунад: руҳониён, ҷанговарон, ҳунармандон, кишоварзон [104]. Маълумот дода мешавад, ки ҳар яке аз ин табақаҳо роҳбар – раиси худро доштанд.

Дар байни ин табақаҳо яке аз табақаи бонуфузтарин табақаи ҷанговарон буда, давлат корфармо ва танзимгари муносибатҳои ҳарбӣ-сиёсӣ ва ҷараёни меҳнати онҳо буд.

Вале ба таври объективона яке аз табақаҳои сершумор дар ҳудуди номбурда - табақаи тоҷирон буд. Тиҷорат яке аз шуғлҳои рушдёфтаи фаъолияти Бохтару Суғдиён ба шумор мерафт ва тоҷирони Суғд то Чину Аврупо коло мебурданд ва ба савдо машғул буданд. Дар аксари шаҳру минтақаҳо аз Чин то Миср корвонсарой ва қароргоҳу маҳаллаҳои тоҷирони тоҷик ба назар мерасид. Махсусан, дар ҳудуди Аморати Бухоро шаҳри

Пайканд шаҳри тоҷирон эътироф гардида, тоҷирон ташкилоти худро бо номи «раъсу-т-туҷҷор» доштанд [128] бо сарварии раис.

Қайд намудан зарур аст, ки танзими меҳнат дар соҳа ва самтҳои гуногун аз омилҳои гуногун вобаста буд. Агар сухан оид ба мақомоти давлатӣ бошад, ва ё сухан оид ба истеҳсоли маҳсулот ва ё хизматрасонии зарурии давлатӣ бошад, пас танзими ин самти фаъолияти меҳнатӣ бештар аз ҷониби давлат ба роҳ монда мешуд. Масалан салоҳиятҳои мансабии ҳар як сарвари мулкӣ, динӣ, ҳарбӣ, ҳоким, қозӣ ва ғайра дар фармон оид ба таъйин ба вазифа мушаххас карда мешуд. Гоҳе вобаста ба омилҳои мушаххас, ҳатто фармони таъйин ба вазифаи додрасҳо аз ҳамдигар фарқ дошта метавонист.

Дар самтҳои дигари меҳнат танзими ҷамъиятии он мушоҳида мешуд. Танзими давлатӣ танҳо дар ҳимоя, муқаррар кардани қонунияту оромӣ ва ситонидани молийя мушоҳида мегардид. Давлат фаъолияти меҳнатии дигар самту соҳаҳоро танҳо бо роҳи «ҳимоя» ва молиявӣ танзим менамуд. Яъне, меҳнат дар ягон соҳа ва самт манъ карда намешуд, вале барои танзими мушаххаси онҳо низ қоида ва санади ҳуқуқӣ қабул карда намешуд. Дар ин вазъият, кулли муносибатҳои меҳнатӣ, дар заминаи одату анъанаҳои маҳаллӣ ва дар байни соҳибкасбон ба вуҷудомада, танзим мегардид. Чӣ тавре ки маълум аст, яке аз зертабақаҳои фаъол, ин тоҷирон буданд, ки аз як тараф, ба истеҳсоли неъматҳои моддӣ машғул буданд, аз ҷониби дигар ба тиҷорату тақсимоти он.

Тоҷирон на танҳо ба фаъолияти амалӣ машғул буданд, балки аз сабаби баланд будани худшиносии онҳо, дарки манфиатҳои худ ва мавқеъи худ дар ҷомеъа барои худ тартибот ва қавоидеро ҷорӣ намуданд [204], ки барои фаъолияти бевосита, барои муаррифии онҳо дар ҷомеъа, инчунин, устувор нигоҳ доштани мавқеи онҳо дар муносибат бо муҳит, мақомот ва ҷомеъа мусоидат менамуд. Албатта, пеш аз ҳама, мушаххас гардидани ҳолати ҳуқуқии тоҷирон барои ҳимоя ва ҳифзи ҳуқук, озодӣ ва манфиатҳои онҳо шароит муҳайё менамуд.

Мо ба он назарем, ки дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ маҳз дар натиҷаи ташаккули меҳнат, зарурати танзиму идоракунии муносибатҳои стихиявии меҳнатӣ ба миён омад. Ин талабот ба рӯи кор омадани рисолаҳо оид ба касбҳои гуногунро ба миён овард, ки санадҳои меъёриву ҳуқуқиро дар ин самт, яъне ҷои қонунгузории соҳавиро ишғол намуданд.

Яъне, танзиму идоракунии меҳнат аз ҷониби давлат, ҳуқуқи амалкунанда, инчунин фаъолияти ҷамъиятӣ - анъанаву одатҳо, минбаъд дар заминаи «рисолаҳои касбӣ» сурат мегирифт.

Дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ илова бар тоҷирон ҳамчунин фаъолияти меҳнатии намояндагони дигар касбҳо ва муносибатҳои коллективи корӣ, ҳамчунин муносибати байни соҳибкасбон бо дигар иштирокчиёни ин раванд тавассути «рисолаҳо» танзим карда мешуданд. Ин муносибатҳо тибқи тартиботи муайян танзим мегардиданд. Инчунин танзимоти ахлоқиву динӣ ва ҳуқуқии онҳо дар «рисола»-ҳо гирдоварӣ мешуданд. Рисолаҳо тибқи таҳлилҳои З.Нозакзода низомномаҳое буданд, ки мақоми ҳуқуқии намояндагони касбро танзим менамуданд [204, с.41]. Ба андешаи З.Нозакзода, «яке аз механизмҳои комили хатти сабтшудаи танзими фаъолияти кормандон - намояндагони касбҳои гуногун, аз нуқтаи назари ахлоқ, одоб ва ҳуқуқ – Низомнома – рисолаҳои бахшида ба касбҳои алоҳида буданд. Ин рисолаҳо дар асрҳои миёна ба вуҷуд омада, намунаи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, манбаъи ҳуқуқии амали ниҳоди иттифоқи касаба буданд» [204, с,43]. Мо низ ба ин назари муҳаққиқ мувофиқем, зеро дар чунин рисолаҳо воситаҳо ва усулҳои ҳимояи кормандон низ танзим мегардиданд. Аммо, бояд ба инобат гирифт, ки ин рисолаҳо ҳамчун санад қариб танзими тамоми муносибатҳои меҳнатиро дар бар гирифта, бо онҳо меъёрҳо доир ба мақоми ҳуқуқии корфармо ва корманд, муносибатҳо оид ба истеҳсолот, тақсимот, ҷазо ва ғайраро низ пешбинӣ мегардиданд, ки метавон ҳамчун нахустин намунаи танзими ҳуқуқии иттифоқҳои касаба ва заминаи ташаккули қонунгузорӣ оид ба соҳаи меҳнат эътироф кард. Албатта, дар ин

ҳолат, рисолаҳо бештар ба танзими меҳнат ва муносибатҳое, ки вобаста ба меҳнат ва дар ҷараёни меҳнати якҷоя ба вуҷуд меоянд, бахшида шудаанд.

Ин андешаи моро, муҳаққиқи дигари “рисола”-ҳои касбии номбаршуда дастгирӣ мекунад. Ба андешаи муҳаққиқ Ғ.Бобокалон, «яке аз сарчашмаҳои муҳимтарини анъанавии қонунгузории меҳнат қавоиди зиёди “Рисола”-ҳо буданд, ки дар онҳо қоидаҳо, махсусияти танзими ҷамъиятӣ-меъёрии ин ё он касб муқаррар карда шуда буданд» [185, с. 14-15]. Яъне, муҳаққиқон З.Нозакзода ва Ғ. Бобокалон “рисола”-ро ҳамчун низомнома ва ё Тартиб – ҳамчун санади ҳуқуқие қабул кардаанд, ки мақоми ҳуқуқии намояндаи касби мушаххасро муайян менамуд. Бояд гуфт, ки ин тарзи дарки масъала аз ҳақикат дур нест, чунки рисола намуна, як тарзи таҳияи санадҳои ҳуқуқӣ дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ мебошад.

Дар рисолаҳо ҳуқуқу уҳдадории намояндагони касб муқаррар карда мешуданд. Дар рисола инчунин мақоми **халифа (усто)** - яъне мутахассисони соҳиби малакаву маҳорати бештар, муносибати усто бо шогирдон (шогирдпеша), инчунин, робитаи байни намояндагони касб ва раиси касб ва бо мақомоти давлатӣ муайян карда мешуданд.

Дар рисола инчунин, ҳангоми таҳқир, ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноят нисбат ба намояндаи касби мушаххас “ҷазоҳо” муқаррар шуда буданд. Аксари ин ҷазоҳо хусусияти ахлоқӣ ва инзору тарс аз авоқиби ҷазои ухравӣ доштанд. Ваъдаи додани ҷазо аз ҷониби Худо муайян карда мешуд. Масалан “Рисолаи нонпазон (нонвой)” аз намояндаи касб талаб менамуд, ки ҳангоми ба кор ҳозир шудан бояд “***пок бошад***”, бо “***пои таҳорат бошад***”, яъне нонпаз бояд худро барои кор бо орду нон омода созад. Тасаввур ва иътимод, ин буд, ки ҳангоми нопок ба корхона ворид шудан, корхона ба бадбахтиҳо дучор мегардад. Рисолаи дузандагон, онҳоеро ки дузандаро таҳқир мекунанд, дар он дунё бо тани урён “***зинда гардидан***”-ро ваъда мекард. Яке аз ниҳодҳои танзимгари меҳнати ҳамкасбон ин ниҳоди раиси касб буд. Раиси касб –якбора раиси табақаи муайяни касбӣ шуморида мешуд [206; 160, с..32-33.]. Раиси касб инчунин лақаби “Бобо”-ро дошта, аз ҷониби намояндагони

касб интихоб мешуд. Ба андешаи мутафаккири тоҷик, академик Садриддин Айнӣ «дар иттиҳодияи соҳибкасбон ду нафар интихоби роҳбарӣ мекарданд: Раис ва пайкор. Дар интихоби Раиси касб асосан устоҳои калон, устоҳо ва фурушандагони маҳсулоти онҳо иштирок мекарданд. Онҳо дар ҷамъомади худ оид ба номзади арзанда маслиҳат карда, ӯро ба сифати Раис интихоб мекарданд» [206, с. 437]. Пайкорро раис интихоб менамуд. Ба андешаи Ф.Абдулхонов дар такя ба осори Садриддин Айнӣ, ҳар як касб рисолаи худро дошт ва дар рисола тарзу усулҳои гуногуни интихоби раис, фаъолияти ӯ, тарзи ҷазо муқаррар кардан ва ҷазо додани муштариён муқаррар шуда буд [106,с. 32].

Раиси касб – аз як тараф, ниҳоди таъминкунандаи меҳнати соҳибкасбон буда, аз ҷониби дигар, баъзе вазифаҳои ниҳоди иттифоқи касабаи муосирро иҷро мекард. Раис дар ҳама ҳолат барои танзими ҷараёни муътадили фаъолияти соҳибкасбон масъул буд.

Албатта, масоили мушаххасе, ки раиси касб ҳамчун сарвари иттиҳодияи ҳамкасбон, нисбат ба таъмини намояндагони касб бо кор, нисбат ба масъулони муносибати номуносиб ба намояндагони касб баррасиву ҳаллу фасл менамуд, мавзуъи баҳси алоҳида аст, чунки вобаста ба касб, мақоми ин касб дар ҳаёти ҷамъиятӣ, раиси касб ва дигар омилҳо иттиҳодияи ҳар як касб воситаву механизмҳои гуногуни танзими меҳнати намояндагони касбро қабул ва мавриди истифода қарор медод. Аз ин сабаб, ҳатто ҳангоми омӯзиш ва шиносоӣ ба рисолаҳои касбҳои дигари мушаххас ва амалияи роҳбарии иттиҳодияи ҳамкасбон, намояндагони касб аз ҳамдигар намунаи тартибот ва қавоидеро метавонистанд омӯзанд ва дар фаъолияти худ истифода баранд. Ғайр аз ин, баъзе меъёри рисолаҳои номбаршуда муносибатҳои дар ҷараёни меҳнат ба вуҷудояндаро чунон танзим кардаанд, ки меъёри мавҷудаи онро дар қонунгузории муосир дар соҳаи меҳнат, дар қонунгузории иттифоқҳои касаба, амалияи идоракунии меҳнат ва муносибат бо муҳити меҳнатӣ имрӯз низ метавон истифода бурд.

Омӯзиши масоили вобаста ба танзим ва идоракунии меҳнат дар Тоҷикистони таърихӣ шаҳодати он аст, ки як қатор соҳа ва самтҳои меҳнат аз давраи бостонии таърих аз ҷониби давлат танзим ва идора гардида, қисмати боқимондаи он тибқи "рисола"-ҳои бахшидашуда ба касб мавриди танзим ва идоракунӣ қарор мегирифтанд, ки ин рисолаҳо аз ҷониби ҳокимияти давлатӣ низ эътироф мешуданд. Яъне, танзими давлатӣ ва ҷамъиятии меҳнат дар ҳамоҳангӣ ва ҳамдастӣ тавонистанд, ки соҳа ва самтҳои гуногуни меҳнатро таҳти танзим ва идоракунӣ қарор дода, барои кормандон шароити мусоид барои ташаккул ва рушди фаъолияти меҳнатӣ фароҳам оваранд.

Бо таъсиси Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати ИҶШС соли 1929, низоми идоракунии меҳнат дар Тоҷикистон дар радифи дигар ҷумҳуриҳои ИҶШС ба марҳилаи нав ворид гардид. Нахустин мақомоти идоракунии меҳнат дар ҷамъияти Шуравӣ ин Комиссариати халқӣ оид ба меҳнат маҳсуб мешуд, ки асосан ба басиҷу сафарбарсозии шаҳрвандон ба корҳои сохтмони иншоотҳо, кишоварзӣ, кор дар заводу фабрикаҳо ва назорати шароити кору пардохти музди меҳнати онҳо машғул буд. Дар заминаи ин мақомот баъдан кумитаҳои давлатии меҳнат ва кадрҳои коргарӣ таъсис ёфтанд, ки чандин маротиба таҷдид шуданд. Аз ҷумла, дар ин муддат таҷдиду таҳаввули мақомоти мазкур бо чунин тартиби хронологӣ сурат гирифтааст [80, с.21-24]:

1) То моҳи декабри соли 1977 Кумитаи давлатии Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон оид ба истифодаи захираҳои меҳнатӣ фаъолият мекард, ки дар асоси қарори Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон ба Кумитаи давлатӣ оид ба меҳнат табдил дода шуд. Баъдан бо қарори Шурои Вазирони ИҶШС аз 02.09 1987, №239 номи он ба Кумитаи давлатии Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон оид ба меҳнат ва масъалаҳои иҷтимоӣ табдил дода шуд.

2) То моҳи майи соли 1990 Кумитаи давлатии Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон оид ба таҳсилоти касбӣ-техникӣ фаъолият мекард. Бо қарори Шурои Вазирони ИҶШС аз 21.05.1990, №102 дар заминаи Кумитаи

зикргардида Кумитаи давлатии ҶШС Тоҷикистон оид ба тайёр кардани кадрҳои коргарӣ таъсис дода шуд.

3) Мувофиқи Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9.02.1991, №ФП-23 «Дар бораи барҳам додани Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба тайёр кардани кадрҳои коргарӣ» Комитети давлатии ҶШС Тоҷикистон оид ба меҳнат ва масъалаҳои иҷтимоӣ ва Комитети давлатии ҶШС Тоҷикистон оид ба тайёр кардани кадрҳои коргарӣ барҳам дода шуда, дар заминаи онҳо мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9.021991, №ФП-25 Комитети давлатии ҷумҳуриявии ҶШС Тоҷикистон оид ба меҳнат ва тарбияи кадрҳои коргарӣ таъсис дода шуд.

4) Баъдан дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.05.1991, №ФП-98 «Дар бораи ташкили Ҳукумати муросои миллии Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар заминаи Комитети давлатии ҷумҳуриявии ҶШС Тоҷикистон оид ба  меҳнат ва тарбияи кадрҳои коргарӣ Кумитаи давлатии кор ва тарбияи кадрҳои коргарии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

5)  Дар асоси қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.03.1993, №100 дар заминаи Кумитаи давлатии кор ва тарбияи кадрҳои коргарии Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

6) То моҳи майи соли 1992 Вазорати таъминоти иҷтимоӣ ҶШС Тоҷикистон фаъолият менамуд. Баъдан дар асоси фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.05.1992,№ФП-98 «Дар бораи ташкили Ҳукумати муросои миллии Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон» номи он ба Вазорати таъминоти иҷтимоӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон иваз карда шуд. Ба қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.06.1993, №292 Вазорати таъминоти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон иваз карда шуд.

7) Ҳамин тариқ сохтори мазкур якчанд маротиба таҷдиду такмил шуда, соли 2014-ум ҳамчун Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии

Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил шуда, мақоми мукаммали идоракунии меҳнат маҳсуб мешавад, ки дорои сохторҳо ва салоҳияту вазифаҳои васеъ фаъолият мебошад.

Соли 2014 бошад вазорати мазкур ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуда, ҳамчуни мақоми мукаммали идоракунии меҳнат дорои сохторҳо ва салоҳияту вазифаҳои васеъ фаъолият мебарад.

Мавриди зикр аст, ки идоракунии меҳнат ба рушди қонунгузории меҳнат рабт дошта, вазифаҳои идоракунӣ ва ташкили меҳнат аз меъёри ҳуқуқии ин соҳа маншаъ мегиранд. Дар хусуси таърихи ташаккули қонунгузории меҳнат дар Тоҷикистон таҳқиқоти анҷомдодаи олими шинохтаи тоҷик Ғ.М. Бобокалон аҳаммияти муҳимми назариявӣ-ҳуқуқӣ дорад [185, с. 24]. Номбурда қайд менамояд ки: «Дар Тоҷикистони пешазинқилобӣ ба маънои аслии худ қонуни меҳнат вуҷуд надошт. Яке аз сарчашмаҳои муҳимми анъанавии қонунгузории меҳнат муқарраротн сершумори «Рисола» (рисолаҳо) буд, ки қоидаҳои асосӣ, хусусиятҳои танзими иҷтимоӣ ва меъёрии касби муайянро танзим мекарданд» [185, с. 6]. Бо таҳқиқи ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии мавзуи мазкур мавсуф муайян менамояд ки: «Раванди объективии ташаккули қонунгузории меҳнат дар Тоҷикистон дар шароити мушаххас ва доираи хронологӣ сурат гирифт: 1) дар солҳои 1918—1924 дар ҳудуди Точикистони Шимолӣ қонунгузории меҳнатии ҶМШС Туркистон, ки Тоҷикистони Шимолӣ ба ҳайти он дохил мешуд, амал мекард; 2) дар солхои 1920—1924 дар ҳудуди Точикистони Ҷанубӣ ва Марказӣ, ки ба ҳайати Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро дохил буд, қонунгузории меҳнатии ин республика амал мекард; 3) бо ташкил ёфтани ҶШС Тоҷикистон раванди ташаккул ва рушди қонунгузории меҳнат дар доираи давлатдории миллии халқи тоҷик оғоз ёфт» [185, с. 6].

**Омӯзиши таҳаввулоти мақомоти ибтидоии идоракунии меҳнат, заминаи хулосаҳои зерини илмӣ гардид:**

1. Таҳлили ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии идоракунии меҳнат нишон медиҳад, ки ниҳоди мазкур дар тули таърихи инсоният дар натиҷаи дигаргуниҳои ташкили ҷамъиятӣ ва пешрафти техникӣ аз шаклҳои ибтидоӣ ба як низоми мураккаб рушд ёфтаааст. Ба мақомоти ибтидоии идоракунии меҳнат дохил мешаванд:

1) Ҷамоъаи қабилавӣ: Меҳнат дар асоси робитаҳои хешутаборӣ бо тақсимоти вазифаҳо аз рӯйи ҷинс ва синну сол ташкил карда мешуд. Идоракунии меҳнат ба пирон, солмандон ва пешвоён тааллуқ дошт.

2) Давлати ғуломдорӣ: Меҳнати ғуломон, ки моли хоҷагонашон буданд, маҷбурӣ буд. Идоракуниро соҳибони ғулом тавассути нозирон анҷом медоданд.

3) Сохти феодалӣ: крепостнойҳо ба замин вобаста буданд ва вазифадор буданд, ки ба фоидаи феодал кор кунанд. Идоракуниро феодалхо ва намояндагони онҳо (маъмурон, солмандон) ба амал меоварданд.

4) Гуруҳҳои ҳунармандон: Ҳунармандоне, ки барои ҳимояи манфиатҳои худ ва танзими истеҳсолот дар коргоҳҳо муттаҳид шудаанд. Роҳбарият аз ҷониби устодони интихобшуда ва пирони коргоҳҳо амалӣ карда мешуд.

2. Минбаъд дар баробари пешрафти капитализм шаклҳои нави идоракунии меҳнат пайдо шуданд, аз ҷумла:

1) Идоракунии заводҳо: Бо пайдоиши фабрикаю заводҳо зарурати ташкили истеҳсолоти оммавӣ ба миён омад. Идоркуниро соҳибкорон ва менеҷерони кироя, ки усулҳои нави ташкили меҳнат, аз ҷумла, системаи Тейлорро ҷорӣ мекарданд, ба амал меоварданд.

2) Танзими давлатии меҳнат: Баробари тараққӣ ёфтани ҳаракатҳои коргарӣ ва эҳтиёҷоти ҳифзи иҷтимоии коргарон, давлатҳо ба қабули қонунҳои оид ба меҳнат, муқаррар намудани ҳадди ақалли музди меҳнат, танзими шароити меҳнат ва таъсиси системаҳои таъминоти иҷтимоӣ, шуруъ намуданд.

3) Таъсиси низоми ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи меҳнат: Дар натиҷаи рушди меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, меъёрҳои идоракунии меҳнат низ ба ин низом ворид гардида, дар асри ХХ, созмонҳои байналмилалӣ ба мисли Ташкилоти байналмилалии меҳнат (ТБМ) арзи вуҷуд намуд, ки вазифаи он таҳия ва татбиқи меъёрҳои байналмилалии меҳнат маҳсуб мешавад.

## 1.3. Моҳият ва намудҳои асосии муносибатҳо оид ба идоракунии меҳнат

Объекти танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба идоракунии меҳнат идораи давлатӣ ва ҷамъиятии меҳнат буда, муносибатҳои ҷамъиятии идоракунии меҳнат бошад, предмети он мебошанд.

Ба назари муҳаққиқон механизми танзими ҳуқуқӣ «низоми воситаҳои (унсурҳои) ҳуқуқие мебошад, ки танзими ҳамзамон ба ҳам алоқаманди муносибатҳои ҷамъиятии як намуди муайянро амалӣ менамояд, зеро танзим ин таъсири ҳуқуқ ба намудҳои алоҳидаи муносибатҳои ҷамъиятиро тавассути воситаҳои ҳуқуқии навъи муайян дар ҳолати мушаххаси ҳуқуқӣ дар бар мегирад» [138, с. 490].

Дар ҳуқуқи меҳнат механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ҳамчун «а) маҷмуъи воситаҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва воситаҳои танзими иҷтимоӣ, ки дар меъёри ҳуқуқӣ (санадҳои худтанзимкунӣ) ифода ёфтаанд, ба таъмини озодии ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ барои қонеъ гардонидани манфиатҳои қонунии онҳо нигаронида шудаанд; б) механизми татбиқи ҳуқуқ»[205, с.5] тасниф мегардад.

Мутобиқи моддаҳои 18 ва 19 КМ ҶТ “ҳуқуқи корманд барои иштирок дар идоракунии ташкилот” ва «ҳуқуқи корфармо дар идоракунии ташкилот ва қабули санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ)» [43] ба ҳайси ҳуқуқҳои асосии тарафҳо дар муносибатҳои меҳнатӣ муайян шудаанд. Дар КМ ҶТ истилоҳи «идоракунӣ» дар як қатор моддаҳои дигари он мавҷуд буда, ба “мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ” (моддаи 1) ва

“идоракунии давлатии ҳифзи меҳнат” (боби 34, моддаҳои 327, 328) рабт дорад.

Боби сеюми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-августи соли 2003, №44 «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» [34] - «Танзими давлатӣ ва ташкили чораҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ» ба идоракунии масъалаҳои шуғли аҳолӣ бахшида шудааст. Аломатҳои идоракунӣ инчунин, дар муқаррароти дигар моддаҳои Қонуни мазкур оид ба «принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ (моддаи 6), кафолатҳои иловагии шуғл барои гуруҳҳои алоҳидаи аҳолӣ (моддаи 9), ҳамкории сетарафа дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ (моддаи 10), вазифаҳои кумитаи ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ (моддаи 11), ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ (моддаи 15), иштироки иттифоқҳои касаба ва дигар мақомоти намояндагии кормандон дар мусоидат ба шуғли аҳолӣ (моддаи 20)»[34] ифода ёфтаанд.

Тибқи назари баъзе муҳаққиқон «меҳнати якҷоя ин системаи рафтори муташаккили одамоне мебошад, ки қоидаҳои муайяни татбиқи меҳнат» [107, с.81] ва “рафтор дар коллектив” [213, с.16] -ро риояи мекунанд. Ҳамин тавр, меҳнат ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ амал карда, идоракунии ҷамъиятии онро ба вуҷуд меорад.

Муносибатҳои меҳнатии идоракунии меҳнатро аксари муҳаққиқон ба муносибатҳои вобастаи меҳнатӣ мансуб медонанд, ки онҳо метавонанд қабл аз муносибатҳои меҳнатӣ ва ҳамчунин дар раванди муносибаҳои меҳнатӣ арзи вуҷуд намоянд. Аз ҷумла, «гурӯҳи аввалро муносибатҳои ба ном “муқаддам” ташкил медиҳанд, ки қабл аз муносибатҳои меҳнатӣ ба вуҷуд омада, мухтавояшон бо кор таъмин намудани шахсони дар ҷустуҷӯи кор мебошад. Ба ҳайси ҷониби муносибатҳои бокортаъминкунии корҷуён, корфармоён, мақомоти давлатии бокортаъминкунӣ баромад менамоянд. Ба гурӯҳи дуюми ин муносибатҳо, муносибатҳое мансубанд, ки ҳамзамон бо муносибатҳои меҳнатӣ арзи вуҷуд доранд. Мисол, муносибатҳо оид ба иштироки кормандон дар идоракунии истеҳсолот, муносибатҳо оид ба

муқаррар намудани шароити меҳнат, муносибатҳо дар бобати мустақиман омодасозии касбӣ ва такмили ихтисос дар ташкилот ва ғайра» [158, с.20-21].

Таҳлили таълимоти ҳуқуқи меҳнат, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ба хулосае омад, ки идораи ҷамъиятии меҳнат ҳамчун объекти танзими ҳуқуқӣ мебошад.

Муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба истифодаи меҳнати кироя бе механизми идоракунии онҳо тасаввур кардан ғайриимкон аст, зеро моҳияти идоракунии меҳнат аз воридсозии муносибатҳои ҷамъиятии меҳнат ба низоми динамикӣ ва мунтазами дорои вазифаҳои муайян ва натиҷаҳои пешгуишаванда иборат аст.

Бо назардошти ин, дар таҳқиқоти мазкур муносибатҳои вобаста ба идоракунии меҳнат, мафҳум ва сохтори онҳоро баррасӣ мекунем.

Дар назарияи менеҷмент, идоракунӣ ҳамчун раванд ё як силсила амалҳои пайвастаи бо ҳам алоқаманд баррасӣ карда мешавад. Ҳар яке аз ин амалҳо худ раванди алоҳида мебошанд, зеро он аз як қатор амалҳои ба ҳам алоқаманд иборатанд. Чунин амалҳоро функсияҳои идоракунӣ меноманд ва раванди идоракунӣ ҳамчун маҷмуъи тамоми вазифаҳои он фаҳмида мешавад. Аз ҷониби муҳаққиқони ин соҳа, ба номгуи вазифаҳои идоракунӣ масъалаҳои гуногун аз қабили ба нақша гирифтан, ташкил намудан, танзим кардан, ваколатдор намудан, ҳавасманд гардонидан, роҳбарӣ намудан, ҳамоҳанг сохтан, назорат кардан, ташкил намудани робита, гузаронидани таҳқиқотҳо, мониторингу мушоҳидаҳо, қабул кардани қарорҳо, интихоб намудани кадрҳо, баамалбарории намояндагӣ ва ташкили музокиротҳо марбут доништа мешаванд. Вазифаи маъмултарин ва афзалиятдоштаи идоракунӣ айни замон «вазифаҳои банақшагирӣ (муқаррар намудани мақсад), ташкил, ҳавасмандгардонӣ ва назорат марбут аст» [237, с.34] маҳсуб мешавад.

Бо ҳамин мазмун таърифҳои “идоракунии давлатӣ” ва “менеҷменти кадрӣ” дар муқаддимаи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [49] зикр ёфтаанд. Тибқи он «менеҷменти кадрӣ яке аз намудҳои идоракунии кор бо кадрҳои мақомоти давлатӣ буда, механизм, принсип ва

технологияи кадрии дар шароити иқтисоди бозаргонӣ истифодашударо дар бар мегирад» [49].

Дар Консепсияи мазкур (боби IV) идоракунии ҳайат (захираҳои инсонӣ) ҳамчун «низоми муносибатҳои ташкилӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, равонӣ, маънавӣ ва ҳуқуқие, ки татбиқи босамари имкони инсонро ба манфиати худи ӯ ва коргоҳ таъмин менамояд» [49] муайян шудааст.

Вақтҳои охир ҳамчунин истилоҳи "идоракунии лоиҳа" низ маъмул гардидааст. Бояд қайд намуд, ки мафҳуми идоракунии лоиҳа (менеҷменти лоиҳа) ба соҳаи ҳуқуқ аз соҳаи менеҷмент ворид шудааст, ки он ҳамчун банақшагирӣ, ташкил ва назорати захираҳои меҳнатӣ, молиявӣ ва моддии як лоиҳаи мушаххасро, ки ба ноил шудан ба ҳадафҳои лоиҳа нигаронида шудааст, ифода мекунад. Идоракунии лоиҳа маҷмуъи равандҳои оғоз, банақшагирӣ, ташкили иҷро, назорат ва анҷом додани лоиҳаро дар бар мегирад.

Мафҳуми дигари соҳаи менеҷмент идоракунии зиддибуҳронӣ мебошад, ки ҳамчун «системаи тадбирҳои идоракунӣ оид ба ташхис, пешгирӣ, безараргардонӣ ва рафъи зуҳуроти буҳронӣ дар тамоми сатҳҳои иқтисодиёт фаҳмида мешавад» [100, с.6]. Мавриди зикр аст, ки дар навбати худ ҳарду мафҳум «низомҳои идоракунии ба лоиҳа нигаронидашуда» ва «низомҳои ба раванд нигаронидашуда» аз ҳамдигар фарқ доранд. Низоми идоракунии ба лоиҳа нигаронидашуда системаи идоракунӣ мебошад, ки дар он ҳадафҳои мақомоти иҷроия пеш аз ҳама тавассути татбиқи лоиҳаҳо амалӣ карда мешаванд. Низоми идоракунии ба раванд нигаронидашуда системаи идоракунӣ мебошад, ки дар он мақсадҳои мақомоти иҷроия пеш аз ҳама тавассути татбиқи равандҳои стандартӣ (дар доираи фаъолияти ҷорӣ) ба даст оварда мешаванд.

Дар навбати худ идораи давлатӣ дар илми ҳуқуқи маъмурӣ ҳамчун (1) «иҷрои вазифаҳои иҷроия ва маъмурӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти иҷроия дар соҳаҳои гуногун дар асоси қонунҳо ва муносибатҳои маъмурӣ ҳамчун муносибатҳои тобеъиятӣ, ваколатӣ-ташкилӣ ва маъмурӣ» [130]; (2) «татбиқи

ҳокимияти иҷроия дар соҳаи иқтисодӣ, дар соҳаҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва маъмурӣ-сиёсӣ» [97], (3) «фаъолияти давлатӣ дар татбиқи ваколатҳои мақомоти иҷроия ва мақомоти махсуси ҷамъиятӣ» [92] тавсиф мешавад.

Тавре ки пештар низ зикр гардид, ки идоракунии давлатӣ аз ҷониби бештари муҳаққиқон ҳамчун яке аз намудҳои фаъолияти давлатӣ дониста мешавад, ки он ҳамчун «ташкили иҷрои амалии вазифаҳо ва функсияҳои давлат тавассути истифодаи ваколатҳои давлатӣ-ҳокимиятӣ равонашуда, ки хусусияти таҳтиқонунӣ дошта, аз ҷониби субъекти махсус нисбат ба самтҳо ва соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ аз рӯйи принсипҳои соҳавӣ ва байнисоҳавӣ ба сифати роҳбарии мутамарказ ё ба сифати идораи оперативӣ (бевосита) аз ҷониби субъекти идоракунӣ тибқи стандартҳо ва меъёри маъмурӣ, ки дар ҳуқуқтатбиққунӣ, ҳуқуқэҷодкунии маъмурӣ ифодаи ҳуқуқӣ пайдо намуда, хусусияти иҷроявӣ ва ҳуқуқӣ - ҳокимиятӣ (тақсимотӣ) дорад» [93, 97, 113,130, 131, 140], фаҳмида мешавад.

Назари дигар низ дар ин маврид ҷой дорад, ки тибқи он идоракунии давлатӣ «таъсири як гуруҳ одамон ба дигарон бо ёрии иттилоот ва дигар воситаҳои таъсиррасонии иҷтимоӣ бо мақсади ба тартиб даровардани равандҳои муҳимми иҷтимоӣ, таъмини устуворӣ ва рушди низомҳои иҷтимоӣ» [102]; «таъсири бошуурона, мақсадноки субъекти идоракунӣ ба субъекти идорашаванда (ҷомеъа, коллективҳо, шахсони алоҳида) дар заминаи ҳамкории озоди онҳо ҳангоми таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ, инчунин ба назар гирифтан ва ислоҳ кардани натиҷаҳои иҷрои онҳо бо мақсади таъмини фаъолияти низомҳои (субъекти) иҷтимоӣ» [201, с.14], тавсиф мегардад.

Дар қиёс ба ин, дар илми ҳуқуқи меҳнат идоракунии меҳнат маънои дигар дорад. Он на ҳамчун фаъолияти сирф давлатӣ, балки «фаъолияти субъекти ваколатдор дар батартибдарорӣ ва таъсири ташкилӣ ба иштирокчиёни раванди меҳнати коллективӣ бо мақсади ба даст овардани сифати баланди натиҷаҳои истеҳсолӣ» [122, с.13], «таъсири ҳуқуқӣ ба иштирокчиёни раванди меҳнати коллективӣ» [141, с. 97], «маҷмуъи

воситаҳои таъсири ҳуқуқӣ ба субъекти раванди меҳнати ҷамъиятӣ дар шароити ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкории мутақобилаи иштирокчиёни идоракунӣ бо мақсади ташкили раванди муътадили меҳнат, самаранок истифода бурдани захираҳои гуногуни корхона ва ноил шудан ба натиҷаҳои баланди истеҳсолии барои ҷамъият фоиданок» [201, с. 7] тавсиф мегардад.

Зимни ин гуфтаҳо хулоса кардан мумкин аст, ки идоракунӣ ба маънои умумӣ ҳамчун таъсири мақсадноки субъекти идоракунӣ ба субъекти идорашаванда бо истифода аз воситаҳои ташкилӣ ва танзимнамоӣ фаҳмида мешавад. Мақсади асосии идоракунӣ барои дар ҳолати мувофиқу зарурӣ нигоҳ доштани низоми идорашаванда ва ё тағйир додани хусусиятҳои он, мебошад.

Дар баррасии идоракунии меҳнат сараввал таҳлил намудани хусусиятҳо ва таносуби мафҳумҳои "идоракунӣ" ва "танзим" муҳим буда, аҳаммияти калони назариявӣ дорад. Мавҷудияти равишҳои гуногуни илмӣ дар муайян кардани таносуби байни мафҳумҳои «идоракунӣ» ва «танзим» фаҳмиши мазмуни ин мафҳумҳоро васеъ намудааст.

Дар умум зери мафҳуми «танзим кардан» муайян кардани рафтори одамон ва ҷамъиятҳои онҳо, муқаррарсозии самтҳои мушаххас, ворид кардани он ба чаҳорчӯбаи муқарраршуда ва ба тартиб даровrouteданро дорад. Дар низоми танзимӣ ҷудо намудану фарқ кардани танзимнамоии иҷтимоии меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ маъмул аст. «Ба танзими меъёрӣ-танзимнамоӣ тавассути муқаррар намудани чаҳорчӯбаи дақиқи рафтори иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ (меъёрҳо) марбут аст. Ба танзими ғайримеъёрӣ танзимнамоии арзишҳо (низоми арзишҳои иҷтимоӣ, қоидаҳои рафтор, муносибатҳои психологӣ), дастурӣ (директив, фармоиш, дастур) ва иттилоотӣ (таъсир ба муносибатҳои ҷамъиятӣ бо ёрии ВАО) дохил мешаванд. Танзимнамоиҳои ғайримеъёрӣ қодиранд ҳам таъсири меъёриро (аз ҷумла меъёри ҳуқуқӣ) тақвият бахшанд ва ҳам таъсири онҳоро коҳиш диҳанд, таҳриф созанд ва боздоранд» [145, с.191].

Назарияҳои гуногуни илми ҳуқуқ доир ба масъалаи мазкур гувоҳи онанд, ки «мақсади идоракунии танзими ҳуқуқӣ» [136, с. 136]; «ҳуқуқ ҳамчун воситаи идоракунии иҷтимоӣ» [132, с. 3], «идоракунӣ нисбат ба субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ на танҳо дар муқаррар намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо, балки дар татбиқи онҳо низ зоҳир мегардад» [139, с.10]. Таҳқиқотҳо низ ҳастанд, ки дар онҳо идоракунӣ яке аз вазифаҳои худтанзимкунӣ ба ҳисоб меравад [146, с. 11]. Баъзе муҳаққиқон категорияҳои танзим ва идоракуниро муайян намуда, нишон медиҳанд, ки «байни идораи давлатӣ ва танзими давлатӣ тафовути куллӣ вуҷуд надорад» [153, с.88, 119, с.61, 165, с.37].

Аз гуфтаҳои боло, хулоса бармеояд, ки мафҳумҳои «идоракунӣ» ва «танзим» дорои чунин таркиби умумие мебошанд, ки ба низоми муносибатҳо таъсир мерасонанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ду ҳадафи асосии танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ қайд мегардад: ба ҳадафи якуми танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ ин зарурати таъсис додани механизми самараноки идоракунии меҳнат дохил мешавад; ба сифати ҳадафи дигари танзимнамоии ҳуқуқӣ дар бахши меҳнат тавассути усулу воситаҳои идоракунӣ муқаррар кардани маҳдудиятҳои ҳуқуқии дахлдор дар ин соҳа мебошад. Бисёри олимон чунин ақида доранд, ки танзимнамоӣ ва идоракунӣ дар як вақт хислати якдигарро доранд. Мо низ ба ин назарем, ки маҳз ба воситаи татбиқи тадбирҳои амалӣ, ки идоракунӣ ном дорад, метавон муносибатҳои ҷамъиятиро танзим намуд, ва ҳам дар як вақт танзимнамоӣ мақсадҳои ниҳоии идоракуниро ифода мекунад. Ҳамин аст, ки дар аксар маврид шаклҳои идоракунӣ бо аз ҷониби давлат намудани муқарраротӣ умумиҳатмии расмӣ ифода мегардад. Муносибатҳои идоракунӣ дар заминаи асосҳои ҳуқуқӣ бо додани ваколат ва ҳуқуқу уҳдадориҳо ба субъектҳои идоракунӣ ба вуҷуд меоянд.

Ҳамингуна, сатҳҳои идоракунии меҳнат ва субъектҳои муносибатҳои идоракунии он дар ин сатҳҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд, мисол идоракунии

байналмилалии меҳнат, идоракунии меҳнат дар сатҳи миллӣ, идоракунии меҳнат дар сатҳи маҳаллӣ ва идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ (ташкилот).

Муносибатҳои идоракунии меҳнат хусусияти ба худ хос дошта, онҳо аз ҳолат ва мақоми ҳуқуқии субъектҳои идоракунии ин низом вобаста аст. Муҳаққиқон муносибатҳои ин бахшро ба гуруҳи муносибатҳои «тобеъиятӣ (амудӣ), гуруҳи муносибатҳои ҳамоҳангсозӣ (уфуқӣ) ва муносибатҳои умумитобеъиятӣ (реординатсионӣ)» [115, с. 81-84] ҷудо менамоянд. Зимнан, муносибатҳои тобеъиятӣ (амудӣ) ҳамчун муносибатҳое тавсиф мешаванд, ки онҳо дар ҷараёни амалҳои идоракунӣ пайдо мешаванд, ҳамоҳангсозӣ, назорати фаъолияти сохторҳои тобеъ ва шахсони мансабдори субъектҳоро амалӣ намуда, дар ҷараёни таҳия ва қабули санадҳои хусусияти ҳатмидошта ва қарорҳои дорои моҳияти ташкилӣ-ҳуқуқӣ, зуҳур меёбанд.

Муносибатҳои тобеиятӣ дар идоракунии меҳнат, маъмулан байни мақоми болоӣ ва поёнии ин низом ба вуҷуд меоянд. Ба муносибатҳои ҳамоҳангсозӣ (уфуқӣ) бошад, муносибатҳо вобаста ба омодасозӣ, батасвибрасонӣ ва татбиқи қарорҳои муштарак дар  идоракунии меҳнат рабт дошта, иштирокчиёни онҳо ҳамзамон узви мақомоти муштараки идоракунии меҳнат мебошанд.  Чунин муносибатҳо дар идоракунии меҳнат аслан хоси фаъолиятҳо дар низоми шарикии иҷтимоӣ мебошад. Ингуна муносибатҳо метавонанд қабл аз фаъолияти идоракунии меҳнат бавуҷуд оянд ва ҳамчунин пас аз он давом дода шаванд.

Олимон доир ба масъалаи мазкур таҳқиқоти зиёд дошта, ҳамазамлн назарҳои гуногун доранд. Аксарият чунин мешуморанд, ки муносибатҳои ҳамоҳангсозии қаблӣ дар заминаи амалҳои муштараки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо дар як сатҳи баробар ба вуҷуд меоянд, мисол: «(1) таҳия ва қабули санадҳои меъёрии муштараки идоракунӣ (масалан, байни ду вазорат); (2) ҳамоҳангсозии амалҳои муштараки идоракунӣ; (3) гузаронидани ҷаласаҳои муштарак (масалан, ҷаласаи ду шуъбаи машваратӣ ё байнишуъбаҳои машваратӣ); шуроҳои

ҳамоҳангсозӣ»[130]; 5) «ҳамоҳангсозии манфиатҳои қонунии иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои корфармоён бо мақомоти иҷроия (масалан, дар мавзуи бастан ё ворид намудани тағйирот ба созишномаҳои тарифӣ)» [85].

Гурӯҳи дигар муносибатҳо дар идоракунии меҳнат муносибатҳое мебошанд, ки «пас аз татбиқи амали бевоситаи идоракунӣ ба вуҷуд меоянд, муносибатҳоеро дар бар мегиранд, ки ба фароҳам овардани шароит барои татбиқи самараноки амалиёти идоракунӣ нигаронида шудаанд»[93]. Маъмулан, чунин муносибатҳо дар ҷараёни тадбирҳои муштараки шарикони иҷтимоӣ барои таъсис додани комиссияҳо ва гуруҳҳои корӣ, гузаронидани таҳлилҳо ва санҷишҳои муштарак ва ғайра ба вуҷуд меоянд. Инчунин, тарафҳои шарикии иҷтимоӣ тартибу шартҳои гузаронидани мониторинги иҷрои созишнома ва шартномаи коллективиро пешбинӣ намоянд, ки он ҳамчун муносибатҳои вобаста ба марҳилаи ниҳоии татбиқи нақшаҳои тасдиқшуда, маҳсуб мешавад.

Муносибатҳои ҳамоҳангсозӣ дар идоракунии меҳнат дар натиҷаи таъсир расонидани субъекти идорашаванда ба раванди идоракунӣ ба вуҷуд меоянд. Мисол, гузаронидани машварату музокирот барои таҳия ва қабули қарорҳо дар бораи идоракунии меҳнат, санадҳои хусусияти ташкилию маъмуридошта, табодули иттилоот миёни субъектҳо, баррасӣ намудани натиҷаҳои фаъолияти ташкилот ва ғайра. Ингуна меъёрҳои ҳуқуқӣ дар моддаҳои  18-19, 52, моддаҳои бобҳои 29-30 КМ ҶТ дарҷ ёфтаанд [43].

Бояд махсус қайд намуд, ки «муносибатҳои ҳамоҳангсозӣ, муносибатҳоеро дар бар мегиранд, ки баръакс таъсири субъекти идорашавандаро ба субъекти идоракунанда таъмин мекунанд, яъне таъсир аз поён ба зинаи болоӣ» [125].

Ҳамаи навъҳои дар боло зикргардидаи муносибатҳои идоракунии давлатӣ абстраксияи сирф илмӣ нестанд, балки дар сиёсати давлатӣ вобаста ба идоракунии соҳаи иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, дар ҳама сатҳҳои идоракунии меҳнат бо истифода аз татбиқи механизмҳои мушаххаси идоравӣ ва бо ёрии воситаҳои махсуси идоракунӣ ба амал бароварда мешаванд. Ин воситаҳо

ҳамчун шаклҳои таъсиррасонии идоракунӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои ташкилию маъмурӣ ифода мегарданд. Ба чунин ҳуҷҷатҳо санадҳои хусусияти ташкилию ҳуқуқидошта, санадҳои маъмурӣ ва дорои иттилоот ва маълумот дохил мешаванд.

Муносибатҳои идоракунии меҳнат дар раванди фаъолияти субъектҳои ин низом вобаста ба амали онҳо дар доираи салоҳияту имкониятҳояшон хусусиятҳои ба худ хос доранд. Аз ҷумла, муҳаққиқон зикр менамоянд, ки «бо салоҳияти ба онҳо додашуда имкон доранд, ки дар ин ё он вазъияти мушаххас ба ин ё он тарз амал кунанд; ба воқеъият табдил додани ин гуна имкон ҳатман иҷрои амали муайяни фаъолро (яъне додани чунин амалҳоро, ки дар ин ё он намуди фаъолияти субъекти ифодакунандаи вазифаи идоракунӣ, ифодаи ин ё он вазифаи идорашаванда) ба амал бароварда мешавад» [130]. Инҷо бояд ба ин нукта таваҷҷуҳ намуд, ки амалҳои субъектҳои идоракунии меҳнат дар сурате метавонанд воситаи воқеии иҷрои вазифаҳои идоракунӣ бошанд, ки онҳо дар шакли муайян дар санадҳои ифода ёфта бошанд, зеро чунин амалҳо боиси ба вуҷуд омадани оқибатҳои ҳуқуқии муайян мегарданд.

Бо такя ба назарҳои илмӣ ва амалияи мавҷуда метавон хулоса кард, ки муносибатҳои вобаста ба идоракунии меҳнат - ин муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар раванди фаъолияти субъектҳои идоракунии меҳнат (мақомоти давлатӣ, корфармоён ва иттиҳодияҳои онҳо, иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони кормандон) ва дигар сохторҳои ваколатдори ташкили идоракунии меҳнат, ба вуҷуд меоянд.

# БОБИ II. ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚӢ ВА ТАШКИЛИИ ИДОРАКУНИИ МЕҲНАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Танзими ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллии идоракунии меҳнат

Дар илми ҳуқуқ танзими ҳуқуқӣ ин раванди таъсири давлат ба муносибатҳои ҷамъиятӣ бо истифода аз меъёрҳо ва воситаҳои ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки барои ба тартиб ва ба эътидол овардани онҳо нигаронида шудааст. Ин механизми мураккабест, ки таҳияи меъёри ҳуқуқӣ, татбиқ ва иҷрои онҳо, инчунин татбиқи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро дар бар мегирад. Мувофиқи таърифи пешниҳодкардаи С.С. Алексеев, «предмети танзими ҳуқуқӣ муносибатҳои гуногуни ҷамъиятие мебошанд, ки аз рӯи табиати худ метавонанд таҳти таъсири меъёрию ташкилӣ қарор гиранд ва дар шароити мавҷуда чунин таъсиреро тақозо менамоянд, ки бо ёрии меъёри ҳуқуқӣ ва тамоми воситаҳои дигари ҳуқуқие, ки механизми танзими ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, амалӣ карда мешаванд» [96, с.211].

Дар мавриди танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат предмети танзими он муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба идоракунии меҳнат ва воситаҳои танзимашон бошад, санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки дорои меъёри ҳуқуқи меҳнат буда, аз ҷониби мақомоти сатҳҳои гуногун қабул ва мавриди амал қарор дода мешаванд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як низоми мураккаби соҳавӣ ва байнисоҳавӣ иборат мебошад.

Барои институти идоракунии меҳнат пеш аз ҳама муайян намудани ҳадафҳо ва вазифаҳои асосии танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ зарур аст. Мақсади танзим дар маҷмӯъ, натиҷаи идеалӣ аст, ки ба хотири он фаъолият оид ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ сурат мегирад. Ҳадафҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ҳамчун ҷузъи воситаҳои танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи меҳнат дар дебочаи КМ ҶТ аз 23 июли соли 2016, № 1329: «1) ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои

тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ, 2) муқаррар намудани кафолатҳои камтарини ҳуқуқ ва озодиҳо дар соҳаи меҳнат» [43] муайян шудаанд.

Тавассути вазифаҳои муқарраршуда дурнамои муҳлат, воситаҳо ва шаклҳои муайяни расидан ба мақсадҳои ниҳоӣ ифода меёбанд. Зимнан, дар қонунгузории меҳнати ҶТ вазифаҳои танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи меҳнат аз «фароҳам овардани шароити зарурии ҳуқуқӣ барои ноил шудан ба 1) баробарии манфиатҳои тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ, 2) рушди иқтисодӣ, 3) самаранокии истеҳсолот ва 4) баланд бардоштани некуаҳволии одамон»[43, м.3] иборатанд. Дар робита ба ин, бояд қайд кард, ки ҳадаф ва вазифаҳои дар дебоча ва моддаи 1 КМ ҶТ муайяншуда ба механизми танзими ҳуқуқи меҳнат дар маҷмуъ на танҳо ба Кодекси меҳнат дахл доранд, зеро мувофиқи моддаи 2 КМ ҶТ, «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад» [43].

Бояд зикр намуд, ки мазмуну моҳияти вазифаҳои ҳуқуқи меҳнат ҳамчун самтҳои асосии таъсири ҳуқуқи меҳнат маҳз бо ҳадафҳо ва вазифаҳои қонунгузории меҳнат, ки дар КМ ҶТ муайян шудаанд, ифода мегардад.

Бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар соҳаи сиёсати шуғли пурмаҳсул ҳадафҳои зайлро пешбинӣ мешаванд: «мусоидат ба ташкил намудани ҷойҳои кории пурмаҳсул; ташкили бозори меҳнати рақобатпазири дохилӣ; баланд бардоштани боздеҳи маълумоти касбӣ; зиёд намудани ҳиссаи шуғли расмӣ дар иқтисодиёт; диверсификатсияи муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ» [44].

Ҳамин тариқ, танзими ҳуқуқии муносибатҳои идоракунии меҳнатро метавон яке аз ҳадафҳои қонунгузории меҳнат ва вазифаҳои он арзёбӣ кард. Муайян ва татбиқи принсипҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ унсури муҳим мебошад [180, с. 36, 167, с. 515]. Олимон қайд мекунанд, ки

«принсипҳои ҳуқуқи меҳнат, ҳамчун асоси ибтидо, муқаррароти умумӣ, ки моҳияти ҳуқуқи меҳнатро инъикос мекунанд, бо ҳама ё бо аксарияти институтҳои ҳуқуқӣ ё бо меъёри қисмҳои умумии онҳо бо назардошти вазъи хосси онҳо, алоқаманд мебошанд [124, с.69]». «Принсипҳои ҳуқуқи меҳнат, ки дар қонунгузории меҳнат, пеш аз ҳама дар КМ ҶТ, инчунин дар дигар санадҳои қонунгузории меҳнат ифода ёфтаанд, имкон медиҳанд, ки маънои қонунгузории меҳнат ва алоқамандии меъёрҳо фаҳмо карда шавад ва асоси роҳнамои истифодаи дурусти меъёрҳо мебошад. Онҳо дар пур кардани холигиҳо дар қонунгузории меҳнат ва дар амалияи судӣ ҳамчун дастур оид ба татбиқи ҳуқуқ нақши муҳимми танзимкунанда доранд» [124, с.69]. Принсипҳои асосии танзими ҳуқуқии муносибатҳо оид ба идоракунии меҳнат дар моддаи 4 КМ ҶТ нишон дода шудаанд.

Муносибатҳои идоракунии меҳнат бо чунин принсипҳои ба ин муносибатҳо хосс, аз қабили «риояи қатъии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, дарёфти ризояти ҷамъиятӣ, суботи иҷтимоӣ, ҷалби теъдоди ҳарчи бештари аҳолии қобили меҳнат ба меҳнати арзанда, коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, афзоиши ҳиссаи шуғли расмӣ, таъмини стандартҳои ҳадди ақалли иҷтимоӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиати муҳоҷирони меҳнатӣ, баланд бардоштани кафолатҳои иҷтимоии шаҳрвандон, таъмини ҳифзи иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, зиёд кардани даромади кормандон вобаста ба муътадил гардидани вазъи иқтисодиёт» [82] асос ёфтаанд.

Ба назари бархе аз муҳаққиқон муносибатҳои идоракунии меҳнат бояд дар ду ҷиҳат баррасӣ карда шаванд. Аввалан, ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ онҳо муносибатҳои ҳуқуқие мегарданд, ки муносибатҳои меҳнатиро ҳамроҳӣ мекунанд, ки дар он корфармо, ки субъекти муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ буда, ҳуқуқу уҳдадориҳои бевосита ба корманди мушаххасро ба худ мегирад. Дар ин маврид ҳамкории тарафҳо дар асоси танзими инфиродии шартномавӣ сурат мегирад. Дуввум, «муносибатҳои идоракунии меҳнат

тавассути механизми шарикии иҷтимоӣ ва «демократияи истеҳсолӣ» замоне амалӣ карда мешаванд, ки корфармо ҳангоми муносибатҳои ҳуқуқӣ бо намояндагони кормандон ба ҳуқуқу уҳдадориҳои дахлдор ҷалб карда мешаванд, ки дар ин ҷо субъектҳо метавонанд: корфармо - коллективи меҳнатӣ, корфармо - намояндагони кормандон бошанд» [187, с.10].

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ маҷмуъи чорабиниҳо, воситаҳо ва усулҳои ҳуқуқии таъмини шуғли аҳолӣ мебошад. Чорабиниҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ маъмулан аз чорабиниҳои фаъол ва чорабиниҳои ғайрифаъол иборатанд. Чорабиниҳои фаъоли мусоидат ба шуғли аҳолӣ аз маҷмуи тадбирҳое иборатанд, ки давлат бо мақсади таъмин намудани фаъолияти муназзам ва босамари соҳаҳои иқтисод ва бозори меҳнат амалӣ менамояд. Чорабиниҳои ғайрифаъоли сиёсати шуғли аҳолӣ бошанд, хусусияти фардӣ дошта, бо мақсади ҳифзи иҷтимоии шахсони бекор дар ҳолатҳои мушаххас татбиқ мешаванд, ки ҳадафашон пешгирӣ ва паст кардани оқибатҳои манфии бекорӣ мебошад.

Бо назардошти ин, дар шароити кунунӣ масъалаҳои муайянсозии самтҳои афзалиятноки идоракунии меҳнат ва тавассути ҳуқуқи меҳнат пурра татбиқ намудани ҳадафҳо ва вазифаҳои дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат эълоншуда, ҳамзамон бартараф намудани мушкилоти танзими ҳуқуқии он, аҳаммияти махсуси илмӣ дорад.

Вобаста ба ин, низоми танзими ҳуқуқӣ идоракунии меҳнатро муфассалтар дида мебароем. Заминаҳои ҳуқуқӣ оид ба идоракунии меҳнат дар сатҳи миллӣ иборатанд аз: меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалии меҳнат; ҳуҷҷатҳои стратегӣ, консепсияҳо, дурнамоҳо барномаҳои давлатии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ва лоиҳаҳои татбиқшавандаи соҳаҳо; санадҳои ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ (созишномаи генералӣ, созишномаҳои соҳавӣ ва созишномаҳои минтақавӣ); стандартҳо ва меъёрҳои иҷтимоии давлатӣ; шарҳҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**1. Меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалии меҳнат**

Меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар идоракунии меҳнат ҳамчун асосҳои заминавӣ нақши ибтидоӣ ва муҳим доранд. Дар сатҳи байналмилалӣ меъёрҳои ҳуқуқии идоракунии меҳнатро созмонҳои байналмилалӣ, бахусус Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат ва дигар созмонҳои байналмилалии минтақавӣ таҳия ва қабул менамоянд.

Низоми меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалии меҳнат дар идоракунии меҳнат чунин тавсиф мегарданд: «принсипҳо ва меъёри умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ; принсипҳо ва ҳуқуқҳои асосӣ дар соҳаи меҳнат [2,]; меъёри конвенсияҳо ва тавсияҳои ТБМ; меъёри дигар шартномаҳои байналмилалӣ, санадҳои ташкилоти байналмилалӣ; меъёрҳое, ки фаъолияти корпоратсияҳои трансмиллиро танзим мекунанд» [209, с.53].

Масъалаҳои вобаста ба такмили низоми ташкили меҳнат ва истеҳсолот, идоракунии соҳаи меҳнат бо назардошти чолишҳо ва заруратҳои нав яке аз мавзуи мубрами рузномаи байналмилалӣ гардидааст. Аз ҷумла, рузномаи нақшаи нави рушди глобалии «Тағйир додани ҷаҳони мо: Рӯзномаи рушди устувор то соли 2030» аз 25 сентябри соли 2015 дар қатори дигар масъалаҳои глобалӣ ҳамчунин мавзуи идоракунии меҳнат ва тақвияти самараи онро дар бар мегирад [90].

Яке аз воситаҳои асосии амалисозии Рӯзномаи рушди устувор то соли 2030 шарикии глобалӣ муайян шудааст. Индикаторҳои асосии ҳадафҳои қабулшуда аз: «ҳиссаи аҳолии қаноатманд аз амалияи истифодаи хидматҳои давлатӣ; таносуб дар мансабҳо (аз рӯйи ҷинс, синну сол, маъюбӣ ва гуруҳи аҳолӣ) дар муассисаҳои давлатӣ (мақомоти қонунгузории миллӣ ва маҳаллӣ, хизмати давлатӣ ва судӣ) нисбат ба тақсимоти миллӣ; ҳиссаи аҳолие, ки ба қабули қарори фарогир аз рӯйи ҷинс, синну сол, маъюбӣ ва гурӯҳҳои аҳолӣ эътимод дорад; ҳиссаи аҳолие, ки дар дувоздаҳ моҳи гузашта шахсан табъиз ё таъқибро эҳсос кардаанд» [90] иборатанд.

Дар ин замина ба давлатҳои узв тавсия дода шудааст, ки барои муқаррар намудани ҳадафҳо бо фарогирии тамоми ҷанбаҳои Ҳадафҳои Рушди Устувор дар сатҳи миллӣ барномаҳоро таҳия ва амалӣ намоянд ва

ҳамзамон мунтаззам назорати таҳким ва ҳифзи ҳуқуқҳои кормандон ва манфиатҳои қишрҳои камбизоат ва осебпазири аҳолиро ба роҳ монанд [90].

Ташкилоти байналмилалии меҳнат муассисаи махсуси СММ мебошад, ки фаъолияти он барои масъалаҳои танзими меҳнат муайян шудааст.

Дар робита ба ин, Ташкилоти байналмилалии меҳнат санадҳоро дар шакли конвенсияҳо ва тавсияҳои умумӣ оид ба идоракунии соҳаи иҷтимоӣ ва меҳнатӣ таҳия мекунад, ҳадафҳо ва принсипҳои бунёдиро дар соҳаи иҷтимоӣ ва меҳнатӣ муқаррар мекунад, ки ба дастгирии ҳуқуқҳои бунёдии инсон, таъмини меҳнати арзанда ва бехатар, беҳтарсозии зиндагӣ ва тавсеаи шуғли пурмаҳсул равона гардиданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои ТБМ буда, то имрӯз зиёда аз 50 конвенсия ва 20 Тавсияи ин ташкилотро тасдиқ намудааст, қисми аз ин санадҳои ба масъалаҳои ташкили сиёсат ва идоракунӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғл рабт доранд. «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, вазифаи дугонаро иҷро мекунанд: аввалан, ба сифати сарчашмаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои марбут, аз ҷумла муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо онҳо алоқаманд дар кишвар хизмат мекунанд; сониян, ба сифати асоси такмили қонунгузории дохилидавлатӣ, аз ҷумла, қонунгузорӣ оид ба меҳнат ва замина барои комилан мутобиқ намудани он бо принсипҳо ва меъёри эътирофгардидаи ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи меҳнат баромад мекунанд» [202, с.11]. То имрӯз аз ҷониби ТБМ конвенсияву тавсияҳои зерин қабул гардидаанд, ки бевосита ба идоракунии меҳнат рабт доранд:

1) Конвенсияи ТБМ аз 26.06.1978 № 150 «Дар бораи танзими масъалаҳои меҳнат: нақш, вазифаҳо ва ташкилидиҳӣ» [9];

2) Тавсияи ТБМ аз 26.06.1978 № 158 «Дар бораи танзими масъалаҳои меҳнат: нақш, вазифаҳо ва ташкилдиҳӣ» [19];

3) Тавсияи ТБМ аз 09.07.1964 № 122 «Дар бораи сиёсати шуғли аҳолӣ»[21];

4) Конвенсияи ТБМ № 142 аз 23.07.1977 «Дар бораи роҳнамоии касбӣ ва таълими касбӣ дар рушди захираҳои инсонӣ» [10];

5) Конвенсияи ТБМ аз 22.06.1981 № 155 «Дар бораи бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат ва муҳити корӣ»;

6) Конвенсияи ТБМ аз 19.06.1997 № 181 «Дар бораи агентиҳои хусусии шуғли аҳолӣ» [6];

7) Конвенсияи ТБМ № 187 аз 15.06.2006 «Дар бораи асосҳои пешбурди бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат»;

8) Конвенсияи ТБМ аз 01.07.1949 № 98 «Дар бораи татбики принсипҳои ҳуқу ба таъсисдиҳӣ ва бастани шартномаҳои коллективӣ» [15];

9) Конвенсияи ТБМ аз 09.07.1948 № 87 «Дар бораи озодии иттиҳодияҳо ва ҳифзи ҳуҳук ба  ташкилот» [16];

10) Конвенсияи ТБМ аз 19.06.1981 № 154 «Дар бораи пешбурди музокироти коллективӣ» [8],

11) Конвенсияи ТБМ аз 23.06.1971 № 135 «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои намояндагони кормандон дар корхона ва имкони пешниҳодшуда» [12];

11) Тавсияи ТБМ аз 28.06.1967 № 129 «Дар бораи муносибатҳои байни роҳбарият ва кормандон дар корхона» [20];

12) Тавсияи ТБМ аз 26.06.1952 № 94 «Дар бораи машварат ва ҳамкории байни корфармоён ва кормандон дар сатҳи корхона» [22];

13) Декларатсияи сетарафаи принсипҳо оид ба корпоратсияҳои сермиллат ва сиёсати иҷтимоӣ аз 16 ноябри соли 1977 [17].

Зимнан, танзими меъёрии шарикии иҷтимоӣ дар сатҳи байналмилалӣ ин муқаррар намудани стандартҳои шарикии иҷтимоӣ, чаҳорчубаи имконпазири амалҳои муколамаи иҷтимоӣ бо дарҷи онҳо дар меъёрҳои конвенсияҳо ва тавсияҳои дахлдор, татбиқи барномаҳои гуногуни методию техникии байналмилалӣ ба кишварҳои узви ТБМ барои мусоидат дар танзими ҳуқуқии масъалаҳои ҳалталаби меҳнатӣ, гузаронидани таҳқиқотҳо ва нашри маводҳо оид ба масъалаҳои меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, вазифаҳои асосии ТБМ мансуб мешаванд.

Ташкилоти байналхалқии меҳнат (минбаъд ТБМ), ки дар сатҳи байналмилалӣ дурнамои соҳаи меҳнат ва стандартҳои байналмилалиро дар ин соҳа таҳия менамояд, масъалаҳои зикршударо ба муколамаҳои ҷашни 100 солагии ТБМ ворид намуда, онҳоро ба сифати самтҳои афзалиятноки фаъолияти худ қабул намуд [4].

Масъалаҳои идоракунии меҳнат мавзуи конвенсияҳои алоҳидаи ТБМ мебошад. Бо Конвенсияи ТБМ № 150 ва Тавсияи ТБМ № 158 ТБМ, масъалаҳои ташкили низоми миллии идоракунии меҳнат, принсипҳои роҳбарӣ ва вазифаҳои он, салоҳияти мақомоти давлатӣ, таркиби иштирокчиёни идоракунии соҳаи меҳнат дарҷ ёфтаанд. Тибқи Конвенсия ва Тавсияи зикршуда мафҳуми «танзими масъалаҳои меҳнат» фаъолият оид ба идоракунии давлатӣ дар соҳаи сиёсати миллии меҳнатро ифода мекунад.

Вобаста ба мураккаб шудани вазъ дар ҷаҳон, аз ҷумла, зиёд гардидани муноқишаҳо, ҷангҳо ва офатҳои гуногун, ки боиси  афзоиши теъдоди гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ гардида истодааст, Ташкилоти байналмилалии меҳнат Тавсияи № 205 аз 16.06.2017 «Дар бораи шуғли аҳолӣ ва меҳнати арзанда ба хотири сулҳ ва устуворӣ» -ро  қабул кард. Ҳадафи ин Тавсия пешниҳоди роҳнамо оид ба чораҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва меҳнати арзанда барои пешгирӣ аз муноқишаҳо, барқарорсозӣ ва таҳкими сулҳу устуворӣ дар шароити буҳронҳо, иборат аст. Дар ин санад тадбирҳо оид ба таъмини шуғли аҳолӣ ва меҳнати арзанда, ки метавонанд дар шароити буҳронҳои дар натиҷаи низоъҳо ва офатҳои табиӣ ба вуҷудомада истифода шаванд, ба таври муфассал тавсиф шудаанд. Амалҳое, ки дар ин ҳуҷҷат тавсия дода шудааст, ҳам арзёбии хатарҳо ва ҳам пешгирӣ ва кам кардани таъсир аз ҷониби субъектҳои гуногунро дар бар мегирад. Масъалаҳои гузариш аз иқтисоди ғайрирасмӣ ба иқтисоди расмӣ дар муқаррароти Тавсияи ТБМ аз 12.06.2015 № 204 [17]  пешбинӣ карда шудаанд. Тавсияи мазкур муқарраротро дар бораи: «мусоидат намудан ба гузариши кормандон ва воҳидҳои иқтисодӣ аз иқтисоди ғайрирасмӣ ба иқтисоди расмӣ, эҳтироми ҳуқуқҳои бунёдии кормандон ва фароҳам овардани имконҳо барои таъмини

даромад, амнияти воситаҳои зиндагӣ ва малакаҳои соҳибкорӣ; ҳавасмандгардонии таъсис, нигоҳдорӣ ва устувории корхонаҳо ва ҷойҳои кории муносиб дар иқтисоди ғайрирасмӣ ва таъмини ҳамоҳангӣ ва мутобиқати байни сиёсати макроиқтисодӣ, шуғл, ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар сиёсатҳои иҷтимоӣ; пешгирии ҷойҳои кории ғайрирасмӣ дар иқтисоди расмӣ»[17] дар бар мегирад.

Мутобиқи моддаи 19 Тавсияи ТБМ аз 15.06.2006 № 198 «Дар бораи муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ» аъзои ТБМ «бояд механизми мувофиқро таъсис диҳанд ё аз механизми мавҷудаи мониторинги вазъи бозори меҳнат ва дар соҳаи ташкили меҳнат, инчунин аз тавсияҳо оид ба қабул ва татбиқи сиёсати инфиродии муносибатҳои шуғл дар чаҳорчӯби сиёсати шуғли инфиродӣ истифода намоянд» [18].

Танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ дар доираи созмонҳои байналмилалии минтақавӣ дар асоси созишномаҳои байнидавлатӣ ва байниҳукуматӣ амалӣ карда мешавад. Дар ин самт санадҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ), ки Ҷумҳурии Тоҷикистон узви он мебошад аҳаммияти муҳим доранд. Санадҳои ин созмон фаъолияти давлатҳои узви ИДМ-ро дар самти идоракунии меҳнат ҳамоҳанг намуда, барои мутобиқсозии меъёри меҳнат дар минтақа хизмат мекунанд.

Дар «Консепсияи ташаккули марҳила ба марҳилаи бозори умумии меҳнат ва танзими муҳоҷирати меҳнатии давлатҳои аъзои ИДМ» [25] таърифи консептуалии истилоҳи «ташаккули бозори ягонаи меҳнат» ҳамчун амалисозии чорабиниҳо ва тадбирҳои мувофиқашуда оид ба мутобиқсозӣ, танзим, мубодила ва истифодаи оқилонаи иқтидори меҳнатӣ дар кишварҳои ИДМ муайян мешавад. Ин чорабиниҳо ва тадбирҳо самаранок истифода бурдани иқтидори меҳнатӣ ва зеҳнии меҳнаткашони мамлакатҳои ИДМ -ро тақвият мебахшад.

Дар Хартияи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва кафолатхои шаҳрвандони давлатҳои аъзои ИДМ аз 29 октябри соли 1994 [26], ки ба ҳуқуқҳои асосӣ ва ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон бахшида шудааст, ҳуқуқ ба ҳаракати озоди захираҳои

меҳнатӣ дар байни давлатҳои ИДМ ва дар робита ба меъёрҳои байналмилалӣ баробарҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ дар соҳаи меҳнат ва иҷтимоӣ бо шаҳрвандони давлатҳои қабулкунанда, эълон карда шудаанд.

Дар доираи ИДМ Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи меҳнат аз 9 декабри соли 1994 [29] қабул гардидааст, ки тибқи он давлатҳои аъзои ИДМ фаъолиятҳои мувофиқашударо дар соҳаи ҳифзи меҳнат дар як қатор самтҳо амалӣ менамоянд, аз ҷумла: «муқаррар намудани талаботи бехатарии меҳнат ба мошинҳо, механизмҳо, дигар маҳсулоти саноатӣ, моддаҳои нав, масолеҳ, технологияҳо ва объектҳои лоиҳакашӣ; таҳия ва татбиқи барномаҳои байнидавлатӣ ва лоиҳаҳои техникӣ, якҷоя гузаронидани лоиҳаҳои асосии илмӣ; таҳияи системаи нишондиҳандаҳо ва ҳисоботи давлатӣ дар соҳаи ҳифзи меҳнат дар асоси мувофиқаи методологӣ; ташкили тайёр кардани кадрҳо ва такмили ихтисос; мубодилаи иттилоот, гузаронидани намоишгоҳҳои байнидавлатӣ, симпозиумҳо, конференсияҳои илмию амалӣ, семинарҳо ва вохӯриҳо оид ба масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн; мусоидат кардан ба робита ва машваратҳои доимии байни мақомоти идоракунии давлатии бехатарии меҳнат ва ҳифзи меҳнат, назорат дар ин соҳа, инчунин ташкилоти дахлдори илмӣ ва ғайра» [29].

Яке аз мавзуъҳои танзими идоракунии меҳнат дар сатҳи минтақавӣ ин танзими муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақа мебошад. Байни давлатҳои аъзои ИДМ «Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ аз 15 апрели соли 1994» амал мекунад, ки муносибатҳоро доир ба мақоми ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ, тартиби вуруд, будубоши онҳо ва эътирофи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи таҳсилот барои фаъолияти меҳнатии онҳо дар ҳудуди давлатҳои ИДМ ва дигар масъалаҳои меҳнатию иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатиро танзим менамояд. Созишномаи мазкур меъёрҳо ва принсипҳоеро дар бар мегирад, ки дар ҳуҷҷатҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, инчунин дар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии ТБМ қайд шудаанд. Аз ин рӯ, дар Созишнома ҳангоми ҳамкорӣ дар самти танзими масъалаҳои ба кор қабул

намудан ва шуғли муҳоҷирони меҳнатӣ ва муайян намудани вазъи ҳуқуқии онҳо, пеш аз ҳама ба қонунгузории миллӣ авлавият дода, дар баробари ин дар навбати аввал санадҳои меъёрии ҳуқуқии дуҷониба қарор доранд.

Инчунин, барои танзими ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ дар қаламрави кишварҳои ИДМ Конвенсия дар бораи вазъи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаҳои онҳо дар давлатҳои аъзои ИДМ аз 14 ноябри соли 2008 қабул карда шудааст [27]. Конвенсияро бисёре аз кишварҳои узви ИДМ имзо кардаанд ва он 21 феврали соли 2010 эътибор пайдо кард. Ин Конвенсияро ҷумҳуриҳои Озарбойҷон, Арманистон, Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон ва Украина ба тасвиб расонидаанд.

Доир ба ҳамоҳангсозии сиёсати идоракунии меҳнат дар байни давлатҳои узви ИДМ инчунин, Асосҳои консептуалии ҳамкории кишварҳои ИДМ дар соҳаи меъёрбандии меҳнат барои солҳои 2021-2025 [25] қабул гардидааст, ки дар заминаи ин ҳуҷҷат таҳияи як қатор санадҳои меъёрӣ дар ин самт ба нақша гирифта шудааст. Инчунин, байни давлатҳои узви ИДМ як қатор созишномаҳои танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ амал мекунанд, аз ҷумла, Созишномаи ИДМ «Дар бораи тартиби тафтиши ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот, ки ба кормандон берун аз маҳалли истиқомати онҳо рух додааст, аз 9 декабри соли 1994» [28] ва ғайра.

Умуман, низоми стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи идоракунии меҳнат фарогир буда, давлатҳоро барои рафъи вазъиятҳои буҳронӣ дар соҳаи меҳнат, мусоидат ба «бунёди ҷомеъаи осоишта ва кушода барои манфиати рушди устувор, таъмини дастрасии ҳама ба адолати судӣ ва таъсиси ниҳодҳо ва муассисаҳои давлатии муассир, ҳисоботдиҳанда ва фарогир дар соҳаи иҷтимоӣ ва меҳнатӣ» [90] ҳидоят мекунад.

**2. Ҳуҷҷатҳои стратегӣ, консепсияҳо, барномаҳои давлатии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ**

Дар низоми заминаҳои ҳуқуқии идоракунии меҳнат ҳуҷҷатҳои стратегӣ нақши муҳим доранд. Онҳо бо мақсади муайян кардани ҳадафҳо, дурнамо,

банақшагирӣ ва барномасозии соҳаи меҳнат дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва дар сатҳи маҳаллӣ таҳия карда мешаванд.

Дар доираи дурнамоҳо ҳуҷҷатҳои стратегие таҳия ва қабул шудаанд, ки барои давраи миёнамуҳлат ва дарозмуддатро дар бар мегиранд.

1) **Консепсияҳо.** Консепсия ҳуҷҷати банақшагирии стратегӣ мебошад, ки ҳадаф, принсипҳо, вазифаҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи муайяни фаъолият муайян мекунад. Мафҳумҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ ва меҳнатӣ дар «Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» [50], «Консепсияи сиёсати давлатии демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2015» [51], «Консепсияи сиёсати давлатии муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон» [52] дарҷ ёфтаанд. Масалан, дар «Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» панҷ самти калидии сиёсати миллӣ дар соҳаи шуғл ва ҳифзи иҷтимоӣ муайян шудаанд: «васеъ намудани соҳаҳои шуғли пурмаҳсул; донишу малака, технология ва имкони шуғли пурмаҳсул; рушди соҳибкорӣ ва ташкили ҷойҳои кории пурмаҳсул; ниҳодҳо ва барномаҳои бозори меҳнат; шарикии иҷтимоӣ» [50].

2) **Стратегияҳо.** Стратегия ҳуҷҷати асосии банақшагирии давлатӣ буда, бо назардошти манфиатҳои миллию давлатӣ ва афзалиятҳои стратегии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳадафҳо ва вазифаҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи мушаххаси фаъолияти давлат барои давраи дарозмуддат муайян карда мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои стратегии зерин дар соҳаи идоракунии меҳнат аҳаммияти аввалиндараҷа дошта, дар онҳо ҳадафу вазифаҳо дар самти сиёсати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ муайян шудаанд:

- Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 «ҷорӣ намудани воситаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва принсипҳои маблағгузории барномавии мақсадноки барномаҳои ҳудудии мусоидат ба шуғл; баланд бардоштани сифати муҳити рақобатпазир

тавассути муносибгардонии имтиёзҳои соҳавӣ ва бартариятҳо; ташаккули низоми миллии мусоидат ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат; рушду такомули инфрасохтори бозори меҳнат; ташкили барномаҳои махсус, ки ба беҳтар намудани имкони шуғли шахсони дорои мушкилоти махсус (занон, шахсони маъюб, муҳоҷирони ба ватан бозгаштаи дорои тахассуси нокифоя) равона шудаанд; таҳкими механизмҳои дастгирии иҷтимоии бекорон» [47];

-Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040: «муайян кардани сиёсати давлатии муттасил, мақсаднок ва таъсирбахши муҳоҷират; таҳия ва амалисозии қонунгузории муосири миллӣ дар самти муҳоҷират ва рушди ҳамкориҳои байнидавлатӣ ва байниидоравӣ; таъсиси идоракунии давлатии равандҳои муҳоҷират ва таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо дар хориҷ ва дохили кишвар» [53];

-Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040: «такмили низом ва тартиби кор, ки барои ҳифз ва пешбурди ҳуқуқ ва манфиатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии шахсони алоҳида ва оилаҳои осебпазир дар тамоми ҷумҳурӣ мусоидат менамоянд; таҳкими заминаи моддӣ, тақвиятбахшии захираҳои инсонӣ ва зиёд намудани маблағгузории соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои бартараф намудани осебпазирии иқтисодӣ ва иҷтимоии оилаҳои серфарзанд, одамони дорои маъюбият, пиронсолон ва гуруҳҳои дигари аҳолӣ, ки бештар мубталои камбизоатӣ мебошанд; таҳияи Консепсияи ислоҳоти низоми таъминоти нафақа барои марҳила ба марҳила гузаштан ба низоми пасандозии таъминоти нафақавӣ ва пай дар пай баланд бардоштани андозаи нафақа; ташаккули консепсия ва афзоиши ҳамзамони шумораи шуғли пурмаҳсул ва маҳсулнокии меҳнат, танзими равандҳои стратегии мухоҷирати шаҳрвандон ба хориҷи кишвар ва таъмини ҳифзи иҷтимоии самарабахш» [54];

3) **Барномаҳои давлатӣ.** Барномаи давлатӣ маҷмуъи чорабиниҳои ба нақша гирифташударо дар бар мегирад, ки вазифаҳо, муҳлатҳои амал, иҷрокунандагон, захираҳо ва воситаҳои сиёсати давлатӣ барои ноил шудан

ба афзалиятҳо ва ҳадафҳои сиёсати давлатиро дар соҳаи рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамоянд.

Барномаи давлатӣ ҳуҷҷати банақшагирии стратегӣ мебошад, ки маҷмуъи чорабиниҳои ба нақша гирифташударо дар бар гирифта, бо ҳадафҳо, муҳлатҳои татбиқ, иҷрокунандагон, захираҳо ва воситаҳои сиёсати давлатии бо ҳам алоқамананданд дар доираи татбиқи вазифаҳои асосии давлатӣ ноил шудан ба афзалиятҳо ва ҳадафҳои сиёсати давлатиро дар соҳаи рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

Барномаҳои асосии давлатӣ дар соҳаи иҷтимоию меҳнатӣ «Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ барои солҳои 2023-2027» [56], «Барномаи миёнамуҳлати рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» [57], «Барномаи миллии рафъи шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028» [58], «Барномаи ҳамкорӣ байни шарикони сетарафаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат оид ба меҳнати арзанда барои солҳои 2020-2024» [59], «Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» [60] ва дигар барномаҳои давлатӣ мебошанд.

Бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисодии кишвар ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии шаҳрвандон, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, тавассути барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла, Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ, иҷрои як қатор вазифаҳо пешбинӣ карда мешаванд.

Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ асосан аз бахшҳои «Чорабиниҳои фаъоли мусоидат ба шуғли аҳолӣ» ва «Дастгирии иҷтимоии шаҳрвандони бекор» иборат мебошад. Тибқи нақшаи ин барнома давоми солҳои 2023-2027 «дар ҷойҳои кории холии ба мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ пешниҳодгашта 294,0 ҳазор корҷу, аз ҷумла, тавассути банд намудани ҷойҳои корӣ (квота) 44,0 ҳазор шаҳрванди дар бозори меҳнат осебпазир бо ҷойи кор таъмин карда мешаванд; ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва

бозомӯзӣ аз рӯи касбҳои ба талаботи бозори меҳнат мувофиқ 108,4 ҳазор шаҳрванди бекор, корҷу ва муҳоҷирони меҳнатии баватанбаргашта фаро гирифта мешаванд; ба 69,4 ҳазор шахси бекор барои давраи бекорӣ кумакпулӣ пардохт мегардад; малакаҳои касбии 8,2 ҳазор шаҳрванд ва муҳоҷирони меҳнатии баватанбаргашта бо шаҳодатнома тасдиқ карда мешаванд; 38,4 ҳазор шаҳрванди бекор ва корҷу ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар мешаванд; ба 17,0 ҳазор шаҳрванди бекор барои ташкили соҳибкории хурд ва рушди ҳунарҳои мардумӣ қарзҳои имтиёзнок дода мешаванд; ба 55,1 ҳазор муҳоҷирони меҳнатии ба ватан баргашта хизматрасонии иҷтимоӣ анҷом дода мешаванд» [56].

Дар чорчуби Барномаи миёнамухлати рушди иқтисоди рақамӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025 дар самти меҳнат ва шуғли аҳолӣ як қатор лоиҳаҳо, аз ҷумла, лоиҳаҳои марбут ба рақамикунонӣ, амалӣ карда мешаванд. Аз қабили «рақамикунонии масъалаҳои мушоракати иҷтимоию меҳнатӣ вобаста ба шартномаҳои меҳнатӣ; рақамикунонии хизматрасониҳои мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ (бақайдгирии электронии шаҳрвандони корҷу, таъин ва пардохти кумакпулӣ барои давраи бекорӣ, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ба шаҳрвандони бекор барои машғул шудан ба соҳибкорӣ, пардохти стипендияи хатмкунандагони курсҳои кутоҳмуддати тайёрии касбӣ ва маблағгузории иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок ва ғайра); табодули иттилоот миёни дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ; таъсис додани харитаи электронии интерактивии шуғли аҳолӣ ва бекорӣ; баҳисобгирии электронии рафту омади муҳоҷирати меҳнатӣ дар кишвар» [60] пешбинӣ гардидаанд.

Дар сатҳи маҳалҳо низ метавонанд барномаҳо ва зербарномаҳои дахлдор таҳия карда шаванд. Мисол, барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолии шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳо бо назардошти вазъи иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳо ва дурнамоҳои рушди маҳалҳо таҳия гардида, бо қарорҳои маҷлисҳои вакилони халқи вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо тасдиқ мегарданд.

**3. Санадҳои ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ (Созишномаи генералӣ, созишномаҳои соҳавӣ, минтақавӣ ва шартномаҳои коллективӣ).** Созишномаи генералӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026 санади асосии шарикии иҷтимоӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ мебошад, ки ба масъалаҳои идоракунии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дахл мекунад. Бо ин санад, шарикони иҷтимоӣ дар асоси дурнамои рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат чорабиниҳои ҳамоҳангшуда ҷиҳати амалисозии сиёсати меҳнат ва танзими бозори меҳнат, танзими музди меҳнат, даромадҳо ва сатҳи зиндагии аҳолӣ, такмили низоми суғуртаи иҷтимоӣ, таҳкими ҳифз ва таъминоти иҷтимоии гуруҳҳои осебпазир, инчунин баланд бардоштани сатҳи ҳифз ва бехатарии меҳнат ва ҳаллу фасли дигар масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ ва муайян карда мешаванд.

Муқаррароти Созишномаи генералӣ чун қоида бо созишномаҳои сатҳҳои поёнии шарикии иҷтимоӣ мушаххас карда шуда, дар амал татбиқ мегарданд. Масалан, Созишномаи минтақавӣ байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва Шурои иттифоқҳои касабаи вилояти Суғд ва Ассотсиатсияи соҳибкорони вилояти Суғд барои солҳои 2024-2026д [84], идома додани татбиқи тадбирҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, рушди соҳибкорӣ, ҷалби занону духтарон ба касбомӯзӣ ва густариши ҳунарҳои мардумӣ пешбинӣ гардидааст. Мувофиқи ин Созишномаи минтақавӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва соҳибкорони вилоят ӯҳдадор шудаанд, ки бо роҳи рушди соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории хурд дар деҳот ва ноҳияҳо, бо истифода аз ашёи хоми маҳаллӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ тадбирҳои мушаххас андешанд. Ба ташаббусҳои соҳибкорону сармоягузорон ва ҳалли дигар масъалаҳои иҷтимою меҳнатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят, мусоидат ва дастгирь намуда, чораҳои зарурӣ меандешанд.

Дар «Созишномаи минтақавии байни мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар, Шурои ҳамоҳангсозии иттифоқҳои касабаи шаҳри Бохтар ва Иттиҳодияи корфармоёни шаҳри Бохтар барои солҳои 2024 -2026» [85] масъалаҳои вобаста ба такмили низоми меъёрбандии музди меҳнати кормандони соҳаҳо, назорати пардохти саривақтии музди меҳнат ва дигар масъалаҳои муҳими соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Бохтар, пешбинӣ гардидаанд. Ҳамингуна муқаррарот дар Созишномаи минтақавии байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳристон, Шурои ҳамоҳангсозии иттифоқҳои касабаи ноҳияи Шаҳристон ва Ассотсиатсияи соҳибкорони ноҳияи Шаҳристон барои солҳои 2024-2026, ки хосси вазъи иҷтимоию меҳнатии ин ноҳия мебошанд, дарҷ ёфтаанд.

Аксарияти вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ созишномаҳои минтақавӣ бастаанд.

Чун қоида, созишномаҳои соҳавӣ аз ҷиҳати мазмун мукаммалтарин созишнома мебошанд. Масалан, Созишномаи соҳавӣ байни Иттифоқҳои касабаи кормандони муассисаҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2027 як қатор муқарраротро дар бар мегирад, ки меъёри қонунгузории меҳнатро дар соҳаи ташкили меҳнат ва идоракунии меҳнат дар ин соҳа таҳия ва мушаххас мекунанд. Аз ҷумла, созишномаи мазкур уҳдадориҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои дар сатҳи зарурӣ фароҳам овардани шароити меҳнат, баланд бардоштани музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ, таҷдиду такмили меъёри меҳнат дар мувофиқа бо иттифоқҳои касаба ва таъмини дигар имтиёзҳои иҷтимоӣ ба кормандон муқаррар намудааст.

Дар сатҳи минтақавӣ аз ҷиҳати мазмун мукаммалтарин Созишномаи сеҷонибаи байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ш. Душанбе, Кумитаи иттифоқҳои касабаи ш. Душанбе ва Ассотсиатсияи соҳибкорони ш. Душанбе барои солҳои 2024 -2026 мебошад, ки он ӯҳдадориҳои иловагии тарафҳои шарикии иҷтимоиро пешбинӣ намуда, ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва меҳнатии кормандонро дар муқоиса бо қонунгузории амалкунанда хеле

баланд мебардоранд. Мувофиқати муқаррароти Созишномаи мазкур, тарафҳои созишнома уҳдадор шудаанд, ки ҳар сол аз татбиқи созишнома натиҷагирӣ карда, дар асоси тағйири вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақа ба он тағйиру иловаҳо ворид намоянд.

Мутаасифона, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қисми зиёди созишномаҳои шарикии иҷтимоӣ танҳо меъёрҳои қонунгузории меҳнат ва Созишномаи генералиро такрор менамоянд, ба сатҳи воқеии ҳуқуқу кафолатҳо ва манфиатҳои қонунии кормандон таъсир надоранд ва дар аксар маврид хислати расмиро доранд.

Созишномаҳои дахлдор метавонанд байни иттифоқҳои касаба ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин муассисаҳои тобеъи онҳо низ баста шаванд.

**4. Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ.** Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ стандартҳои пешниҳоди баъзе хизматрасониҳои давлатиро дар соҳаи меҳнат муқаррар мекунанд [65, 66,67].

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2021, №1842 “Дар бораи стандартҳои давлатии иҷтимоӣ”[33] зери мафҳуми мазкур «меъёрҳо ва қоидаҳои аз тарафи давлат муқарарраргардидае, ки татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоии ба шаҳрвандон кафолатдодаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби пешниҳоди ин ҳуқуқҳоро таъмин менамоянд»[33] (моддаи 2), фаҳмида мешавад. Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар карда мешаванд, хусусияти умумиҳатмӣ доранд ва дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд. Низоми стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборатанд аз: «пардохти музди меҳнат ва муносибатҳои меҳнатӣ; таъмини шуғли аҳолӣ ва дастгирии бекорон; таъмини нафақа ва суғуртаи иҷтимоӣ» [33] (моддаи 9).

Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи музди меҳнат асосан ба муқаррарсозии дақиқи андозаи ҳадди ақали музди меҳнат равона гардида, онҳо аз сатҳи зиндагии аҳолӣ ва харочотҳои оилаҳо аз рӯйи гуруҳҳои

иҷтимоӣ вобаста аст. Бо ин стандартҳо тартибу шароити пардохти музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ, қоидаҳои индексатсияи музди меҳнат бо назардошти сатҳи тавварум, пардохти маблағҳои иловагӣ бинобар сабаби саривақт пардохт нашудани музди меҳнат ҳамчун воситаи ҷуброни кормандон муқаррар карда мешаванд. Мавзуи дигари стандартҳои давлатии иҷтимоӣ ин муайянсозии тартиб ва шароити пардохти иловапулиҳо ба музди меҳнати кормандон барои изофакориҳо, кор дар рӯзҳои истироҳат ва ид мебошад. Мисол, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2025 №962 «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилоти буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» [48], қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 апрели соли 1998, № 122 «Дар бораи шароити пардохти музди меҳнати кори кормандони соатбайъ ва дар ду (чанд) ҷой коркунандаи корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» [68] ва моддаи 154, КМ ҶТ дар бораи пардохти изофакорӣ, кор дар рузҳои истироҳат ва ид, меъёрҳое мебошанд, ки тавассути онҳо ин стандартҳои иҷтимоии давлатӣ муқаррар шудаанд.

Дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ стандартҳои иҷтимоии давлатӣ вазифаҳои муқаррарсозии ҳадди ҳуқуқу кафолатҳои шаҳрвандонро ба меҳнат муқаррар мекунанд. Ин стандартҳо асосан дар меъёрҳои КМ ҶТ дарҷи худро ёфтаанд, мисол тартиби ба кор қабул намудани шаҳрвандон аз ҷониби корфармоён (моддаҳои 23 - 26 КМ ҶТ), танзими баҳисобгирии собиқаи кории кормандон (моддаи 52 КМ ҶТ), давомнокии вақти корӣ дар давоми рӯз, ҳафта ва моҳ (моддаҳои 66 -70 КМ ҶТ), шартҳо ва қоидаҳои додани рухсатии меҳнатии кормандон (моддаҳои 91-100 КМ ҶТ), муқаррар кардани рӯзи кории кутоҳкардашуда ба кормандон барои кор дар шароити вазнин, зеризаминӣ ва зарарноки меҳнат (моддаи 236 КМ ҶТ), масъалаҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарии он (моддаҳои 331 - 340 КМ ҶТ).

Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва дастгирии шаҳрвандони бекор бошад, тавассути меъёри Қонуни ҶТ «Дар

бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» муқаррар гардидаанд, ки дар онҳо тартиб ва шароити пардохти кӯмакпулиҳо барои бекорӣ, қоидаҳои байқайдгирии шаҳрвандони бекор, ташкили бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси корҷуён ва бекорон ва мусоидат барои бокортаъминсозии онҳо, пешбинӣ шудаанд.

Мутобиқи моддаи 7 Қонуни ҶТ «Дар бораи стандартҳои давлатии иҷтимоӣ» яке аз принсипҳои асосии муқаррар намудани стандартҳои иҷтимоии давлатӣ ин «роҳ надодан ба пастшавии сатҳи зиндагии шаҳрвандон ҳангоми таҳия ва татбиқи тадбирҳо оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он» [33] мебошад.

Таърифи мафҳуми "сатҳи зиндагӣ" дар моддаи 1 Қонуни ҶТ аз 19 майи соли 2009 № 521 «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ» омадааст, ки тибқи он «сатҳи зиндагӣ - маҷмуъи неъматҳои моддию маънавӣ ва хизматрасонӣ, ки талаботи ҳаётан муҳимми одамонро қонеъ мегардонанд» [42] муайян карда мешавад. Сатҳи зиндагии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишондиҳандаҳои "ҳадди ақалли зиндагӣ", "сабади истеъмолӣ" "даромади миёни сарикасӣ", "музди миёнаи меҳнат" "ҳадди ақалли музди меҳнат" чен карда мешаванд. Мисол, сабади истеъмолӣ маҷмуъи ҳадди ақалли озуқаворӣ, маҳсулоти ғайриозуқа ва хизматрасониеро ифода мекунад, ки онҳо барои нигаҳдории саломатии инсон, таъминоти иҷтимоии рузмарраи инсон ва аъзои оилаи ӯ муҳиманд. Нишондиҳандаи асось барои муайянсозии даромади миёнаи ҳар як аъзои оила, ин ҳаҷми миёнаи даромади моҳонаи умумии ба ҳар як узви оила тақсимшударо ифода мекунад. Тибқи моддаи 1 КМ ҶТ ҳадди ақалли музди меҳнат ин «маблағи пулии ҳадди ақалли ҳатмии муқарраршудае, ки корфармо онро дар давоми як моҳ барои кор дар шароити муътадил, бо риояи давомнокии вақти кории муайян намудаи Кодекси мазкур ва барои иҷрои уҳдадориҳои муайян ба корманд пардохт менамояд» [43] (моддаи 1 КМ ҶТ). Мавриди зикр аст, ки андозаи муқарраршудаи ҳадди ақалли музди меҳнат наметавонад бо шартномаҳои меҳнатӣ ва ё шартномаҳои коллективӣ кам карда шавад, он ҳамчун стандарти асосии иҷтимоӣ барои муқаррарсозии андозаи музди меҳнати кормандон ва муайян

кардани андозаи кӯмакпулиҳои кормандон барои корношоямии муваққатӣ, ҳомиладорӣ ва таваллуд, инчунин барои кумакпулиҳои суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ истифода мешавад. Дар баробари ин қайд кардан лозим аст, ки чунин меъёри иҷтимоӣ, монанди ҳадди ақалли зиндагӣ талаботи корманд ва оилаи уро пурра қонеъ гардонда метавонад.

Ҳамин тариқ, стандартҳои иҷтимоӣ ченакҳое мебошанд, ки тавассути онҳо давлат барои аз ҳадди ақалли зиндагӣ ва аз арзиши ҳадди ақалли сабади истеъмолии корманд паст нашудани музди миёнаи меҳнат дар соҳаҳои иқтисоди ҷумҳурӣ, тадбирандешӣ мекунад.

**5. Шарҳҳо ва мавқеи ҳуқуқии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Дар низоми санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳо оид ба идоракунии меҳнат, санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан фарқ мекунанд. Мутобиқи қисми 1 моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» [32] аз 26 июли соли 2014 № 1084 Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «аз натиҷаи ҷамъбасти амалияи судӣ бо мақсади ҷорӣ намудани таҷрибаи якхела ва татбиқи дурусти қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавзеҳоти дастурӣ медиҳад» [31]. Мувофиқи қисми 3 моддаи 60 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» «иҷрои санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи ҳамаи мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, дигар ташкилот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, новобаста аз шакли моликият, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон, ки санадҳои судӣ ба онҳо дахл доранд, ҳатмӣ мебошад» [32].

Тавзеҳҳо ва мавқеъҳои ҳуқуқии Суди Олӣ ва Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муносибатҳо оид ба идоракунии меҳнат аҳаммияти калон доранд. Масалан, дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 ноябри соли 2021, №1 «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани меъёри қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба

меҳнат ҳангоми баррасии баҳсҳои меҳнатии фардӣ» [88] омадааст, ки «баҳсҳои зерин бевосита дар судҳо баррасӣ ва ҳал карда мешаванд: оид ба радкунии корфармо барои қабул кардан ба кор (моддаи 23 қисми 2 КМ ҶТ); оид ба ғайриқонунӣ аз кор озод намудан ва ба кори дигар гузаронидани корманд (моддаи 54 КМ ҶТ); оид ба пардохт кардани вақти маҷбуран ба кор ҳозир нашудан, хароҷоти иловагӣ вобаста ба шикоят дар бораи ғайриқонунӣ ба кори дигар гузаронидан ё озод кардан аз кор, ҷуброни зарари маънавӣ (моддаи 55 КМ ҶТ); оид ба беэътибории шартномаи меҳнатӣ (моддаи 56 КМ ҶТ); оид ба амали (беамалии) корфармо, ки ба ҷамъоварӣ, коркард ва ҳифзи маълумоти шахсии корманд алоқамандӣ дорад (моддаи 58 КМ ҶТ); оид ба ҷуброни зарари моддии ба корфармо расонидашуда (моддаҳои 194,195 КМ ҶТ); оид ба ҷуброни зараре, ки роҳбар ба ташкилоти давлатӣ расонидааст (моддаи 196 КМ ҶТ); оид ба кор қабул накардани зани ҳомила, занон ё дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, ки кӯдаки то сесола ё кӯдаки маъюб доранд ва кам кардани музди меҳнати онҳо (моддаи 225 КМ ҶТ); оид ба ҷуброни зарар бо сабаби бад шудани саломатӣ ё фавти корманд (моддаи 343 КМ ҶТ)»[88].

Бо ин қарор ҳамчунин тартиби қабул, баррасии аризаи даъвогӣ аз рӯйи баҳсҳои меҳнатӣ, баҳисобгирии муҳлатҳо, ҳолатҳои аз пардохти боҷи давлатӣ озод намудани корманд барои барасии аризаи даъвогӣ шарҳ дода шудаанд.

Дар бахши дигари ин санад мазмуну моҳияти меъёри қонунгузории меҳнат доир ба муҳлати шартномаҳои меҳнатӣ, тағйири шартҳои шартномаи меҳнатӣ, гузаронидани корманд ба кори дигар, асосҳои бо ташаббуси корфармо қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ ва дигар ҳолатҳое, ки мавзуъҳои асосии баҳсҳои меҳнатӣ дар судҳо мегарданд, шарҳ дода шуда, барои татбиқи дурусти меъёри ҳуқуқи меҳнат ҳангоми баррасии баҳсҳои меҳнатӣ ба судҳои поёнӣ дастурҳои мушаххас дода шудааст.

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар заминаи муроҷиатҳо мутобиқати меъёри қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои

ҳуқуқии дорои меъёри ҳуқуқи меҳнатро баррасӣ ва қарорҳои дахлдор қабул менамояд, ки ин санадҳо дар танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат нақши муҳим доранд. Аз ҷумлаи чунин санадҳо қарори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 майи соли 1996, аз рӯйи парвандаи «Дар бораи муайян намудани мутобиқати моддаи 226 Кодекси қонунҳо оид ба меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар асоси мурочиати шаҳрванд Ғаниев Қ.И. мебошад. Муҳтавои мурочиати шаҳрванд Ғаниев Қ.И. аз он иборат аст, ки моддаи 226 КМ ҶТ ҳуқуқи шаҳрвандонро ба ҳифзи судӣ, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат додааст, маҳдуд намуда, муайян намудани мувофиқати моддаи мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро талаб мекунад [89]. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи мазкурро баррасӣ намуда қарори дахлдор қабул намудааст.

**Аз натиҷаҳои таҳқиқи танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар сатҳи миллӣ хулосаҳои зерин бармеоянд:**

1. Бо назардошти нишондодҳои илмӣ ва стандартҳои байналмилалӣ яке аз принсипҳои асосии танзими ҳуқуқии меҳнат ин ташкили идоракунии меҳнат дар сатҳи миллӣ ва сатҳи локалӣ маҳсуб мешавад ва он бояд ба сифати мақсадҳои асосӣ ва вазифаҳои қонунгузории меҳнат муқаррар карда шавад. Зеро, танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дорои чунин хусусиятҳои ба худ хос мебошад: 1) муносибатҳои ҳуқуқии идоракунии меҳнат бо тарзу усулҳои махсус танзим карда мешаванд; 2) идоракунии меҳнат дорои хусусияти танзими ҳуқуқи давлатӣ-хусусӣ аст; 3) дар он танзими ҳуқуқии ҷанбаҳои иқтисодии идоракунии меҳнат мавқеи асосӣ дорад; 4) дар идоракунии меҳнат усулҳои таъсиррасонии мустақим ба таври васеъ истифода мешаванд (фармонҳо, қарорҳо); 5) низоми субъектҳои идоракунии меҳнат дар сатҳу зинаҳои гуногун амал мекунад, аз ҷумла дар сатҳҳои миллӣ, маҳаллӣ, соҳавӣ ва локалӣ; 6) идоракунии меҳнат хусусияти байнисоҳавӣ дошта, доираи васеъи меъёрҳои ҳуқуқи меҳнатро дар соҳаҳои гуногуни иқтисод фаро мегирад; 7) чорабиниҳо оид ба идоракунии меҳнат таркиби

мураккаби ҳуқуқӣ ва хусусияти доимию мунтазам доранд; 8) низоми идоракунии меҳнат маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии ба худ хос: меъёрҳои моддию мурофиавӣ; меъёрҳои шарикӣ - коллективӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии дохилӣ (локалӣ) дорад.

2. Вобаста ба ин, бояд қайд намуд, ки ҳарчанд идоракунии меҳнат вазифаи асосии танзимнамоии ҳуқуқии қонунгузории меҳнат маҳсуб мешавад, вале дар КМ ҶТ масъалаи мазкур  ба таври равшану возеҳ дарҷ нашудааст. Моддаи 3 КМ ҶТ, ки вазифаҳои қонунгузории меҳнатро ифода мекунад, мавзуъҳои дар он дарҷёфта на вазифаи қонунгузорӣ, балки мазмунан ба мақсадҳои қонунгузорӣ муносибанд. Бинобар ин, ба андешаи мо зарур аст, ки моддаи мазкур такмил дода шуда, “танзими муносибатҳои ҳуқуқии вобаста ба идоракунии меҳнат” яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи қонунгузории меҳнат муқаррар карда шавад. Ҳамчунин, принсипи “таъмини ташкил ва идоракунии меҳнат дар ҳама сатҳҳо” ба қатори принсипҳои дар моддаи 4 КМ ҶТ дарҷшуда, илова карда шавад.

3. Маълум гардид, ки предмети танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба идоракунии меҳнат ва заминаҳои танзимашон бошад, санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки дорои меъёри ҳуқуқи меҳнат буда, аз ҷониби мақомоти сатҳҳои гуногун қабул ва мавриди амал қарор дода мешаванд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як низоми мураккаби соҳавӣ ва байнисоҳавӣ иборат мебошад. Заминаҳои ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар сатҳи миллӣ иборатанд аз: меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалии меҳнат; ҳуҷҷатҳои стратегӣ, консепсияҳо, барномаҳои давлатии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ; санадҳои ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ (созишномаи генералӣ, созишномаҳои соҳавӣ ва созишномаҳои минтақавӣ); стандартҳо ва меъёрҳои иҷтимоии давлатӣ; шарҳҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

4. Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар низоми мавҷудаи ташкили ҷамъиятии меҳнат дар сатҳи миллӣ аз унсурҳои зерин иборат аст:

1) Танзими ҳуқуқии тадбирҳо ҷиҳати ташкили идоракунии меҳнат, аз ҷумла: таҳияи сиёсати меҳнат, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи меҳнат, намудани низоми мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат, нақшаи сохтор, салоҳияту вазифаҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти мазкур; ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ваколатдор, ташкили низоми табодули иттилоот байни онҳо, муқаррарсозии коргузорӣ ва мониторинги натиҷаҳои фаъолияти онҳо;

2) Танзими ҳуқуқии тадбирҳо оид ба ташкили бозори меҳнат, аз ҷумла, оид ба татбиқи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ба меҳнат ва шуғл, мусоидат ба шуғл ва ҳимоя аз бекорӣ; муайянсозии механизми мусоидат барои бо кор таъмин намудани шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар давлатҳои хориҷӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; таҳияи дурнамоҳои рушди бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, муайянсозии талаботи корфармоён ба қувваҳои корӣ, таҳияи нақшаҳои омодасозии мутахассисон бо назардошти талаботи соҳаҳои иқтисоди ҷумҳурӣ; бо назардошти вазъи бозори меҳнат ва дурнамои он таҳияи барномаҳои давлатии миёнамуҳлати мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар сатҳҳои ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ ва маблағгузорӣ намудани чорабиниҳои онҳо.

## 2.2. Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ

Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ тавассути маҷмуи санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ) ва шартномаҳои коллективӣ амалӣ карда мешавад.

Намуди санадҳои танзимкунандаи идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ ба тарзи зерин номбар кардан мумкин аст, ки дар амалия ва татбиқи онҳо баъзе мушкилоти танзимӣ мушоҳида гардида, ба таври муфассал мо онҳоро баррасӣ менамоем:

### 1. Санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ)

Тибқи моддаи 1 КМ ҶТ  зери мафҳуми санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ)  ин «санадҳои меъёрии аз тарафи мақомоти дахлдори идоракунии

ташкилот бо ризояти мақомоти намояндагии кормандон қабулнамудае, ки муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо алоқамандро танзим намуда, дар ҳудуди ташкилот амал мекунанд» [43] фаҳмида мешавад.

Санадҳои меъёрии дохилиро аз рӯйи мазмунашон «ба 1) санадҳои ташкилию ҳуқуқӣ, 2) маъмурӣ ва 3) иттилоотӣ ҷудо кардан мумкин аст» [213, с. 150]. Ин санадҳо барои танзими ҷанбаҳои гуногуни идоракунии меҳнат, аз ҷумла, масъалаҳои ташкилӣ, маъмурӣ, иттилоотӣ ва дигар масоил қабул карда мешаванд. Санадҳои дорои хусусияти ташкилию ҳуқуқӣ, асосан, ба муайян намудани мақоми ҳуқуқии ташкилот, самтҳои асосии фаъолияти он, тасдиқи низомнома, танзими фаъолияти воҳидҳои сохторӣ, банақшагирӣ ва назорати кор, ташаккули сохтори идоракунӣ, муайян кардани басти вазифаҳо, муқаррар намудани қоидаҳои дохилии меҳнат, дастурҳо оид ба намудҳои алоҳидаи фаъолият (аз ҷумла дастур оид ба коргузорӣ), тавсифномаи вазифаҳо, инчунин низомномаҳои марбут ба шури директорон ва дигар масъалаҳо вобаста мебошанд.

Санадҳои меъёрии дохилии хусусияти ташкилию ҳуқуқидошта ҳамчунин дар шакли қоидаҳо, оинномаҳо, дастурҳо, низомномаҳо, руйхатҳо, таснифҳо ва дигар намудҳо қабул карда мешаванд, ки метавонанд хусусияти доимӣ (бе маҳдуд кардани муҳлати татбиқи онҳо) ва муваққатӣ (дар муҳлати дар онҳо пешбинишуда ё то фарорасии ҳодисаи муайян) дошта бошанд.

Заминаҳои ҳуқуқии қабул ва амалисозии санадҳои меъёрии дохилии корфармо дар қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, дар меъёрҳои Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои соҳавӣ, санадҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои вазорату идораҳои соҳавӣ дар мавзуъҳои марбут ба салоҳияти онҳо, қарорҳои муассисони ташкилот, меъёри созишномаҳои соҳавӣ, шартномаҳои коллективӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, муқаррар гардидаанд.

Ҳамчунин санадҳои меъёрии дохилӣ метавонанд доир ба масъалаҳое низ қабул карда шаванд, ки пештар дар ташкилот объекти танзим набуданд,

аз ҷумла, бо мақсадҳои муқаррар намудани меъёрҳо, талабот, қоидаҳо оид ба идоракунии меҳнат ва ғ. Бо санадҳои меъёрии дохилӣ дар ташкилот меъёрҳо, талабот, қоидаҳои мавҷуда, ки бо ҳуҷҷатҳои меъёрии пештар баровардашуда муқаррар шудаанд, метавонанд тағйир дода шаванд ё бекор карда шаванд. Санадҳои меъёрии дохилӣ дар ҳолати мавҷудияти соҳаи кор (масъалаҳои фаъолият), ки танзими меъёриро тақозо мекунад, қабул карда мешаванд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ санадҳои меъёрии дохилӣ таснифоти зиёд ва гуногунмазмун доранд. Онҳоро муҳаққиқон тибқи аломатҳои гуногун шарҳ медиҳанд, аз ҷумла: «аз рӯи усули эҷод - яккасардорӣ, муштарак, мувофиқашуда-шартномавӣ, бо назардошти андешаи мақомоти намояндагии кормандон; вобаста ба доираи амал – санадҳои амали умумӣ ва махсус; бо назардошти меъёри аз ҷониби давлат муқарраршуда - санадҳои меъёрии дохилии дар қонунҳо пешбинишуда, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (аз ҷумла, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ); аз рӯйи мазмун - моддӣ ва мурофиавӣ; аз рӯйи дараҷаи умумият-маҷмуӣ (оинномаҳо, шартномаҳои коллективӣ) ва амалкунанда; аз рӯйи шакли ифода — шартномаҳо, созишномаҳо, оинномаҳо, муқарраротҳо, қоидаҳо, дастурҳо, руйхатҳо, ҷадвалҳо, тартибҳо, стандартҳо, фармонҳо» [217, с.13-14].

Таснифоти дигари санадҳои меъёрии дохилӣ вобаста ба ченаки "дараҷаи умумият" аз ҷониби муҳаққиқон истифода мешавад. Тибқи ин таснифот «аз рӯйи дараҷаи умумият, санадҳо тақсим мешаванд ба - мураккаб ва институтсионалӣ. Тибқи предмети танзим бошад, санадҳои вобаста ба институтҳои ҳуқуқи меҳнат ва ё шакли ташкилию ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ» [166, с. 74-88] ҷудо мешаванд.

Дар амал дар масъалаи фарқ намудан ва муайян кардани моҳияти ҳуқуқии намудҳои алоҳидаи санадҳои ташкилию ҳуқуқӣ - санадҳои меъёрӣ ва санадҳои хусусияти ташкилидошта душвориҳо ба амал меоянд. Таснифи намудҳои гуногуни муқаррарот ва қоидаҳо ҳамчун қоидаҳои дохилӣ маъмул аст. Як қатор олимон масъалаи мазкурро ба баҳс кашида, аз ҷумла, тартиб додани ҷадвали штатӣ ё ҷадвали рухсатӣ ҳамчун қоидаҳои дохилӣ боиси

баҳсҳои зиёде мегардад. Аз нуқтаи назари амалӣ ин масъала вобаста ба ухдадории корфармо, ки моддаи 22 КМ ҶТ мукаррар кардааст, муҳим аст. Тибқи ин модда корфармо ҳар як кормандро бо санадҳои меъёрии локалӣ, ки бо имзои худ қабул кардааст, бояд шинос кунад. Дар сурате, ки масалан, ҷадвали штатӣ, ки ба унвони санади меъёрии дохилӣ эътироф карда мешавад, шубҳаҳои зиёдро ба миён меорад. Аз ҷумла, қонунӣ будани шиносоии корманд бо ҷадвали штатӣ, ки дорои маълумоти шахсии дигар кормандон (маълумот дар бораи андозаи музди меҳнат ва ғ.) мебошад, зери шубҳа қарор мегирад. Аз ҷониби дигар уҳдадории корфармо дар бораи огаҳ намудани ҳамаи кормандон дар ҳолати тағйир ёфтани басти вазифаҳо дар ташкилот ва ғайра [43].

Умуман, айни замон масъалаи тафовут миёни санадҳои меъёрӣ ва санадҳои дохилии хусусияти ташкилидошта дар сатҳи ташкилот аҳаммияти муҳим пайдо намудааст. Масалан, баъзе муҳаққиқон ҷадвали штатӣ ва ҷадвали рухсатиро ҳамчун санадҳои меъёрии дохилӣ тасниф намуда, баъзеи дигар онҳоро санадҳои ташкилӣ медонанд.

Олимон чун аломатҳои асосии фарққунандаи санадҳои меъёрии дохилӣ инҳоро номбар мекунанд: «а) меъёрӣ, яъне ба тамоми коллективи кормандон ё як қисми он (воҳиди сохторӣ); (б) такрори татбиқи меъёри дар он зикргардида; в) зарурати ба инобат гирифтани фикри мақомоти намояндагии кормандон (агар мавҷуд бошад)» [114]. Дар робита ба масъалаи мазкур зикр мегардад, ки «муқаррарот дар бораи музди меҳнат, коркарди маълумоти шахсии кормандон ё қоидаҳо ва дастурҳо оид ба ҳифзи меҳнат меъёри дохилӣ мебошанд, зеро онҳо ба ҳамаи талаботи дар боло зикршуда мувофиқат мекунанд, яъне онҳо қоидаҳои марбут ба кори ҳама ё аксарияти кормандонро дар бар мегиранд ва ҳуқуқ ва (ё) уҳдадориҳои онҳоро муқаррар мекунанд (меъёрӣ), татбиқи такрории қоидаҳои дар онҳо зикршударо дар назар доранд» [176, с.46-55].

Ба назари мо низ басти вазифаҳо ва ҷадвали рухсатӣ хусусияти меъёрӣ надошта, ба сифати санадҳои ташкилии корфармо маҳсуб мешаванд, зеро бо

ин санадҳо барои кормандон ва ба кори онҳо ягон қоидаи ҳатмӣ муқаррар карда намешавад. Баракс ин санадҳо иҷрои меъёри кайҳо (ваё аз қабл) муқарраршуда, мисол ҳуқуқ ба истифодаи рухсатиро дар амал татбиқ мекунанд, яъне хусусияти ёридиҳанда ва ташкилӣ доранд. Ҳатто мавҷуд набудани ҷадвали рухсатиҳо кормандро аз ҳуқуқи истифодаи рухсатӣ маҳрум ё маҳдуд карда наметавонад. Ҷадвали рухсатиҳо бо мақсади танзимоти дохилии навбатӣ рухсатиҳои кормандон тартиб дода мешавад. Ҳамингуна басти вазифаҳои кормандон, ки дар он маълумоти зарурӣ дар бораи вазифа, музди меҳнат ва дигар маълумоти кормандон дарҷ мешаванд, асосан аз муқаррароти КМ ҶТ ва шартномаи меҳнатии басташуда замина мегирад. Ин ҳуҷҷат аслан меъёри нав ё иловагиро муқаррар намекунад.

Вобаста ба шарти қабули ҳатмии санадҳои меъёрии дохилӣ онҳоро метавон ба санадҳои қабулашон дар аксари ташкилот ҳатмибуда, ҳатмӣ будани қабули онҳо дар сурати мавҷуд будани ҳолатҳои муайян ва тибқи қонун қабули онҳо ҳатмӣ нест, ҷудо кард.

Мисол, чунин санадҳои меъёрии дохилиро корфармоён ба таври ҳатмӣ бояд қабул кунанд: қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ (моддаи 59-и КМ ҶТ), қоидаҳои нигоҳдорӣ ва истифодаи маълумоти шахсии кормандон (моддаи 57-и КМ ҶТ), санадҳо дар бораи музди меҳнат ва мукофотпулиҳои кормандон дар ташкилот (моддаи 139 КМ ҶТ), қоидаҳо ва дастурҳо оид ба ҳифзи меҳнат (моддаи 348 КМ ҶТ), тартиб ва андозаи ҷуброни хароҷоти вобаста ба сафарҳои хизматӣ (моддаи 177 КМ ҶТ), санади меъёрии дохилӣ (моддаи 19 КМ ҶТ), ҷадвали рухсатиҳои меҳнатии кормандон барои солҳои корӣ (моддаи 107 КМ ҶТ).

Қонунгузории меҳнат ҳолатҳои мушаххасеро пешбинӣ намудааст, ки корфармо уҳдадор аст ба таври ҳатмӣ қабул ва нигоҳдории онҳоро дар ташкилот таъмин намояд. Ба сифати чунин санадҳо мисол овардан мумкин аст: муқаррароти вобаста ба ҷорӣ намудан, тағйир додан ва аз нав баррасӣ кардани меъёрҳои меҳнат (моддаи 134 КМ ҶТ), ба қисмҳо ҷудо кардани рӯзи корӣ (моддаи 75 КМ ҶТ), тартиб ва шартҳои пешниҳоди рухсатии иловагии

пардохтшаванда (моддаи 119 КМ ҶТ), пардохти ҷуброн барои корҳои дорои хусусияти ҳаракаткунанда ё сайёр (моддаи 178 КМ ҶТ), инчунин тасдиқи ҷадвали бастҳои корӣ (моддаи 86 КМ ҶТ). Ҳамзамон, гуруҳи дигаре аз санадҳои меъёрии дохилӣ мавҷуданд, ки қабули онҳо тибқи талаботи қонунгузории махсус ҳатмӣ шуморида мешавад. Ба ҷумлаи онҳо оинномаҳо ва низомномаҳо оид ба интизоми барои хизматчиёни ҳарбӣ муқарраргардида, низомномаҳои вобаста ба аттестатсияи мутахассисон дар соҳаҳои гуногун (масалан, қоидаҳои аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ ва тартиби гузаронидани аттестатсияи кормандони омӯзгорӣ), кодекси одоб ва рафтори хизматии кормандони ташкилот, стандартҳо ва тартиботи таъминкунандаи меҳнати софдилона ва пешгирии бархӯрди манфиатҳо, инчунин низомномаҳо оид ба низоми пардохти музди меҳнат дар ташкилотҳои қарзӣ дохил мешаванд. Инчунин, ҳуҷҷатҳои ташкилоти қарзӣ, ки тартиб ва меъёрҳои қабули кормандони муайян, рӯйхати чунин гуруҳҳо, талабот нисбат ба онҳо, тартиби муайян намудани музди меҳнати роҳбарон, ҳаҷми фонди музди меҳнат ва дигар масъалаҳои марбутро танзим менамоянд, низ ба ҳамин гуруҳ мансубанд.

Ба гуруҳи дигари санадҳои меъёрии дохилӣ санадҳое марбутанд, ки қабули онҳо тибқи қонун ҳатмӣ нест. Ба чунин санадҳо метавон дастурамали вазифавиро ном бурд, ки қабули он барои корфармо тибқи қонунгузории амалкунанда ҳатмӣ нест. Мутаассифона, дар амалия аз ҷониби Хадамоти назорати меҳнат ва дигар мақомоти назоративу санҷишӣ нисбат ба корфармоён барои мавҷуд набудани дастурамали вазифавии кормандон ҷарима таъйин карда мешавад.

Бо вуҷуди ин, баъзе муҳаққиқон дастурамали вазифаии кормандро ҳамчун санади меъёрии дохилии ҳатмӣ тасниф мекунанд [168, с. 124-134]. Ба ин мавқеъ қисман розӣ шудан мумкин аст, зеро мутобиқи моддаи 24 КМ ҶТ дар матни шартномаи меҳнатӣ бояд вазифаи (мансаби) ишғолнамудаи корманд ва хусусияти шароити меҳнат нишон дода шаванд. Бо назардошти

ин, дар шартномаи меҳнатӣ бояд хусусияти кори супурдашуда ба корманд, новобаста аз тасдиқи дастурамали алоҳидаи вазифавӣ, дарҷ карда шавад.

Қисми алоҳидаи санадҳои меъёрии дохилии корфармо санадҳои корпоративиро дар бар мегирад, ки дар онҳо асосан муқаррароти ҳуқуқи маданӣ дарҷ меёбад, вале онҳо ҳамзамон муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои идоракунии меҳнатро низ танзим мекунанд. Ба ҷумлаи чунин санадҳои меъёрии дохилӣ метавон оинномаи ташкилот, низомномаҳо оид ба филиалҳо ва намояндагиҳо (моддаи 56 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022 [46]), низомнома дар бораи Шури директорон, низомнома дар бораи Раёсат, инчунин низомнома оид ба ҳифзи сирри тиҷоратиро (мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июни соли 2008 «Дар бораи сирри тиҷоратӣ»[40] ) ва дигар ҳуҷҷатҳои танзимкунандаро мансуб донист.

Бо ҳамин асос, санадҳои меъёрии дохилиро вобаста ба заминаҳои қабулашон шартан метавон ба се гуруҳ ҷудо намуд:

1. Санадҳое, ки қонунгузорӣ мавҷудияти онҳо барои аксари ташкилотҳо ҳатмӣ медонад;
2. Санадҳое, ки дар ҳолати ба миён омадани шароити муайян қабул ва нигоҳдории онҳо ҳатмӣ дониста мешавад;
3. Санадҳое, ки қабулашон барои корфармо хусусияти ихтиёрӣ дорад.

Аз таҳлили анҷомдодашуда бармеояд, ки, аввалан, санадҳои меъёрии дохилӣ бояд ба талаботи қонунгузории меҳнат, инчунин ба муқаррароти созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ пурра мутобиқат намоянд. Сониян, уҳдадории корфармо ҷиҳати қабули як қатор санадҳои меъёрии дохилӣ вобаста ба масъалаҳои гуногун ва пешбинӣ гардидани ҷавобгарии маъмурӣ барои набудани онҳо нишонаи мавҷудияти унсурҳои императивӣ дар танзими ҳуқуқии меъёрҳои дохилӣ мебошад.

Ҳамзамон, салоҳияти корфармо ҳамчун субъекти дорои қувваи иқтисодӣ бояд имконият фароҳам оварад, ки чунин меъёрҳоеро муқаррар намояд, ки нисбат ба талаботи қонунгузории амалкунанда вазъи кормандро

беҳтар намуда, танзими меҳнатро ба роҳ монанд, ба шарте ки ин меъёрҳо мухолифи қонун набошанд.

Меъёри қонунгузории меҳнат, ки ба танзими дохилӣ (локалӣ) бахшида шудаанд, инчунин ба мо имкон медиҳанд, ки номукаммалии техникаи ҳуқуқии истифодашавандаро баён кунем. Ҳамин тариқ, як қатор меъёри КМ ҶТ пешбинӣ менамоянд, ки корфармо дорои ягон санади меъёрии дохилӣ (локалӣ) мебошад, аммо ҳуқуқу уҳдадории корфармо оид ба қабули он мустақиман муқаррар карда нашудааст, масалан, тибқи моддаи 139 КМ ҶТ низоми пардохти музди меҳнат, ҳаҷми ставкаҳои тарифӣ, маошҳо ва дигар навъҳои пардохт дар ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ тавассути шартномаи меҳнатӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ, инчунин санадҳои меъёрии дохилии (локалии) ташкилот муқаррар карда мешаванд. Маълум нест, ки қабули санади меъёрии дохилӣ дар ин мавзуъ ҳамчун ҳуқуқи корфармо амалӣ мешавад ва ё он уҳдадории корфармо аст. Чунин духурагиҳо дар масъалаи қабули санадҳои меъёрии дохилии корфармо, инчунин дар муқаррароти дигар моддаҳои КМ ҶТ: моддаи 72 (намудҳои ҳафтаи корӣ ва низоми вақти корӣ), моддаи 102 (тартиби баҳисобгирии собиқаи кори ба ҳуқуқ ба рухсатии меҳнатии ҳарсоларо муқаррар менамояд), моддаи 125 (имтиёзҳоро барои кормандоне, ки дар муассисаҳои таълимӣ таҳсил мекунанд, пешбинӣ мекунад), моддаи 102 (баҳисобгирии собиқаи кор, ки барои рухсатии меҳнатии ҳарсола ҳуқуқ медиҳад), моддаи 125 (имтиёзҳо барои кормандоне, ки дар муассисаҳои таълимӣ таҳсил мекунанд), моддаи 158 (муҳлатҳои пардохти музди меҳнат) ва дигар моддаҳои кодекс мавҷуданд, ки дар амалия боиси нофаҳмиҳо ва қисман мавриди  суистифода аз он мегарданд. Ҳамин тариқ, барои роҳ надодан ба номуайянии ҳуқуқӣ, қонунгузор бояд ба КМ ҶТ тағйироти дахлдор ворид кунад, ки мушаххасан кадом санадҳои меъёрии дохилиро бояд корфармо қабул кунад.

Инҷо пешниҳоди баъзе муҳаққиқон оид ба «зарурати ба низом даровардани санадҳои меъёрии дохилӣ масалан, тавассути ба роҳ мондани баҳисобгирии (инвентаризатсияи) ин санадҳо, инчунин барои ҳалли фаврии

масъалаҳои такмили онҳо бо назардошти зарурати истеҳсолии бамиёномада» [217, с.19-20], қобили дастгирӣ аст.

**2. Санадҳои маъмурӣ**

Санадҳои маъмурӣ барои таъмини иҷрои ваколатҳои идоракунӣ ва вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда аз ҷониби мақомоти иҷроия пешбинӣ шудаанд. Дар маҳалҳо санадҳои маъмурӣ навъҳои гуногуни фармоишҳо, дастурҳо, супоришҳо, амрҳо ва қарорҳоро дар бар мегиранд. Чунин санадҳои маъмурӣ метавонанд фармоишҳоро дар бораи ҷорӣ намудани ҳафтаи нопурраи корӣ (қисми 2 моддаи 71 КМ ҶТ), фармоишҳо дар бораи муваққатан боздоштани кор (бекористӣ) (моддаи 33 КМ ҶТ), фармоишҳо дар бораи ихтисори шумораи кормандон (моддаи 45 КМ ҶТ), фармоишҳо дар бораи таъсис додани комиссияи тафтиши ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот (моддаи 342 КМ ҶТ), фармоишҳо дар бораи ҳавасмандгардонӣ аз ҷумла, пардохти мукофотпулиҳо ба кормандон (моддаи 139 КМ ҶТ), фармоишҳо дар бораи индексатсия намудани музди меҳнати кормандон бо назардошти сатҳи тавварум (моддаи 144 КМ ҶТ) ва дигарҳо бошад.

Мутобиқи Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилоти дигари давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2025, № 355 [70] ҳуҷҷатҳои маъмурии ташкилот дар шакли фармоиш ва супориш қабул карда мешаванд. Фармоишҳо дорои хусусияти меъёрӣ ва дорои хусусияти ташкилӣ, маъмурӣ мебошанд. Мисол, фармоиш дар бораи тасдиқи сохтор ва шумораи бастҳои кории ташкилот хусусияти меъёрӣ ва фармоиш оид ба масъалаҳои фаъолияти асосии ташкилот бошад, хусусияти ташкилӣ ва маъмурӣ дорад.

Лоиҳаи фармоишҳо оид ба фаъолияти асосии ташкилот ва сохторҳои тобеи он бо дастури роҳбарият ё бо ташаббуси онҳо таҳия мегардад. Масъулияти ба талабот ва сифати баланд ҷавобгу будани лоиҳаи фармоиш ва инчунин дурустии мазмуни онро сардори шӯъбае, ки лоиҳаи фармоишро омода намудааст ба зимма дорад. Хадамоти баҳисобгирии ташкилот ба иҷрои дурусти лоиҳаҳои фармоишҳо назорат мекунад.

Санади дигари маъмурии сатҳи ташкилотҳо ин протокол мебошад, ки ба қабули қарорҳои маҷлисҳои шуроҳо, комиссияҳо ва конференсияҳо қувваи расмӣ мебахшад. Протокол дар асоси сабти он тавассути дастхат дар ҷараёни маҷлис тартиб дода шуда, шакли мушаххасоти маърӯзаҳо, баромадҳо, маълумотномаҳо ва лоиҳаи қарорҳо дар он сабт мегарданд.

**3. Санадҳои дорои хусусияти иттилоотӣ ва маълумотдиҳӣ**

Бо чунин ҳуҷҷатҳо маъмулан ба масъулин оид ба нақшаи қабули қарорҳои муайян иттилоъ дода мешавад, ки он барои ташаббус ва интихоби қабули қарорҳои идоракунӣ имкон медиҳанд.

Мисоли он ки тибқи талаботи моддаи 63 КМ ҶТ, корфармо уҳдадор аст пеш аз татбиқи ҷазои интизомӣ, аз корманд баёноти хаттӣ талаб кунад. Агар корманд аз додани баёнот саркашӣ кунад, санади дахлдор тартиб дода мешавад. Ба санадҳои иттилоотӣ ва маълумотдиҳӣ метавон дафтарҳои қайди дастурдиҳӣ оид ба қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва усулҳои бехатарии кор (моддаи 336 КМ ҶТ), табели баҳисобгирии вақти корӣ (моддаи 78 КМ ҶТ) ва ғайраро мансуб донист. Мувофиқи банди 4 Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилоти дигари давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарони сохторҳои воҳидӣ ё дигар шахсони мансабдор дар бораи зарурати таҳияи санади нав ба роҳбари ташкилот пешниҳод манзур менамоянд, ки дар он моҳият ва мақсади таҳияи санад, натиҷаҳои интизорӣ аз он, ҳамчунин масъалаи ҷудо намудани маблағгузории иловагӣ вобаста ба қабули чунин санад, инчунин бекор намудани санади қаблан қабулшуда, ворид намудани тағйирот ба дигар ҳуҷҷатҳо ва анҷом додани тадбирҳои марбут, ки дар натиҷаи қабули он зарур мегарданд, пешбинӣ ва нишон дода мешавад.

Чунин ҳуҷҷати дигар ҳисобот мебошад, ки дар шакли хаттӣ омода карда шуда, дар он далелҳо доир ба корҳои иҷрошуда ва дар мавриҳои зарурӣ бо зикри хулосаву пешниҳодҳо тайёр карда мешавад.

Гузориш бошад, бо мақсади расонидани иттилооти саривақтӣ дар ташкилот байни кормандон ва роҳбарият истифода мешавад. Маъмулан дар

гузоришҳо мазмуни маълумот, сабабҳо, далелҳо ё ҳодисаҳое, ки барои андешидани тадбирҳо заруранд, инчунин роҳҳои ҳалли масъалаҳои бимиёнгузошта оварда мешаванд.

**4. Танзими ҳуҷҷатнигорӣ**

Масъалаи муҳимми идоракунии меҳнат дар сатҳи ташкилотҳо ин ба роҳ мондани низоми гардиши ҳуҷҷатҳо маҳсуб мешавад. Байқайдгирии ҳуҷҷатҳо, қоидаҳои кор бо онҳо, аз ҷумла, тавассути технологияҳои иттилоотӣ, намунаи онҳо, нишонаҳои бланкии онҳо тибқи қоидаҳои муқарраршуда, ба роҳ монда мешавад.

Илова бар ин, талабот ба иҷрои ҳуҷҷатҳо, аз ҷумла, ҳуҷҷатҳои ташкилӣ ва маъмурӣ, бо стандарт муқаррар карда мешавад. Қоидаҳои баҳисобгирии ҳуҷҷатҳо, назорати иҷрои онҳо, истифодаи намунаҳои ягонаи ҳуҷҷатҳо дар коргузорӣ бо Дастурамали тартиби коргузорӣ ба танзим даровардa мешавад.

Низоми гардиши ҳуҷҷатҳо дар сатҳи ташкилотҳо аз марҳилаҳои нашри ҳуҷҷатҳо, таҳия ва иҷрои намудҳои алоҳидаи ҳуҷҷатҳо иборат буда, ин раванд фарогири баррасӣ ва ба тасвиб расонидан, тасдиқи ҳуҷҷатҳо, назорат аз болои иҷрои онҳо (супоришҳо), ташкили бойгонӣ ё махзани ҳуҷҷатҳои ташкилот ва нигоҳдории онҳо, инчунин муайян намудани тартиби дастрасӣ ва истифодаи минбаъдаи онҳо мебошад.

Дар низоми гардиши ҳуҷҷатҳои ташкилот равандҳои зайли аз ҳам фарққунандаи  ҳуҷҷатҳо ҷой доранд: ҳуҷҷатҳои воридотӣ (қабулшаванда); ҳуҷҷатҳои содиротӣ (ирсолшаванда) ва ҳуҷҷатҳои дохилӣ. Лоиҳаи ҳуҷҷатҳои маъмурӣ (фармоишҳо, дастурҳо), ки барои имзо омода карда шудаанд, пас аз таҳия ва тасдиқи шахсони мансабдор барои санҷиши дурустии иҷрои онҳо ба хадамоти баҳисобгирӣ супорида мешаванд. Фармоишҳо, дастурҳои дуруст иҷрошуда барои имзо ба роҳбари ташкилот ё дигар шахси ваколатдори ӯ супорида мешаванд. Протоколи маҷлисҳо, конференсияҳое, ки роҳбарияти ташкилот мегузаронад, дар бахши коргузорӣ ё котиботи роҳбарони дахлдор ба қайд гирифта мешаванд.

**5. Шартномаҳои коллективӣ**

Шартномаи коллективӣ санади муҳимми танзими идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ маҳсуб мешавад. Муқаррароти он бояд ба мушаххас ва такмил додани ҳуқуқ ва уҳдадории корфармо ва кормандон дар идоракунии меҳнат нигаронида шавад. Мавзуи шартномаи коллективӣ бояд уҳдадориҳои мутақобилаи корфармо ва кормандонро, пеш аз ҳама дар муқоиса бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи меҳнат дар муқаррарсозии шароити меҳнат, аз ҷумла, музди меҳнат, шуғл, реҷаи корӣ, кафолатҳои иҷтимоии кормандон дар бар гирад. Бояд гуфт, ки баъзе муаллифон шартномаи коллективиро як намуди созишномаи меъёрии ҳуқуқии дорои меъёри ҳуқуқӣ мешуморанд [193, с. 29]. Вале, дар таҷриба ҳолатҳое воқеъ мешаванд, ки шартномаи коллективиро ҳамчун санади ҳуқуқии локалии дорои меъёри ҳуқуқи меҳнат – танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ дар ташкилот медонанд.

Вобаста ба ин олимон созишномаҳо ва шартномаҳои коллективиро ба сифати сарчашмаҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бо онҳо алоқаманд мансуб медонанд. Аз ҷумла, зикр мегардад, ки «низоми сарчашмаҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо онҳо алоқаманд дар Тоҷикистон на танҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар моддаи 9-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»[38] дарҷшуда, инчунин санадҳои дигар, аз қабили санадҳои меъёрии ҳуқуқии бахши шарикии иҷтимоӣ (созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ (тарофавӣ), минтақавӣ (вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ), шартномаҳои коллективӣ ва дигар санадҳои меъёрии маҳаллӣ ва шартномаи меҳнатиро дар бар мегирад. Ҳамин тариқ, аз рӯйи таркиби худ, низоми сарчашмаҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бо онҳо алоқаманд нисбат ба таркиби низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон васеътар мебошад» [202, с.10].

Ба назари аксари муҳаққиқон шартномаҳои коллективӣ чунин вазифаҳои асосӣ доранд: «- мушаххасоти ҳуқуқи меҳнат; таҳия ва қабули меъёри ҳуқуқие, ки кафолатҳои иловагиро барои кормандон дар соҳаи

муносибатҳои меҳнатӣ муқаррар мекунанд, ки бо меъёри ҳуқуқи меҳнат, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва шартномаҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавҷуданд; -таҳия ва қабули меъёри ҳуқуқӣ, ки ҳуқуқҳо ва кафолатҳои иловагиро барои кормандон дар соҳаи меҳнат муқаррар мекунанд; -танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бевосита ба муносибатҳои меҳнатӣ алоқаманд; -рафъи камбудҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва шартномаҳои меъёрии ҳуқуқии дорои меъёри меҳнат» [193, с.32-33].

Доир ба ин масъала назарҳои дигар низ мавҷуданд, аз ҷумла, зикр мегардад, ки «шартномаи коллективӣ ва созишнома дорои муқарраротӣ танзимкунанда (меъёри локалӣ) мебошанд, ки меъёри умумӣ ва махсуси қонунҳои меҳнатро вобаста ба соҳа ва хусусияти корфармо, мушаххасоти соҳаҳои иқтисодӣ, соҳаи ғайриистеҳсолӣ ва шароитҳо дар минтақаҳо муайян мекунанд. Онҳо метавонанд ин муносибатҳоро бо назардошти хусусиятҳои шароити меҳнат, ки танҳо дар маҳаллҳо муайян карда мешаванд, танзим кунанд, ки он ба танзими ҳуқуқии меҳнат самараи бештар медиҳад» [124, с. 138]. Махсусияти шартномаи коллективӣ дар он аст, ки ин санад раванди музокироти коллективиро мегузарад, ки дар натиҷа манфиатҳои умумии коллективро дар идоракунии меҳнат ифода мекунад. Муҳаққиқон музокироти коллективиро як шакли ҳамкориҳо ва раванде медонанд, ки «ба муайян кардани манфиатҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои коллективи меҳнатӣ ва тарафҳои шарикии иҷтимоӣ тавассути бастани шартномаи коллективӣ нигаронида шудааст» [204, с. 12]. Яъне, натиҷаи музокироти коллективӣ маҳз омодасозӣ ва бастани шартномаи коллективӣ аст, ки тавассути он иштироки кормандон дар идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ таъмин карда мешавад.

Аммо, нуктаи муҳим ин аст, ки дар ҳама маврид дар шартномаҳои коллективӣ ва созишномаҳо набояд сатҳи ҳуқуқҳо ва кафолатҳои пешбинишуда дар қиёс ба сатҳи қонунгузории меҳнат муқаррарнамуда, камтар бошад.

Масалан, дар «Шартномаи коллективии байни маъмурияти МТҒ "Донишкадаи тиббӣ – иҷтимоии Тоҷикистон" ва Иттифоқи касабаи

кормандони Донишкадаи тиббӣ – иҷтимоии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026» [86] чунин ҳуқуқ ва кафолатҳои иловагӣ барои кормандон, аз қабили пешниҳоди рухсатӣ барои оиладор шудани худи корманд, барои фавти хешовандони наздики корманд ба муҳлати 3 рӯз бо пардохти 100 фоизи музди меҳнат; барои дигар ҳолатҳо аз қабили оиладор шудани фарзанди корманд ба муддати 2 рӯз бемузд рухсатӣ дода мешавад. Шартномаи коллективӣ байни Раёсати Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ва Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар солҳои 2024-2026 [87] уҳдадориҳои зерини корфарморо дар соҳаи ҳифзи меҳнат дарбар мегирад: ҳар сол аз муоинаи тиббӣ гузаронидани кормандон; ба кормандон ва мутахасисони ҷавоне, ки мувофиқи роҳхат ба кор фиристода шудаанд, аз рӯи имкон таъмин намудан бо хобгоҳ; ҳангоми фавти корманд ба оилаи ӯ расонидани кӯмакпулии якдафъаина дар ҳаҷми на камтар аз 10 нишондоди ҳадди ақалли музди меҳнат ва ҳангоми фавти аъзои оилаи корманд (дар ҳолати фавти ҳамсар, фарзанд ё падару модаре, ки дар таъминоти корманд қарор доранд), ба ӯ кумакпулӣ ба маблағи баробар ба 6 нишондиҳандаи ҳадди ақалли музди меҳнат пардохт карда мешавад; ба корманд бинобар ҳолатҳои оилавӣ барои муҳлати 7 рӯз рухсатии иловагии кутоҳмуддати бемузд дода мешавад; кумаки моддӣ ба кормандоне, ки рисолаи илмӣ дифоъ мекунанд ва то 3 моҳ додани рухсатии бемузд; додани рухсатии пардохтшавандаи иловагӣ ба шахсони дорои собиқаи умумии меҳнатии аз 5 то 10 сол - 3 рӯзи тақвимӣ аз 10 то 15 сол - 5 рӯзи тақвимӣ аз 15 то 20 сол аз 20 сол зиёд - 10 рӯзи тақвимӣ ва аз 20 сол зиёд - 15 рӯзи тақвимӣ.

Аз ин таҳлилҳои зикршуда маълум мегардад, ки шартномаҳои коллективӣ дар сатҳи локалӣ хусусияти ҳатмӣ доранд, агар муқаррароти он ба қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи меҳнат, мухолифат надошта бошад.

**Аз таҳлили танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар сатҳи ташкилот чунин натиҷаҳо бармеоянд:**

1. Идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ аз танзими ҳуқуқии чораҳо вобаста ба таъмини шароити меҳнат ва ҳифзи он, аз ҷумла, таъмин намудани шароити бехатар дар ҷои кор; танзими реҷаи вақти корӣ ва вақти истироҳати кормандон дар ташкилотҳо; муқаррарсозии низоми пардохти музди меҳнат ва дигар кафолату ҷуброноти меҳнатӣ; таҳияи санадҳо оид ба меъёрбандии меҳнат дар сатҳи ташкилотҳо; таъмини шароити иҷтимоию маишии кормандон ва ғ. иборат аст. Ин тадбирҳо тавассути маҷмуи санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ) ва шартномаҳои коллективӣ танзим карда мешаванд.

2. Муайян гардид, ки санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ) дар идоракунии меҳнат дар сатҳи ташкилот вобаста ба хусусияташон ба санадҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, санадҳои маъмурӣ ва ҳуҷҷатҳои иттилоотӣ ҷудо мешаванд. Қисме аз санадҳои мазкур, ки хусусияти ҳатмӣ доранд, дар асос ва иҷрои меъёрҳои қонунгузории меҳнат қабул карда мешавад. Аз рӯи меъёри ҳатмии қабул онҳо ба санадҳои қабулашон барои аксари корфармоён ҳатмибуда ва ҳатмӣ будани қабули онҳо вобаста ба ҳолатҳои мушаххас, ҷудо мешаванд. Вале, дар КМ ҶТ ҳолатҳои ҳатмӣ будани қабули чунин санадҳои корфармо мушаххас нестанд. Чунин ҳолатҳо ва духурагиҳо дар мавриди қабули санадҳои меъёрии дохилии корфармо дар як қатор моддаҳои КМ ҶТ (моддаҳои 72, 102, 125, 139, 158) ошкор гардиданд. Ба андешаи мо, барои роҳ надодан ба номуайянии ҳуқуқӣ, бояд ба КМ ҶТ тағйироти дахлдор ворид карда шуда, муайян карда шавад, ки корфармо бояд дар кадом ҳолатҳои мушаххас санади меъёрии дохилиро қабул намояд.

3.Шартномаҳои коллективӣ дар баробари санадҳои ташкилию маъмурӣ воситаи муҳимми идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ маҳсуб шуда, бо он меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат муайян карда шуда, сатҳи ҳуқуқу кафолатҳои кормандон дар муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба онҳо алоқаманд, тавассути муқаррар намудани кафолатҳои иловагӣ тақвият дода мешавад, норасогиҳо ва холигиҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи меҳнат бартараф карда мешаванд. Бинобар ин, ба андешаи мо шартномаҳои коллективӣ хусусият ва аломатҳои санади меъёрии ҳуқуқиро доро буда,

риояи меъёри он барои шаҳрвандони дар як ташкилот фаъолиятдошта (корфармоён, намояндагон ва шахсони масъули онҳо, иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони кормандон,) дар доираи ташкилоти мушаххас ва барои давраи муайян ҳатмӣ ва қатъӣ буда, ҳамзамон риоя ва иҷро накардани муқаррароти он боиси ба вуҷуд омадани ҷавобгариҳои ҳуқуқӣ: интизомӣ ва моддӣ мегардад.

### 2.3. Заминаҳои ташкилӣ ва иттилоотии идоракунии меҳнат

Дар шароити муосири рушди иқтисоди ҷумҳурӣ бахусус, саноатикунонии босуръати кишвар, тавсеаи шуғли пурмаҳсул ва дар ин замина таъсис додани ҷойҳои кории нав, идоракунии меҳнат барои фаъолияти устувори ташкилотҳо аҳаммияти стратегӣ пайдо мекунад. Афзоши рақобати қувваҳои корӣ, рақамисозии равандҳои истеҳсолӣ ва мураккабшавии сохторҳои ташкилотӣ усулҳои наву муосири идоракунии кадрҳоро тақозо менамоянд. Дар ин шароит заминаву воситаҳои ташкилӣ ва иттилоотӣ барои таъмини ҳамоҳангсозии фаъолияти меҳнатӣ нақши махсусро мебозанд, ки барои қабули қарорҳои самараноки идоракунӣ имкон медиҳанд. Мақсадҳои ташкилӣ ва иттилоотии идоракунии меҳнат аз ташаккули сохтори муносиби идоракунӣ, тақсимоти функсияҳо ва ваколатҳо, муқарраркунӣ ва банақшагирии меҳнат, таҳияи низоми ҳавасмандсозӣ, назорат ва баҳогузории самаранокии фаъолияти кормандон, иборат мебошанд.

Ташкили муносиби меҳнат тақозо мекунад, ки вазифаҳо байни кормандон ба таври самаранок тақсим шаванд, талафоти вақти корӣ кам карда шавад ва шароит барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолӣ фароҳам оварда шавад. Ҷузъи муҳими он ҷорӣ кардани усулҳои муосири ташкилоти меҳнат, аз ҷумла, истеҳсоли сарфаҷӯёна, идоракунии лоиҳаҳо ва шаклҳои самараноки шуғл мебошад.

**1. Заминаҳои ташкилии идоракунии меҳнат.** Сохтори ташкилии идоракунӣ бояд ҳамкории равшан байни сохторҳо ва шаффофияти равандҳои идоракуниро таъмин кунад. Дар ин замина, мутобиқшавии сохтор ба

тағйироти муҳити беруна аҳаммияти калон дорад. Заминаҳои асосии ташкилӣ дар идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маҷмуи низомнома ва оинномаҳои соҳавӣ, дурнамоҳо, стандартҳои касбҳо ва салоҳиятҳо, таснифотҳои машғулиятҳо ва касбу ихтисосҳо, маълумотномаҳо, номгӯҳо, рӯйхатҳо; санадҳои дохилиидоравии мақомоти иҷроия ва лоиҳаҳои дар соҳаҳо татбиқшаванда иборатанд:

1) Қоидаҳо, низомномаҳо ва оинномаҳои хусусияти соҳавидошта. Фаъолияти мақомоти давлатӣ дар идоракунии меҳнат бо қоидаҳо, низомномаҳо ва оинномаҳои хусусияти умумидошта ва соҳавӣ танзим карда мешавад. Ба чунин санадҳо мисол шуда метавонанд «Низомномаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [75], «Низомномаи Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» [62], «Низомномаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ [61], Низомномаи Хадамоти муҳоҷират» [63], «Низомномаи Намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар Федератсияи Россия оид ба муҳоҷират» [64]. Ҳамчунин, ба ин низом дигар қоидаҳо ва муқарраротe, ки ҷанбаҳои алоҳидаи идоракунии меҳнатро дар фаъолияти субъектҳои идоракунӣ ба танзим медароранд, дохил мешаванд.

2) Дурнамоҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ яке аз санадҳои калидии низоми банақшагирии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, самтҳо ва натиҷаҳои пешбинишудаи рушди иҷтимоию иқтисодии кишварро муайян намуда, асос барои таҳияи барномаҳои дарозмуддат ва миёнамуҳлатро фароҳам меоранд.

Дурнамои рушди дарозмуддати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2028 ҳисобҳои пешгуии рушди бозори меҳнат, сатҳи бекорӣ, шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, шумораи шуғли аҳолӣ, шумораи ҷойҳои кории пурмаҳсул ва ғайраро дар бар мегирад. Мисол, тибқи Дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2028 [55] шумораи захираҳои меҳнатӣ дар соли 2028 ба 6 млн.526 ҳазор, теъдоди аҳолии ба кор машғул ба

2 млн.879 ҳазор расида, нисбат ба соли 2027 мутаносибан 102 фоиз афзоиш меёбад. Дар ин замина таъсиси ҷойҳои корӣ дар иқтисоди ҷумҳурӣ дар соли 2028 ба 295 ҳазор расида, нисбати соли 2026 ба теъдоди 29 ҳазор ва ё 105 фоиз зиёд карда мешавад.

3) Стандартҳои касбҳо ва салоҳиятҳо, таснифотҳои машғулиятҳо ва касбу ихтисосҳо, маълумотномаҳо, номгӯҳо, рӯйхатҳо. Дар низоми намудҳои фаъолияти иқтисодӣ сохтори ташкилии ҷамъиятии меҳнат намудҳои шуғл, гуруҳҳои касбӣ, навъҳои фаъолияти касбӣ, намудҳои кор ва касбҳо, ихтисосҳо, дараҷаҳо (зерзинаҳои) тахассус, ҳамчунин намудҳои вазифаҳо ва функсияҳои меҳнатиро фаро мегирад.

Унсурҳои зикршудаи сохтори ташкили ҷамъиятии меҳнат барои таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими давлатии намудҳои алоҳидаи фаъолияти иқтисодӣ, амалӣ намудани мониторинги давлатии оморӣ аз рӯи намудҳои фаъолият оид ба рушди равандҳои иқтисодӣ, омода намудани иттилооти оморӣ барои муқоисаи байналмилалӣ, гузаронидани таҳқиқоти омории тақсимоти аҳолӣ аз рӯи намудҳои шуғл, танзими баҳисобгирии оморӣ, гузаронидани таҳқиқу таҳлилҳо дар соҳаи меҳнат ва бозори меҳнат, муайн кардани ваколатҳо ва вазифаву ӯҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳо дар соҳаи меҳнат, таъмини рушди ҳосилнокии меҳнат, таъсис ва навсозии ҷойҳои кории пурмаҳсул, заруранд.

Намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар Таснифгари умумиҷумҳуриявии намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд аст (бо фармони Агентии омор  аз 31.01.2011 сол тасдиқ карда шудааст). Таснифгар чунин намудҳои фаъолияти иқтисодиро ба монанди истихроҷи маъдан, истеҳсолот, таъмини нерӯи барқ, газ ва буғ; таъмини об; сохтмон; савдои яклухт ва чакана; боркашонӣ ва ғайраро дар бар мегирад,

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ” ба ҳайси асоси ҳуқуқии муайян намудани намудҳои шуғл маҳсуб мешавад. Дар моддаи 3 Қонуни мазкур номгуи фаъолиятҳое, ки ба шуғл баробар дониста мешаванд, зикр ёфтаанд. Мавриди зикр аст, ки намудҳои шуғл бо

номгуи мазкур маҳдуд намешаванд, ҳамчунин дигар намудҳои фаъолиятҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон машғул шудан ба онҳоро манъ накардааст, шуғл эътироф карда мешаванд.

Дар идоракунии меҳнат ва танзими шуғли аҳолӣ омода кардани кадрҳо тибқи талаботи корфармоён нақши асосӣ дорад. Асоси ин тадбири идоракуниро дар соҳаи меҳнат низоми миллии тахассусҳо ташкил медиҳад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми миллии тахассусҳо айни замон аз таснифоти миллии тахассусҳо, таснифоти машғулиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотномаи ягонаи тахассусии касбҳои кормандон ва дигар намуди маълумотномаи касбҳои гуногун ва стандартҳои салоҳияти ҳар як касб иборат мебошад.

Таснифоти машғулиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармоиши вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 майи соли 2022, №51 [79] тасдиқ гардида, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 сентябри соли 2022, №1188 ба қайд гирифта шудааст. Таснифоти мазкур тибқи талаботи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2021, № 1761 «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат» [37] таҳия гардида, гуруҳбандии машғулиятҳо ва касбҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷударо вобаста ба сатҳ ва рамзгузории байналмилалӣ таъмин менамояд.

Таснифоти машғулиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯйи машғулиятҳои дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодашавандаро инъикос намуда, онҳоро аз рӯйи сатҳ ва ихтисосмандӣ мутобиқи намудҳои корҳои иҷрошаванда тасниф менамояд. Инчунин, барои гузаронидани таҳқиқоти оморӣ ҷиҳати тақсимоти аҳолӣ аз рӯи машғулиятҳо, баҳисобгирии оморӣ бо мақсади таҳияи сиёсати самараноки шуғл, таҳқиқоти таҳлилӣ ва муқоисавӣ истифода мешавад. Санади мазкур ба Стандарти байналмилалии таснифоти машғулиятҳо-2008 (International Standard Classification of Occupations - 2008) бо роҳи ворид намудани саҳеҳиятҳое, ки инъикоскунандаи хусусияти иқтисодиёти Тоҷикистон мебошанд, бидуни

тағйир додани (нигоҳдории) рамзҳо ва ҳудуди мафҳумҳои ин стандарти байналмилалӣ ҳамоҳанг карда шудааст. Ин ҳуҷҷат яке аз қисмҳои асосии таркибии низоми миллии тахассусҳо ба ҳисоб рафта, тибқи нишондодҳои он ва дар алоқамандӣ бо гуруҳҳои машғулиятҳо ва дараҷаҳои тахассусӣ маълумотномаи ягонаи тарифӣ - тахассусии корҳо ва касбҳои коргарӣ ва намудҳои дигари маълумотномаи касбҳои гуногун омода карда мешаванд. Ҳар як гуруҳи дар таснифоти машғулиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷёфта ном ва рамзи таснифотӣ доранд, ки ҳангоми таҳияи стандартҳои салоҳияти ҳар як касб истифода мешаванд. Мутаносибан, дар асоси стандартҳои салоҳияти ҳар як касб ва бо назардошти талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти касбӣ, барномаҳои таълимӣ барои тайёр намудани мутахассисон таҳия мегарданд.

Таснифоти машғулиятҳо ҳамчун воситаи калидии таъмини тавозуни талабот ва пешниҳодоти тахассус ва боло бурдани сифату шаффофияти тахассусҳо татбиқ мегардад. Дар санади мазкур механизми тасниф ва мавқеъгузории тахассусҳо аз рӯи сатҳ мутобиқи маҷмуи меъёрҳо, ки талабот барои иҷрои функсияҳои меҳнатиро тавсиф менамояд, муайян шудааст. Истифода ва риояи Таснифоти мазкур барои ҳама ташкилоту муассисаҳо ҳангоми танзими муносибатҳои меҳнатӣ, таҳияи ҷадвали воҳидҳои корӣ, дурусту дақиқ муайян намудани намудҳои шуғл ва корҳо, вазифаҳои иҷрошавандаи онҳо, меъёрбандӣ ва ташкили шароити меҳнат зарур аст.

4) Санадҳои дохилиидоравии мақомоти иҷроия. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҳангоми фаъолият дар идоракунии меҳнат санадҳои дахлдор қабул менамоянд, ки аз инҳо иборатанд: санадҳои ҳуқуқие, ки хусусияти шахсӣ доранд, аз ҷумла, дар бораи ба вазифа таъин кардан ё озод кардан аз вазифа, ҳавасмандгардонӣ ё татбиқи ҷазои интизомӣ; супоришу фармоишҳое, ки ташкилу танзими фаъолияти ташкилотҳои тобеъ равона карда шудаанд; санадҳое, ки дар асос ва барои иҷрои меъёрҳои санадҳои қонунгузорӣ, қарорҳои мақомоти болоӣ қабул карда мешаванд ва меъёри нави ҳуқуқиро дар бар намегиранд. Илова бар ин, ба низоми санадҳои

мақомоти иҷроия санадҳои хусусияти тавсиявӣ, санадҳо дар бораи тасдиқи низомнома дар бораи мақомоти алоҳидаи маҳаллӣ ё воҳидҳои сохтории мақомоти иҷроияи марказӣ ва дигар санадҳое, ки қабули онҳоро санадҳои қонунгузорӣ пешбинӣ менамоянд, дохил мешаванд.

Санадҳои ташкилию маъмурии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ, ки барои таъмини иҷрои ваколатҳо ва вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда аз ҷониби мақомоти иҷроия,  нигаронида шудаанд.

5) Лоиҳаҳои дар соҳаҳо татбиқшаванда. Лоиҳаҳои дар соҳаҳо татбиқшаванда ҳуҷҷате мебошанд, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва нишондиҳандаҳои мушаххас татбиқ гардида, чорабиниҳои он барои ноил шудан ба натиҷаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим равона мегарданд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат як қатор лоиҳаҳои хурду калон амалӣ карда мешаванд, ки муҳимтарини онҳо лоиҳаи «Беҳтарсозии малакаҳои касбӣ ва имконияти бокортаъминшавӣ», лоиҳаи «Модернизатсияи ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳамгироии иқтисодии Тоҷикистон» ва лоиҳаи «Барномаи дастгирии буҷет барои таҳсилот ва тайёрии техникӣ/касбӣ» мебошанд. Мисол, лоиҳаи «Модернизатсияи ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳамгироии иқтисодии Тоҷикистон» ба дастгирии хонаводаҳои камбизоат, осебпазир, муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишвар равона гардидааст.

Самтҳои асосии фаъолияти лоиҳаи “Беҳтарсозии малакаҳои касбӣ ва имкони бокортаъминшавӣ» таъмини дастгирии фарогир ва мақсадноки муҳоҷират, мусоидат ба дастрасии васеи хизматрасониҳои мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ, таҳкими заминаҳои дурнамо ва банақшагирии бозори меҳнат, таҳкими низоми идоракунии соҳаи муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ мебошад. Ҳадафи асосии лоиҳа ба тавсеъаи шуғли пурмаҳсул равона гардида, натиҷаи ниҳоии лоиҳа ба беҳтарсозии малакаҳои касбӣ ва имконҳои бокортаъминшавии ҷавонон, занон ва муҳоҷирони меҳнатӣ дар бозори меҳнати дохилӣ ва берунӣ нигаронида шудааст.

**2. Заминаҳои иттилоотии идоракунии меҳнат.** Ҷузъи иттилоотии идоракунии меҳнат низоми ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва интиқоли маълумотҳоро дар бар мегирад, ки барои қабули қарорҳои идоракунӣ заруранд. Технологияҳои рақамии муосир имкон медиҳанд, то равандҳои баҳисобгирии вақти корӣ, ҳисоб кардани маош, таҳлили қобилиятҳо ва банақшагирии баландравии касбии кормандон ба таври худкор ба роҳ монда шавад. Ин ба баланд бардоштани шаффофияти идоракунӣ ва коҳиш додани хароҷоти идоракунӣ мусоидат мекунад.

Низомҳои иттилоотӣ қабули фаврии қарорҳо, дақиқият ва эътимоднокии маълумотҳо, ҳамоҳангии функсияҳои гуногуни идоракунӣ, банақшагирии стратегии рушди потенсиали кадрии корхонаҳоро таъмин мекунад.

Ҳамин тариқ, дар замони муосир таъминоти иттилоотӣ ҷузъи ҷудонопазири низоми идоракунии меҳнат гардида истодааст. Заминаҳои иттилоотӣ дар бахши ташкилӣ ва идоракунии меҳнат, ки ба мусоидати шуғли аҳолӣ равона шудаанд, инҳоро дар бар мегиранд: маълумот дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ дар самти шуғли аҳолӣ, платформаи ягонаи рақамӣ дар соҳаи шуғл ва муносибатҳои меҳнатӣ «mehnat.tj», манбаи иттилоотии «kasb.tj», платформаи «shuql.tj» ва “muhojirat.tj”. Аз ҷумла, портали иттилоотии mehnat.j, ки маълумоти асосиро доир ба сиёсати меҳнат ва шуғл, санадҳои меъёрии ҳуқуқии ин соҳа, маълумот доир ба лоиҳаҳои татбиқшаванда ва номгуи хизматрасониҳои соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолиро дар бар мегирад. Портали иттилоотии shuql.tj иттилои зарурировбарои шаҳрвандони корҷу, аз ҷумла, хизматрасониҳои мақомоти шуғли аҳолӣ, имкониятҳои касбомузӣ ва роҳнамоии касбиро пешниҳод мекунад.

Махзани ягонаи маълумот вобаста ба ҷойҳои холии корӣ дар сомонаи www.kor.tj ҷойгир карда шудааст, ки пайваста ҷойҳои кории холӣ тавассути ин махзан пешниҳоди корҷуён мегардад. Инчунин, дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ хазинаи иттилоотию таҳлилӣ дар сомонаи www.migration.tj маълумоти пурра оид ба суроға, ному насаб ва телефонҳои диаспораҳо -

ҳамватанони бурунмарзӣ ворид карда шуда, махзани маълумоти муҳоҷирони меҳнатие, ки воридшавиашон ба давлатҳои хориҷӣ манъ мебошад, ташкил карда шудааст.

**Хулоса,** заминаҳои ташкилӣ ва иттилоотии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи механизмҳои ба ҳам алоқамандро дар бар мегиранд, ки истифодаи самараноки захираҳои меҳнатиро таъмин менамоянд. Дар шароити рақамисозии иқтисодиёт нақши технологияҳои иттилоотӣ дар идоракунии кормандон меафзояд.Танҳо ба шарти мутобиқсозӣ ва ҳамгироии қарорҳои ташкилӣ ва низомҳои муосири иттилоотӣ таъмини рушди ҳосилнокии меҳнат ва устувории идоракунии меҳнат дар ҳама сатҳҳо имконпазир мегардад. Ҳадафҳои калидии заминаҳои ташкилию иттилоотии идоракунии меҳнат чунин муайян карда мешаванд:

-фароҳам овардани шароити муносиби меҳнат ва таъмини ҳифзи он, аз ҷумла: муҳайё намудани муҳити бехатару мусоид дар ҷойҳои корӣ; танзими низоми вақти кор ва истироҳати кормандон; муқаррар намудани тартиб ва кафолатҳои пардохти музди меҳнат; ба роҳ мондани корҳои марбут ба меъёрбандии меҳнат; таъмин намудани кафолат ва ҷубронпулиҳои иҷтимоию маишӣ; инчунин амалӣ намудани тадбирҳо оид ба таъмини бехатарии меҳнат;

- ташаккули низоми самараноки назорат бар иҷрои қонунгузории меҳнат, муайян кардани салоҳиятҳои мақомоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат; муайян намудани мақоми ҳуқуқӣ ва доираи ваколатҳои нозирони меҳнат; гузаронидани ташхис ва татбиқи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон намудани талаботи қонунгузории меҳнат.

# БОБИ III. НИЗОМИ СУБЪЕКТҲОИ МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИИ ИДОРАКУНИИ МЕҲНАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Ваколатҳои мақомоти давлатӣ ва шарикони иҷтимоӣ дар идоракунии меҳнат

Ҳадафҳои идоракунии давлатии меҳнат, ки моҳияти иҷтимоӣ доранд, бо таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар ин самт, ҳуқуқэҷодкунӣ ва татбиқи ҳуқуқҳо дар бахши меҳнат, амалӣ мегарданд. Фаъолияти давлатӣ дар соҳаи идоракунии ҷамъиятии меҳнат ногузир буда, қатъи пурраи он, иштирок накардани давлат ҳамчун субъекти ҳуқуқӣ дар ин равандро тасаввур кардан ғайри имкон аст. Идоракунии давлатии меҳнат тавассути низоми мушаххаси иборат аз маҷмуи мақомоти зинаҳои гуногуни баҳам алоқаманди дорои ваколатҳои муайян, ба роҳ монда шудааст. Низоми ин мақомот иҷрои қонунҳо ва ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандонро дар соҳаи меҳнат таъмин менамояд. Идоракунии меҳнат дар сатҳи миллӣ маҷмуи муносибатҳои ҳуқуқии дар раванди татбиқи ваколатҳои мақомоти давлатиро бавуҷуд меорад, ки ин муносибатҳо хусусиятҳои ба худ хос доранд. «Муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба идоракунии меҳнат дар сатҳи миллӣ муттасил ва билофосила буда, ба татбиқи манфиатҳои умумии иҷтимоӣ, яъне манфиатҳои ба тамоми ҷомеъа хос, фаъолияти устувори муносибатҳои меҳнатӣ дар ҷомеъа нигаронида шудаанд» [147, с.231].

Маъмулан муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба идоракунии меҳнат ба ду гуруҳи асосӣ: муносибатҳои ҳуқуқии дорои хусусияти ташкилӣ ва дорои хусусияти назоратӣ-таъсиррасонӣ.

Ба гуруҳи муносибатҳои ҳуқуқии дорои хусусияти ташкилиӣ инҳо дохил мешаванд:

1) Муносибатҳои ҳуқуқӣ вобаста ба ташкили идоракунии меҳнат дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла масъалаҳои таъсис ва ташаккули мақомоти ваколатдори соҳаи меҳнат ва сохтори онҳо (таъсиси мақомоту хадамот, муайян намудани самтҳои фаъолият, ваколат, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо);

инчунин муносибатҳо оид ба ба роҳ мондани низоми ҳамкорӣ ва табодули иттилоот байни мақомоти ваколатдор, аз ҷумла ҳамкории дохилиидоравӣ ва байниидоравӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти сохторҳои таркибӣ, ташкили низоми иттилоотӣ ва фаъолияти корхонаҳо;

2) Муносибатҳои вобаста ба ташаккули бозори меҳнат, аз ҷумла, тадбирҳо ҷиҳати амалӣ намудани ҳуқуқ ба меҳнат ва пешгирии бекорӣ, ҷалби қувваи кории хориҷӣ, таъмини шуғли шаҳрвандон берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, омодасозии кадрҳо, маблағгузории чорабиниҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ, таъсиси низоми миллии тахассусҳо, инчунин таъмини ҳифз ва шароити муносиби меҳнат.

Ба муносибатҳои ҳуқуқии хусусияти ташкилидошта инҳо марбутанд: 1) муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба ташкили идоракунии меҳнат дар сатҳи ҷумҳурӣ, аз ҷумла, оид ба ташкили мақомоти ваколатдори соҳаи меҳнат ва сохтори онҳо (таъсиси мақомот ва хадамот дар соҳаи меҳнат, муайянсозии самтҳои фаъолияти онҳо, ваколатҳо, ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо); муносибатҳо оид ба таъсиси низоми ҳамкорӣ ва мубодилаи иттилоот миёни мақомоти ваколатдори соҳа, аз ҷумла, ташкили ҳамкории дохилиидоравӣ ва байниидоравӣ, ҳамкории байни сохторҳои таркибӣ, низоми иттилоотӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо, ташкили корхонахо; 2) муносибатҳо оид ба ташкили бозори меҳнат, аз ҷумла, муносибатҳо оид ба ташкили чораҳо барои татбиқи ҳуқуқ ба меҳнат ва пешгирии бекорӣ, ҷалби қувваи кории хориҷӣ, бокортаъминсозии шаҳрвандон берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолият оид ба омодасозии кадрҳо, маблағгузории чорабиниҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ, ташкили низоми миллии тахассусҳо, таъмини ҳифзи меҳнат ва шароити меҳнат.

Ба муносибатҳои дорои хусусияти назоратӣ-таъсиррасонӣ бошад, муносибатҳои идоракунии меҳнат дар робита ба: а) амалисозии роҳбарӣ, ҳамоҳангсозӣ ва назорат аз болои фаъолияти муассисаҳою ташкилотҳои тобеи мақомоти давлатӣ, воҳидҳои сохторӣ ва шахсони мансабдор; б) муносибатҳо вобаста ба таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва

санадҳои ташкилию маъмурӣ, ки иҷрои қарорҳо ва дастурҳои идоракуниро ҳатмӣ мегардонанд; в) муносибатҳо оид ба татбиқи тадбирҳои таъсиррасонӣ нисбат ба иҷрокунандагони масъул ва таъмини назорати раванди иҷрои онҳо дохил мешаванд.

Аксари муҳаққиқон ба он назаранд, ки аз идоракунии самараноки меҳнат ҳалли аксар масъалаҳои иҷтимоию меҳнатии ҷомеъа вобаста аст. «Механизми танзими ҳуқуқии меҳнат, чуноне ки маълум аст категорияи маҷмуии бисёрсатҳӣ мебошад. Тақсимбандии гуногуни механизми танзими ҳуқуқии меҳнат ба сохтори давлатӣ асос меёбад. Дар маҷмуъ гуфтан мумкин аст, ки дар айни замон танзими меҳнат сатҳҳои умумидавлатӣ, минтақавӣ, соҳавӣ ва локалӣ амалӣ мегардад. Бинобар ин, зарур аст тақсимбандии ваколатҳо оид ба танзими меҳнат дар сатҳҳои зикршуда тавре ба роҳ монда шавад, ки суботи иҷтимоиро дар ҷамъият таҳким дода, самаранокии иқтисодии хоҷагидориро ҳам дар бахши давлатӣ ва ҳам дар ташкилоти тиҷоратӣ тақвият диҳад» [207, с. 16].

Ваколатҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар идоракунии меҳнат бо назардошти хусусиятҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ дар ин соҳа иборатанд аст:

1. Ташкили идоракунии меҳнат, ки таъсиси низоми мақомоти идоракунӣ дар соҳаи меҳнат ва сохторҳои онҳоро дар бар мегирад яке аз вазифаҳои муҳимми давлат маҳсуб мешавад. Ваколатҳои ташкили низоми мақомоти идоракунӣ дар соҳаи меҳнат ва сохторҳои онҳо аз таъсиси низоми мақомот ва хизматрасониҳо дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва ташкили фаъолияти онҳо, муайян намудани ваколатҳои онҳо иборат аст. Ташкили идоракунӣ ба маънии таъсиси сохтори муайяни мақомоти ваколатдор ва иҷрои вазифаҳои махсуси онҳо дар марҳилаҳои банақшагирӣ, таъсису ташаккул ва тартиби фаъолият, инчунин дар самтҳои танзим, ҳамоҳангсозӣ, мувофиқасозӣ, таҳлил, назорат ва баҳисобгирӣ фаҳмида мешавад. Низоми мақомоти давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ тибқи боби 34 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон («Ҳифзи меҳнат») ва боби IV Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» («Танзими давлатӣ ва чораҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ») муайян гардидааст. Илова бар ин, меъёрҳои марбут ба ташаккули низоми миллии идоракунии меҳнат дар Конвенсияи №150 ва Тавсияи №158 Ташкилоти байналмилалии меҳнат, ки ба масъалаҳои танзими меҳнат, нақш, вазифа ва сохтори он бахшида шудаанд, инъикос ёфтаанд. Идоракунии давлатӣ дар соҳаи меҳнат дар сатҳи ҷумҳуриявӣ аз ҷониби маҷмӯи мақомоти ҳокимияти давлатӣ амалӣ мегардад, аз ҷумла, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба монанди Агентии хизмати давлатӣ ва шурҳои машваратӣ, аз ҷумла, Шури машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ), инчунин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои тобеи он.

Ваколатҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар идоракунии меҳнат аз мазмуни маҷмуи ваколатҳои он, ки дар моддаи 69 Конститутсияи ҶТ дарҷ ёфтаанд [1], сарчашма гирифта бо моддаҳои 143, 147, 149, ва дигар санадҳои дорои меъёри меҳнат мушаххас шудаанд. Вазифаву салоҳиятҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат дар моддаи 16 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар гардидаанд, ки тибқи он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар бобати татбиқи ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнат тадбирҳо меандешад; барномаҳои таъмини шуғли аҳолиро таҳия менамояд ва доир ба татбиқи ин барномаҳо чораҷӯӣ мекунад; сиёсати ягонаи давлатии муҳоҷиратро пеш мебарад» [30]. Бо назардошти ин қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат дар идоракунии меҳнат ваколатҳои зиёдеро ба зиммаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор менамояд. Мисол, танҳо дар КМ ҶТ дар 42 ҳолат қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ ба ваколати Ҳукумати ҶТ дахл доранд. Умуман, дар низоми мақомоти идоракунии меҳнат Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сермаҳсултарин мақоми давлатӣ маҳсуб мешавад.

Мақомоти марказии иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ваколату вазифаҳояшон дар идоракунии меҳнат воҳидҳои сохторӣ доранд, ки маъмулан аз раёсату шуъбаҳо, бахшҳо ва дигар сохторҳо иборатанд. Ташкили фаъолияти мақомоти дахлдор ва воҳидҳои сохторӣ бо санадҳои гуногуни меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда мешаванд. Мисол, Фармоиши вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ аз 08.10.2020, №116 "Дар бораи тасдиқи Низомномаи Раёсати муносибатҳои меҳнатӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ» [77].

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми марказии иҷроияи ҳокимияти давлатие мебошад, ки пешбурди сиёсати ягонаи давлатӣ ва батанзимдарории меъёрии ҳуқуқиро дар соҳаи меҳнат анҷом медиҳад. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми марказии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки амалӣ намудани сиёсати ягонаи давлатӣ ва танзимгарии меъёрии ҳуқуқиро дар соҳаи меҳнат ба ухда дорад. Ин вазорат ҳамчунин фаъолияти ҳамаи мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллӣ, инчунин ташкилотҳоро дар самти масъалаҳои меҳнат ва шуғли аҳолӣ ҳамоҳанг месозад. Дар сохтори ин вазорат, инчунин Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, Хадамоти муҳоҷират ва Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ фаъолият мекунанд.

Инчунин, ба сохтори ин вазорат як қатор ташкилотҳо, аз қабили муассисаҳои илмӣ, методӣ, марказҳои таълимӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Салоҳиятҳое, ки Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, амалӣ менамояд, дар «Низомнома дар бораи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ» [75] оварда шудаанд.

Ҳамаи ваколатҳои зикршуда шартан ба ду гуруҳ ҷудо мешаванд: берунӣ, ки тавассути онҳо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ вазифаҳо, функсияҳо ва ваколатҳои худро мустақиман иҷро мекунад; ва дохилӣ, ки ба ташкили корҳо ва равандҳое дахл доранд, ки дар доираи фаъолияти ҳамин вазорат ба амал меоянд.

Ба ваколатҳои аввал, аз қабили таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ ва танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи меҳнат, шуғли аҳолӣ, беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ, муҳоҷират, рушди бозори меҳнат, тахассусҳо, ҳунармандӣ ва таълими калонсолон дохил мешаванд.

Ваколатҳои дуюмин дохилиидоравӣ буда, чунин ваколатҳоро дар бар мегиранд, ба монанди муайян кардани сохтор, воҳидҳои корӣ, таъминоти моддию ташкилии фаъолияти вазорат, ташкили равандҳои гардиши ҳуҷҷатҳо, тартиби таҳия ва пешниҳод намудани лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои баррасӣ дар Ҳукумати ҶТ, ҳамчунин тартиби таҳия ва расмият додани қарорҳои Вазорат дар соҳаҳои меҳнат, муҳоҷират, шуғли аҳолӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ. Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, ки дар тобеъияти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар соҳаи идоракунии соҳаи меҳнат вазифадор аст, тибқи Низомнома ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои меъёри ҳуқуқи меҳнат аз як қатор ваколатҳо бархурдор аст. Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ фаъолияти худро бевосита ва тавассути сохторҳои маҳаллии худ ва дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо амалӣ менамояд. Агентии мазкур тибқи Низомнома [61] дар соҳаи идоракунии меҳнат вазифаҳои зайлро иҷро мекунад:

-«таъмини рушди устувори шарикии иҷтимоӣ тавассути ба имзо расонидани созишномаҳои соҳавӣ, шартномаҳои коллективӣ ва қарордодҳои меҳнатӣ;

- бақайдгирии созишномаҳои соҳавии (тарифӣ) аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо басташуда ва шартномаҳои коллективии баимзорасонидаи ташкилоту муассисаҳои ҳудуди вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо;

- ҳамкорӣ бо Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, Иттиҳодияи корфармоёни Тоҷикистон, сохторҳои мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия дар вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо дар самти ҳаллу фасли масъалаҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ;

- мусоидат ба таъминоти саривақтӣ ва пардохти музди меҳнат дар ташкилоту муассисаҳои ҳудуди вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо;

- мунтазам мавриди таҳлил қарор додани масъалаҳои марбут ба муносибатҳои меҳнатӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ дар ташкилоту муассисаҳои ҳудуди вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва пешниҳоди маълумот ба мақомоти ваколатдор;

- манзур намудани пешниҳодоти мушаххас ҷиҳати аз байн бурдани мушкилоти ҷойдоштаи соҳа;

- амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар самти муносибатҳои меҳнатӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ дар ташкилоту корхонаҳои ҳудуди вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо;

- омӯзиши тамоюлҳо ва масъалаҳои рушди минбаъдаи татбиқи кафолатҳои меҳнатӣ ба аҳолии вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва пешниҳод ба мақомоти ваколатдори болоӣ;

- расонидани кӯмаки методию амалӣ ба ташкилоту корхонаҳои ҳудуди вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо дар самти татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба муносибатҳои меҳнатӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ;

- дар заминаи масъалаҳои дар сатҳи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо баррасишаванда пешниҳод намудани таклиф барои такмил ва рушди қонунгузории соҳа ба мақомоти ваколатдори болоӣ» [61].

Хадамоти муҳоҷират дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ дорои ваколатҳои васеъ буда**,** фаъолияти мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ, ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотро дар ин соҳа ҳамоҳанг менамояд. Хадамоти мазкур ваколати додани иҷозатнома барои фаъолияти бокортаъминсозии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа ва шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, додани иҷозати кор ба шаҳрвандони хориҷӣ барои фаъолияти меҳнатӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, баҳисобгирии раванди муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони ҶТ ба хориҷа ва бозгашт аз хориҷа, ташкили хизматҳои машваратӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва дигар намудҳои хизматрасонӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳоро доро мебошад.

Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ҳамчун мақоми давлатии назоратӣ иҷрои талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолиро дар ҳама гуна ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликияти онҳо, мавриди санҷиш қарор дода, барои бартарафсозии қонунвайронкуниҳои ошкоршуда бо пешниҳоди дастурҳои иҷрояшон ҳатмӣ чораҷуӣ намояд. Хадамоти мазкур ҳамчунин тибқи қонунгузори ваколати татбиқи ҷазои маъмурӣ дар шакли ҷаримаро нисбати корфармоён ва шахсони масъули онҳо дар сурати ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ дар соҳаи меҳнат дорад.

**2. Идоракунии меҳнат дар сатҳи маҳаллӣ**. Моддаи 330 -и КМ ҶТ муқарраротеро дар бар мегирад, ки салоҳияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Тоҷикистонро дар соҳаи меҳнат ва ҳифзи меҳнат танзим мекунанд. Қонуни ҶТ “Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ” ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ татбиқи як қатор ваколату вазифаҳоро дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ муқаррар намудааст. Ин ваколатҳо шароити мусоид фароҳам меоранд, то мақомоти марбута дар сатҳи маҳаллӣ бевосита дар идоракунии соҳаи меҳнату шуғли аҳолӣ ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар ин самт саҳмгузор бошанд. Аз ҷумла, онҳо метавонанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бахши меҳнат ва шуғли аҳолиро қабул намоянд, раванди татбиқи меъёрҳоро ҳамоҳанг созанд, сабабу омилҳои ҳуқуқвайронкуниҳоро таҳлил кунанд, ҷиҳати такмили қонунгузорӣ пешниҳодҳо таҳия намоянд, тадбирҳои мусоидаткунанда ба шуғли аҳолиро роҳандозӣ намоянд, инчунин вазъ ва дурнамои рушди бозори меҳнатро мавриди омӯзиш қарор диҳанд ва ғайра. Доираи ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар самти шуғли аҳолӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» дақиқ муайян гардидааст. Аз ҷумла, ба онҳо таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои минтақавии мусоидат ба шуғли аҳолӣ (моддаи 13), ҳамчунин муқаррар кардани квотаҳо барои бо ҷойи кор таъмин намудани маъюбон ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ (моддаи 19); ташкили корҳои ҷамъиятии музднок (моддаи

22); таъйину пардохти иловапулӣ ба кумакпулиҳои бекорӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ (моддаи 27) аз қабили чунин ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошанд.

Сохторҳои маҳаллии Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, Хадамоти муҳоҷират ва Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ваколатҳои ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар соҳаи идоракунии меҳнатро дар сатҳи маҳаллӣ амалӣ менамоянд. Ба сифати намуна метавон зикр намуд, ки ба сохтори мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолии шаҳри Душанбе раёсат ва шуъбаҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он шомил мебошанд. Ҳамчунин ба ин низом ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатие дохил мешаванд, ки дар самти мусоидат ба шуғли аҳолӣ фаъолият мекунанд, инчунин кумитаҳои ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар худи шаҳр ва ноҳияҳои он.

Ваколатҳои шарикони иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат дар сатҳи маҳаллӣ дар доираи созишномаҳои соҳавӣ муқаррар карда мешаванд. Мисол, тибқи Созишномаи соҳавӣ байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024 – 2026 [83] Кумитаи иттифоқҳои касабаи ин соҳа ва ташкилоти ибтидоии он ваколатдоранд татбиқи қонунгузории мусоидат ба шуғли аҳолиро дар мавриди таъмини кафолатҳои шахсони аз кор озодшуда назорат намоянд, дар муайян намудани ҳадди ақалли зиндагӣ ва ҳаҷми ҷуброн вобаста ба тағйирёбии индекси нархҳо иштирок намоянд, аз корфармоён риояи намудани меъёри қонунгузории меҳнатро дар муассисаҳои соҳаи маориф ва илм аз номи кормандон талаб намоянд, дар таҳия ва қабули  санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки Вазорати маориф ва илм ба амал бароварда мешаванд, иштирок ва доир ба онҳо пешниҳодҳо арз намояд, дар якҷоягӣ бо Вазорати маориф ва илм оид ба такмили низоми имтиёзҳои омузгорон ба мақомоти қонунгузор таклифҳо матраҳ намояд.

Масъалаҳои идоракунии меҳнат, ки ба салоҳияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дохил мешаванд, дар амалия бо қабули қарорҳо, фармоишҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ татбиқ мегарданд. Масалан, ваколатҳои Раёсати агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд дар соҳаи идоракунии меҳнат аз бақайдгирии шартномаҳои коллективӣ, таҳлили вазъи пардохти музди меҳнат ва таъмини шароити меҳнат, ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо барои мусоидат ба шуғли шаҳрвандони бекор, инчунин ташкили касбомӯзии бекорон, занону ҷавонон дар деҳоти ҳудуди вилоят ва дигар табақаҳои осебпазир, аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ ба шумор мераванд. Ба чунин чорабиниҳо метавон инҳоро дохил намуд: таҳияи ва татбиқи барномаҳои минтақавии мусоидат ба шуғли аҳолӣ; ташкили курсҳои кутоҳмуддати касбомӯзӣ ва бозомӯзӣ мутобиқ ба талаботи бозори меҳнат; гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ; мусоидат ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар бахши давлатӣ ва хусусӣ; дастгирии соҳибкории хурду миёна, махсусан дар деҳот; ҷалби занону ҷавонон ба барномаҳои грантӣ ва лоиҳаҳои иҷтимоӣ; расонидани машваратҳои касбӣ ва роҳнамоии шуғлӣ; мусоидат ба худшуғлӣ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ. Татбиқи чунин чорабиниҳо имконият медиҳад, ки сатҳи бекорӣ коҳиш ёбад, сатҳи зиндагии аҳолӣ беҳтар гардад ва рушди устувори иҷтимоию иқтисодии вилоят таъмин карда шавад.

Ҳамин тариқ, Раёсату шуъбаҳо ва бахшҳои агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, ки дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо фаъолият мекунанд, зинаи дуюм ва сеюми Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ маҳсуб мешаванд.

Тибқи низомномаҳо ҳадафи фаъолияти сохторҳои агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ таъмини кафолатҳои давлатӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ муайян карда шудааст. Масалан, тибқи Оинномаи Муассисаи давлатии “Маркази роҳнамоии касбӣ” вазифаҳои ин муассиса иборатанд аз: гузаронидани машварати касбӣ ва машварати равонӣ, таҳқиқоти сотсиологӣ ва равонӣ тибқи талаботи бозори меҳнат ба ҳама намудҳои касб ва ихтисосҳои коргарӣ; бо ҷалби коршиносони ватанию хориҷӣ таҳияи нақшаю пурсишномаҳои нави

машваратӣ мутобиқи меъёри касбӣ; анҷом додани машваратҳои касбӣ дар шакли инфиродӣ ва гуруҳӣ, инчунин расонидани кӯмаки равонӣ (психологӣ); татбиқи технологияҳо ва усулҳои муосири машварати касбӣ, аз ҷумла, баргузории тест-машваратҳо бо истифода аз компютер; такмил, рушд ва таҳкими низоми роҳнамоии касбии ҷавонон, наврасон ва калонсолон (таҳия ва нашри маводди таблиғотӣ); тавассути ҷалби мутахассисон ташкили семинару вохӯриҳо) таҳияи маводи методӣ доир ба роҳнамоии касбӣ дар интихоби дақиқи касб ва дигар усулҳои интихоби касбҳои ҷаҳонӣ.

Мутахасисони марказ шахсонеро, ки мехоҳанд аз таълими касбии зарурӣ гузаранд бо истифодаи тестҳои касбӣ аз ташхиси касбӣ ва меҳнатӣ мегузаронанд ва самти таълими касбиро мутобиқи талаботи бозори меҳнат ба касбҳо муайян мекунанд. Ба шахсоне, ки мехоҳанд ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд, оид ба омода кардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ маслиҳат медиҳанд.

Тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ стандартҳои давлатӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян мекунанд[65].

Дар ҳудуди вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ салоҳиятҳо дар самти идоракунии меҳнат аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо - раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, инчунин роҳбарони муассисаҳои давлатӣ, шурҳо ва маҷлисҳои вакилони халқ амалӣ карда мешаванд.

Санадҳои муҳими меъёрии ҳуқуқие, ки мақомоти мазкур дар самти идоракунии меҳнат қабул менамоянд, асосан дар шакли қарорҳо таҳия мегарданд, ки бо онҳо тартиби амалигардонии назорати идоравӣ оид ба риояи қонунгузории меҳнат муайян карда мешавад. Ба чунин санадҳо мисол шуда метавонад, қоидаҳо ва низомномаҳо дар бораи низоми пардохти музди меҳнати кормандони муассисаҳои буҷетии шаҳрӣ дар соҳаҳои гуногун, барномаҳо оид ба беҳтар намудани шароити меҳнат дар шаҳр ва дигар санадҳо, иборатанд.

Ташкили низоми ҳамкорӣ ва мубодилаи иттилооти байни мақомоти роҳбарикунанда аз ташкили ҳамкории дохилиидоравию байниидоравӣ, ҳамкории воҳидҳои сохторӣ, низоми иттилоотӣ ва автоматикунонии фаъолияти онҳо, ташкили коргузорӣ иборатанд.

Таъминоти иттилоотӣ ва мубодилаи иттилоот байни субъектҳои бозори меҳнат барои фаъолияти самараноки механизми он муҳим аст.

Таъмини ҳамоҳангӣ ва ҳамгироии фаъолияти дохилиидоравӣ ва байниидоравии мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ бо дигар мақомот тибқи моддаи 15 Қонуни ҶТ «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин низомномаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ танзим карда мешаванд. Масалан, тибқи Низомномаи Раёсати бозори меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ [76], ин Раёсат дар якҷоя бо Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ пешниҳодҳоро ҷиҳати бақайдгирии электронии бекорон, ҷойҳои холии кор ва дигар хизматрасониҳои Агентӣ омода менамояд. Дар ҳамкорӣ бо дигар раёсату шуъбаҳои манфиатдор лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маълумотнома ва ахборро доир ба масъалаҳои шуғли аҳолӣ омода ва пешниҳод менамояд. Раёсат инчунин, бо мақсади ташкили мониторинги вазъи бозори меҳнат, таҳлили вазъи шуғлнокии аҳолӣ, аз ҷумла, дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисод, таҳлили таъмини кафолатҳои шаҳрвандон ҳангоми бекорӣ, дастгирии иҷтимоии шахсони корҷу, самаранокии татбиқи чорабиниҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар сатҳи маҳал бо сохторҳои дигари вазорат ҳамкорӣ ва фаъолияти онҳоро дар ин самтҳо ҳамоҳанг менамояд.

Дар соҳаи меҳнат маълумоти оморӣ нақши калон мебозад. Мутобиқи қонунгузорӣ «барои баҳои воқеӣ додан ба вазъи бозори меҳнат ва вазъи кор дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи давлатии оморӣ муқаррар карда мешавад. Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ бо мақомоти омори давлатӣ, мақомоти андоз, мақомоти хадамоти муҳоҷират ва дигар мақомоти дахлдори давлатӣ ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ ва маълумоти барои иҷрои вазифаҳои

тарафҳо заруриро ба таври ройгон мубодила менамоянд. Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғлӣ аҳолӣ нашри маълумоти оморӣ ва маводди иттилоотиро дар бораи вазъи бозори меҳнат, талабот ва пешниҳодот ба қувваи корӣ, имконҳои бо кор таъминкунӣ, тамоюли касбӣ, тарбия ва бозомӯзии касбӣ, такмили ихтисос, инчунин офиятбахшии иҷтимоию меҳнатиро таъмин менамояд» [34] (моддаи 17 Қонун дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ).

Бо мақсади мутобиқ гардонидани низоми миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ дар самти омори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои оморӣ оид ба даромади миёнаи моҳонаи фаъолияти меҳнатӣ таҳия ва ҷамъбаст карда мешаванд [81].

**3. Танзими давлатии бозори меҳнат** дар шароити иқтисоди бозорӣ ба идоракунии захираҳои меҳнатӣ ҳамчун маҷмӯъи қобилиятҳои ҷисмонӣ ва маънавии меҳнати инсон дар бозори меҳнат амалӣ мегарданд. Ба маънои васеъ бозори меҳнат низоми муносибатҳои меҳнатӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳуқуқие мебошад, ки манфиатҳои корфармоён ва кормандонро бо мақсади таъмини такрористеҳсоли мӯътадили захираҳои меҳнатӣ ва истифодаи самараноки меҳнати кормандони бо кор таъминшуда мутобиқ месозад.

Доир ба мазмуни мафҳуми “бозори меҳнат” андешаҳои муҳаққиқон гуногунанд. Бархе ба ин назаранд, ки «бозори меҳнат як унсури мураккаби низоми омилҳои бозорҳои истеҳсолӣ буда, бо ҷанбаҳои муайяни иҷтимоию меҳнатӣ маҳдуд нашуда, чунин омилҳоеро дар бар мегирад, ки мазмуни иқтисодӣ доранд, ба монанди талабот ба меҳнат, пешниҳоди меҳнат, арзиши меҳнат, рақобат дар бозори меҳнат, намуди бозорҳои меҳнат ва инфрасохтори бозори меҳнат» [110]. Ба андешаи дигар олимон: «Ба маънои маҳдуд, бозори меҳнат ҳамчун системаи муносибатҳои иҷтимоии байни корфармоён ва кормандон вобаста ба истифода ва пешниҳоди меҳнат баррасӣ мешавад» [98]. Ҷои дигар мафҳуми “бозори меҳнат” ҳамчун «системаи муносибатҳои ҷамъиятиест, ки бо талабот (кироя) ва таклифоти (пешниҳоди) меҳнат вобаста мебошад» [105, с.82], шарҳ дода мешавад.

Мафҳуми «бозори меҳнат» дар моддаи 1 Қонуни ҶТ "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" ва инчунин моддаи 1 КМ ҶТ омадааст, ки мазмунан такрори ҳамдигар буда, тибқи онҳо «бозори меҳнат соҳаи ташаккули талабот ва пешниҳод ба қувваи корӣ» [43] таъриф мешавад. Мавриди зикр аст, ки таърифҳои дар КМ ҶТ ва Қонуни ҶТ дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ овардашуда мазмуни чунин мафҳуми васеъ, мисли бозори меҳнатро пурра ифода намекунанд.

Зеро танзими ҳамин соҳаи «ташаккули талабот ва пешниҳод ба қувваи корӣ" бидуни идоракунии давлатӣ ва дахолати давлат имкон надорад. Мисол, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар соҳаи сиёсати шуғли пурмаҳсул афзалиятҳои зайлро муайян намудааст: «(1) мусоидат ба ташкил намудани ҷойҳои кории пурмаҳсул; (2) ташкили бозори меҳнати рақобатпазири дохилӣ; (3) баланд бардоштани боздеҳи маълумоти касбӣ; (4) зиёд намудани ҳиссаи шуғли расмӣ дар иқтисодиёт; (5) диверсификатсияи муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ» [47]. Масъалаҳои мазкур ба салоҳияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба танзиму идоракунии бозори меҳнат марбутанд, ки иштироки бевоситаи давлат дар танзиму идоракунии меҳнатро ифода мекунад. Ба назари мо таърифи ҳуқуқии дақиқ ва фарогири мазмуни пурраи мафҳуми "бозори меҳнат" барои мақсадҳои таҳқиқотии ҳуқуқи меҳнат ва ҳам амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ зарур аст.

Бозори меҳнат бо Қонуни ҶТ «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ», санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, созишномаҳои сершумори шарикии иҷтимоӣ танзим карда мешавад. Аз ҷумла, дар ҳар як созишномаи минтақавӣ ва соҳавӣ бахши алоҳида оид ба бозори меҳнат мавҷуд аст.

Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ зимни амалӣ намудани ваколатҳо дар соҳаи идоракунии меҳнат чунин самтҳоро дар бар мегирад: 1) таъсиси низоми чорабиниҳои ҳамоҳангшуда баҳри кафолати ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнат ва пешгирии сатҳи бекорӣ; 2) танзими равандҳои миёнаравӣ дар бозори меҳнат ва расонидани мусоидат ба шаҳрвандон ва

корфармоён дар ҷустуҷӯ ва интихоби ҷойи кори мувофиқ ва кадрҳои зарурӣ; 3) мубодилаи иттилоот вобаста ба вазъи шуғли аҳолӣ ва ҳолати бозори меҳнат; 4) ташкили ярмаркаҳои ҷойҳои холии кор ва таҳлили ҷойҳои кор; 5) ташкили роҳнамоии касбӣ ва машварати касбӣ барои шаҳрвандони корҷу дар интихоби касбу ихтисосҳо тибқи талаботи бозори меҳнат; 6) ташкили касбомузӣ ва такмили ихтисоси бекорон; 7) ташкили хизматрасониҳои касбӣ-равонӣ ба шаҳрвандони бекор; 8) ташкили корҳои ҷамъиятии музднок; 9) бокортаъминсозии шаҳрвандони гуруҳҳои осебпазир дар ҷойҳои кории тибқи квотаҳо муқарраршуда; 10) мутобиқсозии иҷтимоии шаҳрвандони бекор дар бозори меҳнат; 11) кумак барои бокортаъминсозии шаҳрвандоне, ки бо аъзои оилаи худ ба маҳалли дигар мекучанд ва дигар тадбирҳо дар бозори меҳнат.

Илова бар ин, бояд қайд намуд, ки баъзе ҷанбаҳои низоми идоракунии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, ки ба кафолати ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнат ва коҳиш додани бекорӣ равона шудаанд, ба танзими иловагӣ ниёз доранд. Масалан, рушди низоми таълими касбӣ ва роҳнамоии касбии шаҳрвандони бекор яке аз унсурҳои муҳим, қисми таркибии сиёсати дар айни замон ташаккулёфтаи давлатӣ дар соҳаи рушди захираҳои инсонӣ маҳсуб мешавад. Бинобар ин, сиёсати фаъоли шуғл, ки тавассути роҳнамоӣ ва омӯзиши касбии шаҳрвандони бекор амалӣ карда мешавад, бояд пеш аз ҳама ба таҳкими дастгирии мақсадноки иҷтимоии шаҳрвандони бекор ва гуруҳҳои аҳолии ниёзманд ба таълими касбӣ ва роҳнамоии касбӣ, ҷорӣ намудани барномаҳои гуногуни роҳнамоӣ ва омӯзиши касбӣ, инчунин ба таъмини афзалиятноки заминаҳои ташкилӣ ва молиявии ин самт равона карда шавад. Барои иҷрои самтҳои роҳнамоӣ ва таълими касбии шаҳрвандони бекор, рушди минбаъдаи ҳамкории мақомоти шуғл бо мақомоти маориф ва таҳияву татбиқи стандартҳои нави таълимӣ мувофиқи талаботи бозори меҳнат ба касб, ихтисос ва вазифаҳо аҳаммияти муҳим дорад.

Бо назардошти ин ташкили роҳнамоии касбии аҳолӣ танзими иловагии ҳуқуқиро аз ҷиҳати мақсаднокӣ, самаранокии вазифаҳо, шаклҳои муосир ва

намудҳои тамоюли касбии шаҳрвандон, ислоҳоти низоми мақомоти мсъули ин самт, талаб мекунад. Он бояд ба паст намудани шиддати бекорӣ ва мунтаззам мутобиқсозии сатҳи касбияти қувваҳои корӣ ба талаботи бозори меҳнат нигаронида шавад. Инчунин, мушкилоти дигари низоми идоракунии меҳнат айни замон таъмин нагардидани маблағгузории чорабиниҳои фаъоли мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар сатҳи зарурӣ мебошад. Мавриди зикр аст, ки ин чорабиниҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ асосан аз ҳисоби пардохтҳои суғуртаи иҷтимоии кормандон ба хазинаи суғуртаи иҷтимоӣ (Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа) маблағгузорӣ мешаванд. Аз ин рӯ, ба назари мо, дар баробари маблағгузории давлатӣ барои чорабиниҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ зарур аст, ки низоми ғайридавлатии (ғайрибуҷетӣ) суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ аз ҳолати бекорӣ таъсис дода шавад, ки маблағҳои он аз саҳмҳои суғуртавии корфармоён ва шахсони суғурташуда фароҳам меояд. Ин роҳ имкон медиҳад, ки ҳам фарогирии аҳолии машғули кор ба суғуртаи иҷтимоӣ васеъ гардад ва ҳам масъалаҳои таъминоти иҷтимоии онҳо, аз ҷумла, кумакпулиҳо барои давраи бекорӣ ва такмили ихтисоси бекорон аз ҳисоби саҳмияҳои кормандон ва корфармоён дар фондҳои ғайридавлатии суғуртаи иҷтимоӣ ҳал шаванд. Ҳамзамон, ин иқдом сарбории фонди давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (Агентии нафақа ва суғуртаи иҷтимоӣ)-ро коҳиш медиҳад.

Ваколатҳои мақомоти давлатӣ, корфармоён (ва иттиҳодияҳои онҳо) ва шаҳрвандони хориҷӣ дар мавриди ташкили ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби даъвати шаҳрвандони хориҷӣ барои анҷом додани фаъолияти меҳнатӣ, муайян кардани ниёз ба қувваи кории хориҷӣ ва додани иҷозат барои фаъолияти меҳнатӣ дар ҳудуди ҶТ таҷассум меёбанд. Ҷалби қувваи кории хориҷӣ танҳо бо иҷозати дахлдор, қарори мақомоти ваколатдори соҳа (Хадамоти муҳоҷират) тибқи квотаҳое, ки бо тартиби муқаррарнамуда муайян карда шудаанд, иҷозат дода мешавад.

Меъёри танзими ҷалб ва истифодаи қувваи кории хориҷӣ дар Қонуни ҶТ “Дар бораи муҳоҷират” [41] ва санадҳои зерқонунӣ [73], ки тибқи он қабул шудаанд, оварда шудаанд. Дар баробари ин дар шартномаҳои

(созишномахои) байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷалби шаҳрвандони хориҷӣ барои кор ба Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад шартҳо ва тартиби дигар пешбинӣ карда шаванд.

Ваколатҳои мақомоти давлатӣ оид ба идоракунии раванди кортаъминсозии шаҳрвандони ҶТ берун аз ҳудуди он аз тартиби қабули ариза барои гирифтани иҷозатнома, қабули қарор дар бораи додани иҷозатнома ва талабот нисбати довталабони иҷозатнома иборатанд. Ин ваколатҳо бо моддаҳои 8 ва 9 Қонуни ҶТ "Дар бораи муҳоҷират" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ [74] танзим карда мешаванд.

Ваколатҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корфармоён (иттиҳодияҳои онҳо), кормандон (намояндагони онҳо) вобаста ба муқаррар намудани кафолатҳои асосии шароити меҳнат аз муқаррар намудани андозаи музди меҳнат ва ташкили он дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт ва минтақаҳо иборатанд.

Низоми кафолатҳои давлатии музди меҳнатро КМ ҶТ муқаррар намудааст. Тибқи КМ ҶТ музди меҳнат «маҷмуъи подошҳои бо воҳиди пулӣ ҳисобкардашудаест, ки корфармо уҳдадор аст онҳоро ба корманди кироя барои корҳои амалан иҷрошуда, ҳамчунин барои он муддате, ки ба вақти корӣ дохил мешавад, пардохт намояд» (моддаи 1) [43].

Ваколатҳои мақомоти давлатӣ оид ба таҳия ва муқаррар намудани стандартҳои меҳнат «аз таҳия ва тасдиқи меъёри меҳнат, маълумотномаи ягонаи тарифию тахассусии корҳо ва касбҳо, маълумотномаи тахассусии мансабҳои кормандон, дастурамалҳо, тавзеҳот ва тавсияҳо оид ба масъалаҳои ташкил, меъёрбандӣ ва пардохти музди меҳнат» [75] иборатанд. Стандартҳои меҳнат, инчунин аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатие, ки вазифаҳои идоракунӣ, танзим ва ҳамоҳангсозии фаъолиятро дар як бахши (соҳаи) иқтисодиёт ба зимма дорад, таҳия ва тасдиқ карда мешаванд. Меъёри стандарти касбӣ, соҳавӣ ва дигар меъёри меҳнат аз ҷониби мақомоти иҷроияи соҳаи дахлдор тасдиқ карда мешаванд. Дар сатҳи ташкилот бошад

«муқаррар намудан, иваз кардан ва аз нав баррасӣ намудани меъёри меҳнат аз ҷониби корфармо бо иштироки намояндагони кормандон сурат мегиранд» [43] (моддаи 134 КМ ҶТ). Муқаррарот оид ба ташкили стандартҳои меҳнатинчунин метавонанд дар созишномаҳои шарикии иҷтимоӣ дарҷ карда шаванд.

Ваколатҳои мақомоти давлатӣ дар самти идоракунии ҳифзи меҳнат дар сатҳи миллӣ аз инҳо иборатанд: «таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи меҳнат ва бо тартиби муқарраргардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани онҳо; таҳия ва тасдиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи меҳнат дар доираи ваколати худ; ҳамоҳангсозии корҳои вазорату идораҳо оид ба ҳифзи меҳнат; ташкил ва сертификатсияи корҳо оид ба ҳифзи меҳнат дар ташкилот; экспертизаи давлатии шароити меҳнат дар ташкилоти амалкунанда ва навтаъсисёфта, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо; ба роҳ мондани назорати давлатии риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи меҳнат; дар мувофиқа бо мақомоти давлатии омор таҳия ва қабули шаклҳои ҳисоботи давлатии омории нишондиҳандаҳои шароитҳо ва ҳифзи меҳнат, ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ; таҳияи тартиби тафтиши ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ; таҳия ва тасдиқи қоидаҳои байнисоҳавӣ ва санадҳои ташкилию методӣ оид ба ҳифзи меҳнат; тасдиқ намудани меъёри намунавии соҳавии ба кормандон ройгон додани воситаҳои муҳофизати инфиродӣ; дигар ваколатҳо оид ба ҳифзи меҳнат бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[43] (моддаи 329 КМ ҶТ).

Ваколатҳои дахлдор дар соҳаи ҳифзи меҳнат дар созишномаҳои байни иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои корфармоён ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ шудаанд. Мисол, тавсияҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ташкили меҳнат ҳангоми паҳншавии сирояти нави коронавирус аҳаммияти калон дорад. Ташкилоту муассисаҳо новобаста

аз шакли моликият ухдадор шуданд, ки дар ташкили меҳнат дар шароити пандемияи бемории COVID-19 тавсияҳои зайлро ба роҳбарӣ гиранд: «1) кормандонро бо антисептикҳои пуст (масалан, насби диспансерҳо) ва рӯмолҳо, даҳонбандҳои безараргардонӣ таъмин намоянд ва инчунин истифодаи онҳоро аз ҷониби кормандон дар даромадгоҳи биноҳо назорат кунанд; 2) захираи муваққатии маблағҳо ва дигар воситаҳои ҳимоя бояд барои на камтар аз 5-6 рӯз бошад; 3) дар ҳолатҳои фавқулодда ва эҳтимолияти пайдо шудани беморӣ дар корхона, ҳарорати бадани коргаронро дар аввали рӯзи корӣ ва инчунин дар тамоми рӯз назорат кунанд; 4) кормандонеро, ки ҳарорати баланд доранд аз ҷои кор дур кунанд; 5) ҷойи кори кормандро бо маҳлулҳои безараргардонии вирусӣ тоза намоянд (диққати махсусро ба безараргардонии қитъаҳои умумӣ ва ҳама қисмҳои робитадошта бояд равон кард); 6) аз гузаронидани чорабиниҳои калони оммавӣ, ки тамоми кормандонро дар ягон нуқтаи муайян ҷамъ мекунанд, худдорӣ бояд кард; 7) муваққатан қатъ намудани сафарҳои хизматии кормандон, алахусус ба кишварҳои хориҷӣ ва ғ.» [172].

**4. Ваколатҳои шарикии иҷтимоӣ дар идоракунии меҳнат.** Шарикии иҷтимоӣ яке аз воситаҳои асосии идоракунии ҷамъиятии меҳнат ба ҳисоб меравад. Зери мафҳуми шарикии иҷтимоӣ «ҳамкории иштирокчиёни муносибатҳои иҷтимоию меҳнатие, ки ба таъмини мутобиқати манфиатҳои кормандон, корфармоён ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ равона гардидаанд»[43] фаҳмида мешавад (моддаи 1 КМ ҶТ). Тарафҳои шарикии иҷтимоӣ дар заминаи принсипҳои баробарӣ ва мустақилияти тарафҳо фаъолият намуда, дар масъалаҳои идоракунӣ ва танзими соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ қарорҳои муштарак қабул мекунанд. Дар ин раванд ҳар як ҷониб - намояндагони кормандон, корфармоён ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ - манфиатҳои худро намояндагӣ ва ҳимоя менамояд. Зинаи аввалини шарикии иҷтимоӣ сатҳи ҷумҳуриявӣ буда, ба он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Тоҷикистон шомил мебошанд.

Ҳамингуна зинаҳои баъдии шарикии иҷтимоӣ дар сатҳи соҳавӣ ва минтақавӣ бо иштироки мақомоти давлатӣ, намояндагони кормандон ва корфармоён дар ин сатҳҳо амал мекунад. Мақомоти шарикии иҷтимоӣ дар идоракунии меҳнат, комиссияҳои сетарафа оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ маҳсуб мешаванд, ки тарафҳои шарикии иҷтимоӣ дар асоси созишномаҳои басташуда таъсис додаанд. Вазъи ҳуқуқии комиссияҳои сетарафа оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар моддаи 300 КМҶТ муқаррар карда шудааст. Ин комиссияҳо метавонанд дар ҳама сатҳҳо: сатҳи ҷумҳуриявӣ; сатҳи соҳавӣ; сатҳи минтақавӣ; сатҳи ташкилот аз ҳисоби намояндагони тарафҳои шарикии иҷтимоӣ дорои ваколатҳои зарурӣ таъсис дода шаванд. Дар сатҳи ҷумҳуриявӣ комиссияҳои сетарафа (ё дутарафа) ташкил мешаванд, ки мақоми мутобиқсозии манфиатҳои давлат ва ҷонибҳои муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро мекунанд. Ба ҳайати ин комиссияҳо намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мешаванд. Дар сатҳи соҳавӣ бошад, чунин комиссияҳо аз ҷониби тарафҳо таъсис ёфта, дар ҳайати онҳо намояндагони мақомоти дахлдори иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, кормандон ва корфармоён дохил карда мешаванд.

Зинаи дигаре, ки ин комиссияҳо ташкил мешаванд, сатҳи минтақавӣ мебошад, ки дар он комиссияҳо аз намояндагони ҳарсе ҷониб ташаккул меёбанд. Дар сатҳи ташкилот бошад, комиссияҳои дутарафа бо ҷалби намояндагони кормандон ва корфармоён оид ба танзим ва идоракунии муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, таҳия ва бастани шартномаҳои коллективӣ ташкил карда мешаванд. Ваколат ва вазифаҳои ин комиссияҳо дар Низомнома оид ба комиссияҳои сетарафа барои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд. Ба ваколатҳои асосии чунин комиссияҳо дар соҳаи идоракунии меҳнат дохил мешаванд: «1) назорати иҷрои муқаррароти созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ ва минтақавиро аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, намояндагони

иттифоқҳои касаба ва корфармоён; 2) таҳияи пешниҳодҳо оид ба боздошт ё бекор кардани амали қарорҳои мақомоти идораи давлатӣ, иттиҳодияхои касабавӣ ва корфармоён, инчунин корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилот, новобаста аз шакли моликият, ки бо имкони сар задани ихтилофоти коллективӣ алоқаманд мебошад; 3) манзури пешниҳодҳо дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони мансабдор ва дигар ашхосе, ки иҷрои аҳду паймони ҳосилгардида ва қарорҳои бобати амалӣ намудани ин аҳду паймонҳо қабулшударо таъмин накардаанд, ба вайронкунии тартиби баррасии баҳсҳои коллективи меҳнатӣ тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳ додаанд; 4) ҷалб намудани коршиносон ба ҳаллу фасли баҳсҳои (мунокишаҳои) коллективӣ; 5) талаби иттилои зарурӣ дар бораи вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо, соҳаҳо, корхонаҳо ва муассисаҳо барои ҳаллу фасли масъалаҳои бартарафсозии мухолифат оид ба созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ ва батанзимдарории баҳсҳои (мунокишаҳои) коллективии меҳнатӣ; 6) иштирок намудан дар гузаронидани ҷаласаҳои умумиҷумҳуриявӣ, конференсияҳо, конгрессҳо ва семинарҳо доир ба масъалаҳои муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва шарикии иҷтимоӣ» [69].

Ҳамчунин, кумитаҳои ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ ҳамчун мақоми дигар дар танзим ва идоракунии масъалаҳои шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнат нақши хеле муҳим доранд. Вазифаҳои ин кумитаҳоро моддаи 11 Қонуни ҶТ “Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ” муайян намудааст. Ин кумитаҳо ваколат доранд, ки масъалаҳои шуғли аҳолиро ҳар сол на камтар аз як маротиба ба баррасии Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо пешниҳод намояд. Тартиби ташкил ва фаъолияти ин кумитаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2009 № 129 муайян шудааст. Кумитаҳои мазкур чунин ваколатҳо доранд: «оид ба масъалаҳои рушди шуғли аҳолӣ ва сиёсат дар бозори меҳнат машварат доир менамоияд; маълумотро доир ба вазъ ва тамоюлҳо дар бозори меҳнат таҳлил менамояд; амалиёти мувофиқашударо оид ба масъалаҳои шуғл ва ҳифзи иҷтимоии

шаҳрвандон таҳия менамояд; барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолиро ба мувофиқа мерасонад; доир ба лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба шуғл дахлдошта ба мақомоти дахлдор бо тартиби муқарраргардида пешниҳодҳо ирсол менамояд; ташаббусҳоро дар омода намудани чорабиниҳои ба таъмини шуғли пурра, озодона интихобшуда ва самаранок равонагашта амалӣ менамояд; ташхиси лоиҳаҳои барномаҳои тараққиёти иҷтимоию иқтисодиро мегузаронад» [34]. Кумитаҳои мазкур дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ амал намуда, ба ҳайати онҳо намояндагони мақомоти давлатӣ, корфармоён, иттифоқҳои касаба ва ташкилоти давлатию хусусӣ, коршиносони соҳа шомил буда, доир ба идоракунии меҳнат ва танзими шуғли аҳолӣ дар ҳама сатҳҳо вобаста ба доираи ваколату вазифаҳояшон қарорҳо қабул менамоянд.

**Таҳқиқи ваколатҳои мақомоти давлатӣ ва шарикони иҷтимоӣ дар идоракунии меҳнат имкон медиҳад, чунин хулосаҳо бикунем:**

1. Низоми субъектҳои идоракунии давлатии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маҷмуи мақомоти давлатии дорои ваколатҳо ва салоҳиятҳо дар сатҳҳои гуногун иборат мебошад. Ваколатҳои мақомоти идоракунии меҳнат вобаста ба муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба идоракунии меҳнат дар сатҳҳои он ба аз ду гуруҳи асосӣ иборатанд: ваколатҳои дорои хусусияти ташкилӣ ва ваколатҳои дорои хусусияти назоратӣ-таъсиррасонӣ.

2. Муайян гардид, ки дар КМ ҶТ ваколатҳои мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар идоракунии меҳнат тақсимбандӣ нагардидааст, ки ба назари мо мушаххас намудани ваколатҳои ин мақомот дар КМ ҶТ ба мақсад мувофиқ аст. Зарур мешуморем, ки ба КМ ҶТ моддаи 12(1) дар ин бора ворид карда шавад (матни он дар тавсияҳои амалӣ оварда мешавад).

3. Дар низоми шарикии иҷтимоӣ комиссияҳо ва кумитаҳо ба ҳайси мақомоти шарикии иҷтимоӣ дар идоракунии меҳнат баромад мекунанд, ки онҳо аз ҷониби шарикони иҷтимоӣ дар асоси созишномаи генералӣ,

созишномаҳои соҳавӣ ва минтақавӣ ташкил шуда, вазифаҳо ва доираи фаъолияти онҳо бо ин санадҳо, муқаррар карда мешаванд.

### 3.2. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корфармоён ва намояндагони онҳо дар идоракунии меҳнат

Тавре ки дар зербоби 2-и боби 2-и диссертатсия зикр шудааст, идоракунии меҳнат дар сатҳи ташкилот тавассути маҷмӯи санадҳои меъёрии дохилӣ ва шартномаҳои коллективӣ танзим мегардад.

Зимнан, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корфармо дар идоракунии меҳнат аз лаҳзаи таъсиси ташкилот ба вуҷуд омада, бо барҳам хурдан ва аз байни рафтани ташкилот, пурра қатъ мегарданд. Чун қоида ташкилоти корфармо аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқи меҳнат қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкуниро ба даст меорад. Қоидаи мазкур ба корфармои дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ ва ҳам корфармо – шахси воқеӣ дахл дорад. Доир ба масъалаи мазкур муҳаққиқон ба ин назаранд, ки «агар хусусияти маҷмуии қобилияти ҳуқуқӣ-субъективии ташкилот, аз ҷумла, қобилияти амалкунии корфармоӣ ва хоҷагидории онро ба назар гирем, танҳо далели эътирофи давлатии он кофист, агар барои ин ба даст овардани мақоми шахси ҳуқуқӣ ҳатмӣ набошад» [190, с.61].

Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корфармо дар идоракунии меҳнат сохтори мураккаб дошта, бо назардошти вазъи ҳуқуқӣ, хусусиятҳои истеҳсолӣ ва молиявии корфармо ҳар вакт метавонанд тағйир ёбанд.

Маъмулан, намояндаи корфармо дар ташкилот роҳбари он маҳсуб мешавад, ки дорои мақоми ҳуқуқӣ-меҳнатӣ буда, аз ҷониби корфармо дар муносибатҳои меҳнатӣ иштирок менамояд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ мақоми ҳуқуқӣ-меҳнатии роҳбари ташкилот ҳамчун категорияи махсуси корманд аз мавқеъи ҳуқуқи меҳнат омӯзишу баррасӣ шуда, қайд мегардад, ки «фаъолияти директор илова бар қонунгузории меҳнат бо санадҳои меъёрии дохилии корфармо муайян мегардад» [156, с. 361].

Далелҳои ҳуқуқие, ки барои ба вуҷуд омадани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корфармо дар идоракунии меҳнат заруранд, дар қонунгузории меҳнат,

созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ ҳамчунин дигар санадҳои меъёрии дохилӣ дарҷ ёфтаанд.

Корфармо бо дастрасӣ ба ингуна далелҳо ҳуқуқҳои худро дар ин самт татбиқ намуда, мутаносибан уҳдадориҳоро низ иҷро мекунад. Масалан, корфармо ҳақ дорад санадеро оид ба муқаррар намудани меъёри меҳнат қабул намояд, аммо он бояд бо назардошти ақидаи мақомоти намояндагии кормандон тасдиқ шуда, кормандон низ бо муҳтавои он шинос карда шаванд (моддаи 19 КМ ҶТ). Шароити меҳнати кормандон танҳо пас аз таъсисёбии комиссияи дутарафа, гузаронидани музокироти коллективӣ ва имзои шартномаи коллективӣ муайян ва муқаррар карда мешавад (боби 29 КМ ҶТ).

Дар қиёс ба шартнома меҳнатӣ, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои дар он дарҷшуда дар заминаи изҳори иродаи тарафҳо пайдо мешавад, ҳуқуқу уҳдадориҳо дар идоракунии меҳнат баъзан дар заминаи хусусияти ҳатмӣ доштанашон пайдо мешаванд, мисол санади меъёрии ҳуқуқии дохилӣ, ки дар асоси дастур ё фармоиши мақомоти давлатӣ ба корфармо оид ба индексатсияи музди меҳнати кормандон қабул карда мешавад. Бо муқаррароти қонунгузорӣ метавонад ҳуқуқу уҳдадориҳои корфармо дар идоракунии меҳнат тағйир ёфта ҳаҷм ва андозаи онҳо каму зиёд гардад. Мисол, бо мавриди амал қарор гирифтани меъёрҳои қонунҳое, ки вазъи кормандонро дар қиёс ба муқаррароти санадҳои меъёрии дохилии ташкилот беҳтар менамоянд, корфармо уҳдадор аст санади дохилиро ба санади қонунгузорӣ мутобиқ намояд. Дар ин сурат ба санади локалии корфармо ва ё шартномаи коллективӣ тағйирот ворид мегардад, ки мутаносибан ҳаҷми ҳуқуқу уҳдадориҳои корфарморо тағйир медиҳад.

Бо барҳам хурдан ё азнавтаъсисёбии ташкилот ҳуқуқу уҳдадориҳои корфармо дар идоракунии меҳнат пурра қатъ карда мешавад. Ҳамчунин ҳолатҳое низ ҷой доранд, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои корфармо дар идоракунии меҳнат метавонад қисман қатъ карда шаванд. Яке аз чунин ҳолатҳо ин ба охир расидани муҳлати амали шартномаи коллективӣ ё санади меъёрии локалӣ ва ё беэътибор донистани санадҳои меъёрии дохилӣ аз ҷониби

мақомоти ваколатдори давлатӣ ва ё суд шуда метавонад. Зимнан бояд тазаккур дод, ки дар муқоиса ба шартномаи меҳнатӣ, ки ҳуқуқу уҳдадориҳо тибқи он метавонанд якҷониба бо ташаббуси корфармо ва ё корманд қатъ карда шаванд, бо ташаббуси корфармо ва яктарафа қатъ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳо дар идоракунии меҳнат имкон надорад.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқу уҳдадориҳо дар идоракунии меҳнат танҳо дар замина ва асосҳои дахлдор қатъ мегарданд. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои корфармоён дар идоракунии меҳнат дорои сохтори мураккаби ҳуқуқӣ буда, хусусияти доимию мунтаззам доранд. Ба вуҷуд омадан, тағйир ёфтан ва қатъ гардидани ин ҳуқуқу уҳдадориҳо ба якчанд далелҳои ҳуқуқӣ ва фаро расидани ҳодисаҳои дахлдор вобастаанд.

Маъмулан ваколатҳои корфармо дар идоракунии меҳнат дар сатҳи ташкилот ба ду гуруҳи асосӣ тақсим мешаванд: аввал, ин ваколатҳо ба ташкили низоми идоракунии меҳнат дахл доранд, ки дар бар мегиранд масъалаҳои ташкили сохтори мақомоти идоракунӣ ва воҳидҳои он, таҳияи дурнамои ҳайати кормандон ва муайян кардани шумораи онҳо, хароҷоти марбут ба нигоҳдории онҳо, муқаррар намудани реҷаи корӣ дар ташкилот, ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкорӣ бо коллективи меҳнатӣ ва мубодилаи иттилоот бо онҳо, истифодаи технологияи иттилоотӣ дар ташкили идоракунии меҳнат, иборат мебошанд; дуввум ваколатҳо барои ташкили шароити меҳнат, ки ба чунин масъалаҳо ташкили шароити ҷойи кори кормандон, баҳисобгирии вақти корӣ ва таъмини истироҳат, ташкили чораҳо барои ҳавасмандгардонии моддии меҳнат, меъёрбандии меҳнат, ташкили шароити мусоиди маишии меҳнат, таъмини ҳифз ва бехатарии меҳнат.

Дар аксар маврид ваколатҳои корфармо дар идоракунии меҳнат дар сатҳи ташкилот ба уҳдадориҳои корфармо дахл доранд. Мисоли он ки корфармо уҳдадор аст бехатарӣ ва шароити меҳнатро тибқи талаботи меъёрии давлатии ҳифзи меҳнат таъмин намояд (моддаҳои 331 КМ ҶТ); кормандонро бо таҷҳизот, асбобҳо, ҳуҷҷатҳои техникӣ ва дигар воситаҳои зарурӣ барои иҷрои вазифаҳои меҳнатӣ, таъмин намояд (қисми 2 моддаи 19,

моддаи 335 КМ ҶТ); мунтаззам вазъи саломатии корманд ва бехатарии шароити меҳнатро дар ҷои кор назорат кунад (моддаи 238 КМ ҶТ); реҷаи вақти корӣ ва вақти истироҳатро муқаррар намояд (бобҳои 6 ва 7 КМ ҶТ); низоми пардохти музди меҳнатро ташкил намояд (моддаи 139 КМ ҶТ); таъмини шароити муътадили меҳнатро барои иҷрои меъёри истеҳсолӣ ба роҳ монад (моддаи 138 КМ ҶТ).

Ҳуқуқҳои корфармо дар идоракунии меҳнат, аз ҷумла, ба кормандон додани дастурҳои ҳатмӣ дар доираи уҳдадориҳои меҳнатии онҳо; тасдиқ намудани қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнат; қабул ва ба иҷро даровардани санадҳои хусусияти ташкиливу маъмурӣ; иштирок дар таъсиси иттиҳодияҳои корфармоён ва шомил шудан ба онҳо; ташкил ва роҳбарӣ кардани шурҳо ва комиссияҳо, гузаронидани музокироти коллективӣ ва бастани шартномаҳои коллективӣ дахл доранд.

Ҳуқуқҳои корфармо мутаносибан ба уҳдадориҳои дахлдори ӯ дар идоракунии меҳнат мувофиқат мекунанд, ки инҳо иборатанд аз: пешниҳоди маълумоти пурра ва дақиқ ба кормандон, ки ба манфиатҳои онҳо дахл дошта бошад; фароҳам овардани шароити зарурӣ барои иштироки кормандон дар идоракунии меҳнат; гузаронидани машваратҳо бо намояндагони кормандон ва ба инобат гирифтани мавқеи онҳо оид ба масъалаҳои баррасишаванда; ва шинос намудани кормандон бо санадҳои меъёрии дохилии қабулшуда.

Бо созишномаҳои соҳавӣ ва минтақавӣ метавонад дар бораи уҳдадориҳои корфармоён дар идоракунии меҳнат муқаррароти дахлдор пешбинӣ карда шавад.

Ҳамингуна, ваколатҳои корфармо ба уҳдадориҳои кормандон низ оиди аз ҷониби кормандон риояи шудани қоидаҳои дохилии меҳнат ва интизоми меҳнат, низоми муқарраршудаи вақти корӣ ва истироҳат, қоидаҳои ҳифз ва бехатарии меҳнат ва муносибати хуб бо амволи корфармо, мувофиқат мекунанд.

Зарур аст мазмун ва мундариҷаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои асосии корфарморо дар идоракунии меҳнат ба таври муфассалтар баррасӣ намоем:

1. **Ташкили низоми идоракунии меҳнат**. Ташкили идоракунии меҳнат дар сатҳи ташкилот иборат аст: аз таъсис додан ва ба роҳ мондани фаъолияти мақомоти идоракунии корфарморо (директор, шури директорон, директори иҷроия ва ғ.), воҳидҳои сохтории он (шуъбаи кадрҳо, коргузорӣ, ҳуқуқ, муҳосибот, меъёрбандии меҳнат ва музди меҳнат, хадамоти ҳифзи меҳнат, сохтори назорати дохилӣ, бахши муҳофиза ва ғ.), мақомоти машваратӣ (шурои машваратӣ, комиссияҳо оид ба интизом, танзими анъана ва ҷашну маросимҳо, риояи забони давлатӣ, мубориза бо коррупсия, иттифоқи касаба), мусоидат ба фаъолияти мақомоти шарикии иҷтимоӣ, таъсиси комиссияҳо (баргузор намудани музокироти коллективӣ, ба тасвибрасонии шартномаи коллективӣ ва назорати иҷрои он) (боби 30 КМ ҶТ), кумитаҳо (комиссияҳо) оид ба ҳифзи меҳнат (моддаи 224 КМ ҶТ), комиссияи созиш оид ба баҳсҳои меҳнатӣ (моддаи 200 КМ ҶТ), тасдиқ намудани қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ (моддаи 59 КМ ҶТ) ва ғайраро дар бар мегирад.

Фаъолияти мақомоти идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ, сохтор ва ҳамоҳангсозии дохилии фаъолияти онҳо бо санадҳои меъёрии локалии корфармо, мисол бо ҷадвали воҳидҳои корӣ, низомномаҳо дар бораи воҳидҳои сохторӣ ва шартномаҳои коллективӣ танзим карда мешавад.

Фаъолияти идоравию ташкилии корфармо дар заминаи меъёрҳои қонунгузории меҳнат, санадҳои шарикии иҷтимоӣ, инчунин маҷмуи санадҳои меъёрии локалӣ (низомнома ва дастурҳои коргузорӣ, назоратӣ, санадҳои иттилоотӣ) танзим карда мешавад.

Дар адабиёти илмӣ танзими локалӣ ҳамчун «танзими мустақили фаъолияти иқтисодӣ ва масъалаҳои бевосита ба он алоқаманд, ки аз ҷониби худи субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ё аз ҷониби онҳо дар якҷоягӣ бо дигар субъектҳо (масалан, мақомоти намояндагии кормандон ё таҳсилкунандагон), пеш аз ҳама дар шакли санадҳои меъёрии ҳуқуқии локалӣ, дар асоси меъёри қонунгузории меҳнат, маъмурӣ, ҳуқуқӣ, варзишӣ, соҳаи маориф, иттилоотӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ амалӣ карда мешаванд»

[209, с.7], фаҳмида мешавад. Бояд зикр намуд, ки қонунгузорӣ бо додани имкони танзими локалии меҳнат пеш аз ҳама чунин ҳадаф: танзимнамоии меъёрии ҳуқуқи меҳнат ба хусусиятҳои истеҳсолии ташкилот мутобиқ гардонида шавад; ҳамзамон ҳуқуқҳои меҳнатии кормандон таъмин карда шаванд.

Ҳар як воҳиди сохтории корфармо дар низоми идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ вазифаҳои мушаххас дошта, фаъолияти он ҷузъи ин раванд маҳсуб мешавад. Масалан, шуъбаи кадрҳои ташкилот сиёсати кадрии ташкилотро амалӣ намуда, дар ҷустуҷӯ, интихоби кадрҳо, ҷобаҷогузории онҳо ва назорати интизоми меҳнат дар ташкилот фаъолият мекунад.

Муҳимтарин вазифаи ин сохтори корфармо мунтазам гузаронидани таҳлили вазъи таъминоти кадрӣ дар ташкилот аст, ки ба истилоҳи иқтисодӣ "аудити кадрҳо" дониста мешавад. Мутахассисони соҳаи иқтисоди меҳнат ва идоракунии меҳнат зарурати истифодаи "аудити кадрҳоро" дар сатҳи локалӣ таъкид менамоянд, ки зери ин мафҳум «низоми давра ба давра баргузор намудани чорабиниҳо оид ба ҷамъоварии иттилоот, таҳлили он ва арзёбии самаранокии фаъолият дар ташкили меҳнат ва танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ» [110, с. 40] фаҳмида мешавад. Ҳадафҳои асосии аудити кадрҳо аз «дарёфти мушкилот дар соҳаи идоракунии кадрҳо, таъмини мувофиқати стратегия ва сиёсати идоракунии кадрҳо ба ҳадафҳои стратегии ташкилот, ташаккули усулҳои самараноки идоракунии кадрҳо, таъмини самаранокии татбиқи онҳо, муайян кардани мувофиқати кӯшишҳо дар сатҳҳои стратегӣ ва функсионалии идоракунии кадрҳо, татбиқи банақшагирии дарозмуддати низоми идоракунии кадрҳо, баланд бардоштани самаранокии низоми иттилоотии воҳиди сохторӣ ва ғайра» [110, с. 40] иборат аст.

Хадамоти коргузории корфармо, гардиши ҳуҷҷатҳо, бақайдгирии онҳо, назорати иҷрои онҳо, ташаккул додани манбаи иттилоотӣ доир ба онҳоро ба зимма дорад. Шуъбаи меъёрбандии меҳнат ва ҳифзи меҳнат дар ташкилот бошад, вазифаҳои таҳияи меъёри меҳнати кормандон, таҳияи низоми

пардохти музди меҳнат, омодасозӣ ва татбиқи чорабиниҳои ҳифзи меҳнат, ташкил намудани дастурдиҳии кормандон оид ба ҳифзи меҳнат, таҳлилу омӯзиши вазъи бехатарии меҳнат дар ҷойҳои кориро ба зимма дорад.

**2. Муайян кардан ва ташкили шароити меҳнат.** Ҳуқуқу уҳдадориҳои корфармо дар ташкили шароити меҳнат аз низоми чорабиниҳо оид ба ташкили шароити техникии ҷои кор, вақти корӣ ва вақти истироҳат, пардохтҳои моддӣ ва ҳавасмандгардониҳои меҳнатӣ, меъёри меҳнат, шароити иҷтимоию маишии меҳнат, ҳифзи муҳити зист ва ҳифзи меҳнатро дар бар мегирад. Ҳеҷ раванди меҳнатро бидуни ташкили дурусти шароити ҷои кор тасаввур кардан мумкин нест. Зимнан, дар адабиёти ҳуқуқӣ зери мафҳуми «шароити кор» ин «низоми омилҳои муайянкунандаи қобилияти кории одам, хароҷот ва натиҷаҳои меҳнат» [152, с. 168] фаҳмида мешавад.

Ҷанбаи ҳуқуқии ташкили ҷои кор аз чораҳои хусусияти ташкилию техникидошта иборатанд: Аз ҷумла, таъмини корманд бо асбобҳои зарурӣ (аз ҷумла, таҷҳизоти асосӣ, ҳуҷҷатҳои техникӣ, воситаҳои нақлиёт, воситаҳои техникӣ, таҷҳизоти алоқа, воситаҳои амнияти иттилоотӣ ва дигар асбобҳо, фароҳам овардани фазои корӣ барои кормандон, муҷаҳҳаз сохтани утоқҳои гармидиҳӣ ва истироҳати онҳо, таҷҳиз намудани ҷойҳои махсуси корӣ барои таъмин намудани шахсони маъюб, ҷуброни истифодаи таҷҳизоти шахсии кормандон ва таъмини ҳифз ва бехатарии меҳнат, дар ҳолати коршоям нигоҳ доштани бинову иншоот, дастгоҳҳои корӣ, таҷҳизоти техникӣ ва дигар воситаҳои техникии истеҳсолӣ.

Муқаррарот оид ба ташкили ҷои кор дар КМ ҶТ (моддаҳои 18, 19, 24, 81, 340, 345, 346, 347, 348), санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои шарикии иҷтимоӣ [82] ва санадҳои меъёрии локалӣ мавҷуданд.

Танзими вақти корӣ ва истироҳат дар идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ нақши асосӣ дорад, ки он бо қабул намудани санадҳои меъёрии дохилии дахлдор танзим карда мешавад. Он чунин ҷузъҳоро дар бар мегирад, ба монанди давомнокии вақти корӣ (моддаи 74 КМ ҶТ), намудҳо ва давомнокии вақти истироҳат (моддаи 82 КМ ҶТ), намудҳо ва хусусиятҳои

вақти корӣ (вақти кории муътадил, кутоҳкардашуда ва нопурра) (моддаи 66 КМ ҶТ), баҳисобгирии якҷояи вақти корӣ (моддаи 78 КМ ҶТ).

Бобҳои 6 ва 7 КМ ҶТ ба танзими вақти корӣ ва вақти истироҳат бахшида шудаанд. Хусусиятҳои ташкили вақти корӣ ва вақти истироҳат барои гурӯҳҳои алоҳидаи кормандони соҳаҳои иқтисод илова ба муқаррароти КМ ҶТ инчунин бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии гуногун танзим карда мешаванд.

Ҳуқуқу уҳдадориҳои корфармо дар танзими музди меҳнат дар сатҳи локалӣ аз муқаррарсозии андозаи музди меҳнат дар асоси меъёри тарифӣ (музди меҳнат), ҷадвали тарифӣ, коэффитсиентҳои тарифӣ иборат мебошанд. Маъмулан музди меҳнати корманд аз ҳиссаҳои доимӣ ва тағйирёбанда иборат буда, қисми доимии онро музди меҳнати соатбайъ ё моҳонаи меъёри тарифӣ (маош) ташкил медиҳад. Ба ҳиссаи тағйирёбандаи он бошад, иловапулиҳо, мукофотпулиҳо, ҷубронпулиҳо марбутанд, ки андозаи онҳо аз натиҷаҳои мушаххаси кор ва аз сатҳи тахассус, собиқаи меҳнатӣ, натиҷаҳои фаъолияти солона, унвонҳои илмӣ ва мисли инҳо вобаста аст, инчунин мукофотпулиҳо, ки барои сифати баланди кор, барои иҷрои барзиёди нақша ҳисоб ва пардохт карда мешаванд. «Корфармо ҳуқуқ дорад, дар мувофиқа бо намояндагони кормандон низоми гуногуни мукофотонидан, ҳавасмандгардонии музднок ва иловапулиро муайян намояд» [43] (моддаи 149 КМ).

Шартҳо ва андозаи музди меҳнат, ҳамчунин иловапулиҳо ба музди меҳнати кормандони баъзе ташкилоте, ки аз буҷаи ҷумҳурӣ маблағгузорӣ мешаванд, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

Мисол, шароити пардохти кори соатбайъи кормандони корхонаҳо [66], муқаррар кардани иловапулӣ ба маъоши шахсони дорандаи унвони илмӣ ва ҷудо намудани маблағ барои баланд бардоштани андозаи ҳадди ақалли подоши хизматии эҷодкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон [71].

Ташкили меъёри меҳнат дар сатҳи локалӣ таҳияи меъёри меҳнат аз ҷониби корфарморо бо назардошти риояи талаботи зайл дар бар мегирад: «-сифати меъёри меҳнат, муносибсозии онҳо ба сарфи меҳнати зарурӣ; -муайян намудани меъёрҳо барои меҳнати якхела, ки дар шароити ташкилӣ ва техникии шабеҳ иҷро мегарданд; -такмили меъёри меҳнат дар асоси дастовардҳои илм ва техника; - бамеъёргирии намудҳои коре, ки барои онҳо муайян намудани меъёри меҳнат зарур ва мақсаднок мебошад; - аз нигоҳи техникӣ (илмӣ) асоснок будани меъёри меҳнат»[43] (моддаи 135 КМ ҶТ). Ҳуқуқу ухдадориҳои корфармо дар идоракунии ҳифзи меҳнат дар сатҳи локалӣ иборатанд аз: таъсис ва амалиёти низоми идоракунии ҳифзи меҳнат; 2) андешидани чораҳои мушаххас барои идоракунии хавфҳои касбӣ дар ҷойи кор, мониторинги мунтазам, муайян кардани хатарҳо, баҳодиҳӣ ва коҳиш додани сатҳи хавфҳои касбӣ; 3) ташкил ва гузаронидани омӯзиши кормандон оид ба қоидаҳои ҳифзи меҳнат (моддаи 214 КМ ҶТ); 4) гузаронидани муъоинаи тиббии категорияҳои алохидаи кормандон (моддаи 220 КМ ҶТ); 5) таъмини кормандон бо таҷҳизоти муҳофизати инфиродӣ (моддаи 221 КМ ҶТ); 6) таъмини кормандон бо шир ё дигар маҳсулоти хӯрокворӣ, ғизои табобатӣ ва профилактикӣ (моддаи 222 КМ ҶТ); (7) таъсиси хадамоти ҳифзи меҳнат [78] дар назди корфармо, кумитаҳо (комиссияҳо) оид ба ҳифзи меҳнат (моддаи 223 КМ ҶТ). Тадбирҳои дар боло зикршуда дар соҳаи ҳифзи меҳнат ба муқаррароти Конвенсияи № 155 ТБМ «Дар бораи бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат ва муҳити корӣ» асос ёфтаанд [7].

Кафолатҳои таъмин намудани шароити мусоиди меҳнат аз муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 35) [1] маншаъ гирифта, бо меъёрҳои дахлдори КМ ҶТ (бобҳои 35-38) ва «Қоидаҳои гузаронидани аттестатсияи ҷойҳои корӣ аз рӯи шароити меҳнат» [72] ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, муқаррароти созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилӣ (локалӣ) мушаххас карда шуда, дар амал татбиқ карда мешаванд. Бо назардошти ин кафолати конститутсионӣ тибқи қонунгузории меҳнати ҶТ корфармоён ухдадоранд, ки дар ташкилотҳо

комиссияҳо ва ё кумитаҳо ва комиссияҳо оид ба ҳифзи меҳнат таъсис диҳанд. Намояндагони корфармоён ва кормандон ба таври ҳатмӣ ба ин кумитаҳо ва кимиссияҳо шомил карда мешаванд. Тавассути ин кумитаҳо ва комиссияҳо корҳои муштараки корфармо ва кормандон барои таъмини талаботи ҳифзи меҳнат ба роҳ монда мешавад, ки ҳадафи асосии ин кумитаҳо ва комиссияҳо пешгирӣ намудан аз маҷруҳшавии кормандон дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ, санҷишу мониторинги вазъи шароит ва ҳифзи меҳнат дар ҷойи корӣ, пешниҳод намудани иттлооти воқеӣ ва дуруст ба кормандон аз натиҷаи корҳо, таҳия намудани бахши ҳифзи меҳнат дар шартномаи коллективӣ, иборат мебошад (моддаи 356 КМ ҶТ).

Кумитаи (комиссияи) ҳифзи меҳнат ҳамчун қисми таркибии низоми идоракунии ҳифзи меҳнати корфармо ва яке аз шаклҳои иштироки корманд дар идоракунии ҳифзи меҳнат маҳсуб мешавад. Ин кумитаҳо вазифадоранд, ки дар назорати шароити бехатарии меҳнат ва риояи талаботи ҳифзи меҳнат дар ҷойҳои корӣ иштирок намуда, истифодаи дурусти воситаҳои ҳифзи фардӣ ва коллективиро таъмин кунанд, ҳамчунин хавфҳои касбӣ ва вазъи ҳифзи меҳнат дар ташкилотро таҳқиқ ва баҳогузорӣ намоянд.

Корфармоён ҳамчунин дар татбиқи сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ иштирок намуда, дар ин самт ҳуқуқу уҳдадориҳои мушаххас доранд. Шаклҳои иштироки корфармоёнро дар ин самт моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» муайян намудааст. Аз ҷумла, корфармоёне, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, бо истифода аз воситаҳои гуногун ба амалӣ шудани сиёсати давлатии шуғл мусоидат менамоянд.

Корфармоён уҳдадоранд, ки дар бораи муфлисшавии ташкилот, чораҳои тавонбахшии касбӣ ва таъмини шуғли шахсони маъюб, оид ба ҷойҳои холии корӣ ва теъдоди воқеъии кормандонашон ба мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ маълумот пешниҳод намоянд. Дар баробари ин, корфармоён ҳуқуқ доранд дар бораи талаботи бозори меҳнат аз мақомоти меҳнат ва шуғлӣ аҳолӣ маълумоти ройгонро дастрас намоянд, инчунин аз болои

мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба мақомоти болоии он ва ё ба суд бо тартиби муқарраршуда шикоят намояд.

Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корфармо дар доираи муносибатҳои меҳнатӣ аз ҷониби мақомоти роҳбарикунандаи шахси ҳуқуқӣ (ташкилот) ё намояндагони ваколатдори корфармо ба иҷро дароварда мешаванд. Намояндаи ваколатдори корфармо шахсе мебошад, ки «роҳбари (муовинони ӯ) ташкилот (воҳиди таркибӣ) ё корманди дигаре, ки Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё корфармо ба ӯ ҳуқуқи қабули қарорҳоро, ки аз муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо алоқаманд бармеоянд, додааст»[43] (моддаи 1 КМ ҶТ).

Қонунгузории амалкунанда барои татбиқи ваколатҳо ва вазифаҳои идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ ҷавобгарии ҳуқуқиро муайян намудааст. Маъмултарини онҳо ҷавобгарии интизомӣ, (сарзаниш, танбеҳ, аз вазифа озод кардани шахси мансабдор), ҷавобгарии маъмурӣ (ҷаримаи маъмурӣ, огоҳӣ), ҷавобгарии пурраи моливӣ ва ҷавобгарии ҷиноятии шахсони мансабдоре мебошад, ки вазифаҳои ташкилӣ, идоракунӣ ва маъмурию хоҷагиро иҷро мекунанд.

Навъҳои зикршудаи ҷавобгарии ҳуқуқиро, ки ба идоракунии меҳнат хоссанд, муфассалтар дида мебароем.

1. Ҷавобгарии интизомии кормандоне, ки талаботи бехатарӣ ва ҳифзи меҳнатро вайрон мекунанд дар моддаи 347 КМ ҶТ пешбинӣ шудааст. Ин муқаррарот ҳам ба шахсоне, ки вазифаҳои ташкилӣ, роҳбарӣ ва маъмурӣ-иқтисодиро иҷро мекунанд ва ҳам бевосита ба кормандон дахл дорад. Дар сурати ошкор шудани чунин вайронкунӣ корфармо уҳдадор аст, кормандро аз кор дур кунад ва ба ҷавобгарии интизомӣ кашад.

Мутобиқи моддаи 357 КМ ҶТ «иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони кормандон ҳуқуқ доранд ба корфармо оид ба бартараф намудани вайронкуниҳои ошкоршудаи талаботи ҳифзи меҳнат таклифҳои баррасиашон ҳатмӣ пешниҳод намоянд» [43]. Ҳамзамон, тибқи моддаи 348 Кодекси меҳнатии ҶТ, корфармо вазифадор аст пешниҳоди мазкурро баррасӣ

намуда, чораҳои зарурiро андешад. Дар сурати муайян гардидани вайронкунии талаботи ҳифзи меҳнат, корфармо вазифадор аст нисбат ба роҳбари ташкилот, роҳбари воҳиди сохтории он ва муовинони онҳо чораҳои интизомӣ, аз ҷумла, озод намудан аз корро татбиқ кунад.

Ҳамзамон тибқи моддаи 348 КМ ҶТ корфармо уҳдадор аст, ки пешниҳоди мазкурро баррасӣ ва чораҷӯӣ намояд. Дар сурати тасдиқ шудани ҳолати вайронкунииии талаботи ҳифзи меҳнат корфармо уҳдадор аст нисбат ба роҳбари ташкилот, роҳбари воҳиди сохтории ташкилот, муовинони онҳо ҷазои интизомӣ, аз ҷумла, аз кор озод карданро татбиқ намояд.

Тавре ки таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, бо дархости мақомоти намояндагии кормандон тибқи моддаи мазкур баррась намудани парвандаҳо дар бораи ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани роҳбарони ташкилот, воҳидҳои сохторӣ (муовинони онҳо) аз ҷониби судҳо ниҳоят кам  ба мушоҳида мерасад.

Мувофиқи моддаи 329 КМ ҶТ назорати давлатии риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи меҳнат ба зиммаи мақомоти ваколатдори давлатӣ гузошта шудааст. Чунин мақомоти назоратӣ айни замон Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат мебошад, ки кормандони ин Хадамот ҳангоми амалӣ намудани назорати давлатӣ ҳуқуқҳои хеле зиёд доранд. Онҳо метавонанд ба корфармоён ва намояндагони онҳо дастурҳои ҳатмӣ диҳанд то корфармоён  вайронкунии қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар муҳлати дар дастурҳо нишон додашуда бартараф ва ҳуқуқҳои поймолшудаи кормандонро барқарор намоянд. Корфармоён дар муҳлати муқарраршуда аз натиҷаи иҷрои дастури Хадамот аз ҷумла, оид ба ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳкор, аз вазифа озод кардани онҳо, ки дар дастури Хадамот талаб карда шудааст, маълумот пешниҳод намоянд. Чунин уҳдадории корфармоёнро нисбати дастурҳои Хадамоти мазкур, ки барои риояи талаботи ҳифзи меҳнат пешниҳод шудаанд, моддаи 348 КМ ҶТ  пешбинӣ намудааст.

Ҳамин тариқ, агар ба корфармо дар бораи бартараф кардани вайронкунии ошкоршуда дастур дода шавад, Хадамоти назорати давлатии меҳнат метавонад аз корфармо талаб намояд, ки шахси мансабдори гунаҳкорро (ки аксаран роҳбари ташкилот мебошад) барои ин ҳуқуқвайронкунӣ ба ҷавобгарии интизомӣ кашад. Дар амал Хадамоти назорати давлатии меҳнат одатан муайян намекунад, ки шахси мансабдори дахлдор ба кадом намуди ҷавобгарии интизомӣ кашида шавад (сарзаниш, танбеҳ, аз кор озод кардан).

Корфармо метавонад дар асоси моддаи 42 КМ ҶТ, ки бекор кардани шартномаи меҳнатиро бинобар сабабҳои «аз тарафи роҳбари мақомоти иҷроияи корфармо, муовини ӯ ва ё роҳбари сохтори корфармо вайрон намудани уҳдадориҳои меҳнатӣ, ки боиси расонидани зарари моддӣ ба корфармо гардидааст» [43] ва «вайронкунии дағалонаи якдафъаинаи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби роҳбари ташкилот (воҳидҳои алоҳидаи он) ва муовини ӯ» [43] (сархатҳои 11 ва 16 қисми 2) пешбинӣ менамояд, нисбати шахсони мансабдори ташкилот ҷавобгарии интизомиро дар намуди аз кор озод намудан татбиқ намояд.

Мутобиқи банди 35 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 ноябри соли 2021, №1 «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани меъёри қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ҳангоми баррасии баҳсҳои меҳнатии фардӣ», «таҳти мафҳуми вайронкунии дағалонаи якдафъаинаи қонунгузории меҳнат, аз ҷумла, занони ҳомиларо ба кори шабона, кор дар рӯзҳои истироҳат ва рӯзҳои иду ҷашнҳои ғайрикорӣ, изофакорӣ ҷалб намудан, ба сафари хизматӣ фиристонидан, инчунин онҳоро аз рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда бозхонд намудан, дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарноку хатарнок, истифодаи меҳнати кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида, инчунин дар корҳое, ки анҷом ба саломатӣ ва рушди маънавии онҳо зарар мерасонад, аз ҷониби роҳбари ташкилот (воҳидҳои алоҳидаи он) ва муовинони онҳо иҷро накардани уҳдадориҳои меҳнатӣ, ки ба шахсони мазкур бо шартномаи

меҳнатӣ вогузор карда шуда, боъиси расонидани зарар ба саломатии кормандон ва ё расонидани зарари моддӣ ба ташкилот гардидааст, фаҳмида мешавад. Ҳамзамон уҳдадории исботи воқеан ҷой доштани чунин вайронкунӣ ва хусусияти дағалона доштани он ба зиммаи корфармо вогузор мешавад» [88].

Ҳамин тариқ, агар корфармо муайян кунад, ки роҳбари ташкилот дағалона вайрон кардани уҳдадориҳои меҳнатиро содир кардааст, роҳбари ташкилот метавонад мутобиқи сархатти 16, қисми 1, моддаи 42 КМ ҶТдар дар намуди аз кор озод шудан ба ҷавобгарии интизомӣ кашида шавад.

2. Моддаи 196 КМ ҶТ муқаррар намудааст, ки зарари ба ташкилоти давлатӣ бо сабаби хунукназарии роҳбари он расида, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ҷуброн карда мешавад. Дар бораи аз роҳбари ташкилоти давлатӣ ситонидани ҷуброни зарар мақоме, ки молики ташкилот аст, тасмим мегирад. Ҳамчунин молик метавонад ҷуброни зарарро аз роҳбар бо тариқи судӣ талаб намояд. Ҳисоб кардани товони зарар, ки таҳти ин истилоҳ «зарари воқеъӣ ва фоидаи аз дастрафта» фаҳмида мешавад, тибқи қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузории маданӣ анҷом дода мешавад.

3. Ҷавобгарии маъмурӣ ҳифзи муносибатҳоеро, ки дар доираи аксари институтҳои ҳуқуқи меҳнат рушд меёбанд, таъмин менамояд, ки ин ба зарурати таъмини татбиқи дурусти меъёри қонунгузории меҳнат вобаста аст. Ҳамин тариқ, муқаррароти моддаҳои 133 ва 135 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон [44] ҷавобгарии маъмурии шахсони ҳуқуқӣ ва мансабдорро барои риояи накардани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ пешбинӣ мекунад. Ба шумораи шахсони мансабдоре, ки мутобиқи моддаҳои 133 ва 135 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд, бояд шахсонеро дар бар гиранд, ки дар робита ба иҷро накардан ё ба таври номатлуб иҷро кардани вазифаҳои ташкилӣ ё маъмурии ба онҳо гузошташуда ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир кардаанд.

4. Ҷавобгариҳои ҷиноятӣ дар соҳаи меҳнат бо ҳадафи ҳифзи ҳуқуқҳо муқаррар гардида, ҳуқуқу манфиатҳои муҳими соҳаи меҳнатро аз кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок муҳофизат менамоянд. Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои зайли ҷавобгарии ҷиноятиро дар ин самт муқаррар кардааст: 1) «барои вайрон кардани қонунҳои меҳнат: ғайриқонунӣ аз кор озод кардани шахс, иҷро накардани қарори суд дар хусуси ба ҷои кори пештара барқарор кардан, ҳамчунин дигар ҳаракатҳои қасдан ва моҳиятан вайронкунии қонунҳои меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 153 КҶ ҶТ); 2) барои напардохтани музди меҳнат, нафақа, стипендия, ёрдампулӣ ё дигар пардохтҳо: аз ҷониби корфармо, роҳбари корхона, муассиса ё ташкилот новобаста аз шакли моликияташон зиёда аз ду моҳ напардохтани музди меҳнат, нафақа, стипендия, ёрдампулӣ ё дигар пардохтҳои бо қонун муқаррааргардида, агар ин кирдор бо ғараз ё дигар манфиатҳои шахсӣ содир шуда бошад (моддаи 153 (1) КҶ ҶТ); 3) барои вайрон кардани қоидаҳои муҳофизати меҳнат: вайрон кардани қоидаҳои техникаи бехатарӣ ё дигар қоидаҳои ҳифзи меҳнат аз ҷониби шахсе, ки ба риояи кардани он масъул мебошад, агар он аз беэҳтиётӣ боиси расонидани зарари вазнин ё миёна ба саломатӣ ё бемории касбӣ гашта бошад (моддаи 154 КҶ ҶТ)» [45].

**Бар пояи таҳлил ва омӯзиши ҳуқуқу ухдадориҳои корфармоён ва намояндагони онҳо дар самти идоракунии меҳнат, хулоса ва пешниҳодҳои зерин ба миён гузошта мешаванд:**

1. Ҳамин тариқ, корфармо ҳамчун субъекти калидии идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ баромад намуда, дорои маҷмӯи ҳуқуқу уҳдадориҳои зарурӣ барои анҷом додани ин фаъолият мебошад ва роҳбарӣ, ҳамоҳангсозӣ ва назорати фаъолияти воҳидҳои сохторӣ ва шахсони мансабдор, амалӣ намуда, таҳия ва қабули қарорҳои ҳатмии роҳбарикунанда, санадҳои ташкилию маъмуриро ба роҳ мемонад, ба иҷрокунандагони масъул таъсир мерасонад. Корфармо ҳамчун субъекти идоракунии меҳнат дар идоракунии меҳнат дар сатҳи ташкилот нақши асосӣ дошта, аз доираи васеъи ҳуқуқу ваколатҳои идоракунӣ бархурдор аст. Вобаста ба доираи ин ваколатҳо,

қонунгузорӣ ба корфармо дар идоракунии меҳнат масъулияту ҷавобгариҳои ҳуқуқӣ аз ҷумла, интизомӣ, моддӣ, маъмурӣ ва ҷиноятиро пешбинӣ менамояд. Ин ҷавобгариҳо ба шахсони ваколатдори корфармо дар сурати иҷро накардан ё иҷрои нодурусти вазифаҳои хизматӣ ва ё суистифода аз мақоми хизматӣ, татбиқ мешаванд.

2. Маълум гардид, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корфармо дар идоракунии меҳнат аз ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ӯ тибқи шартномаи меҳнатӣ фарқ дошта, дар заминаи мавҷудияти якчанд далелҳои ҳуқуқӣ пайдо мешаванд, амал мекунанд ва қатъ мегарданд. Қисме аз онҳо ба баргузор намудани машварат бо намояндагони кормандон, гирифтани ризояти онҳо ва қисми дигар бо бастани шартномаи коллективӣ вобастаанд. Уҳдадориҳои корфармо барои қабули қисме аз қарорҳо доир ба идоракунии меҳнат ҳатмӣ буда, аз талаботи меъёри КМ ҶТ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ бармеояд, қисми аз чунин қарорҳои корфармо ба далели ба вуҷуд омадани ҳолатҳои муайян дар раванди меҳнат вобаста мебошанд.

### 3.3. Аҳаммияти иштироки кормандон, иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони онҳо дар идоракунии меҳнат: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ташкилӣ

Иштироки кормандон ва намояндагони онҳо дар идоракунии меҳнат яке аз шартҳои муҳимми татбиқи принсипи шарикии иҷтимоӣ дар ҳуқуқи байналмилалии меҳнат маҳсуб мешаванд. Ин ҳуқуқ дар як қатор санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, аз ҷумла санадҳои қабулнамудаи ТБМ пешбинӣ шудаанд [11, 22, 23, 24].

Масъалаҳои иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот аз ҷониби як қатор олимони Федератсияи Россия мавриди омӯзиш қарор дода шудааст [109;116; 117; 122; 127; 129; 137; 143; 154; 157; 198; 199], ки барои таҳқиқоти мазкур аҳаммияти муҳимми назариявӣ доранд. Дар таҳқиқи масъалаи мазкур муҳаққиқон ба ин назаранд, ки муносибатҳои идоракунии меҳнат дар раванди меҳнат нақши муҳим доранд. Қайд мегардад ки: «дар баробари унсури асосии ин низоми муносибатҳо - муносибатҳои меҳнатӣ, муносибатҳои ташкилию идоракунӣ низ нақши асосӣ мебозанд. Дар

баробари ин, дар аксар ҷанбаҳои танзими ҳуқуқии меҳнати кироя онҳо бо муносибатҳои меҳнатӣ мепайвандад, ба онҳо таъсир расонида, мазмуни онҳоро дар бисёр ҷанбаҳо муайян мекунанд» [187, с.9].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои иштироки кормандон дар идоракунии меҳнат таҳқиқ нашудаанд ва айни замон вазъи татбиқи ҳуқуқҳои кормандон ҳамчун субъекти коллективӣ дар идоракунии меҳнат омӯзиши пурраро талаб мекунад.  КМ ҶТ ҳуқуқҳои кормандонро дар идоракунии меҳнат дар сатҳи ташкилот мустақиман пешбинӣ накардааст.

Мутобиқи қисми 1 моддаи  289 КМ ҶТ «тамоми кормандони ташкилот коллективи меҳнатиро ташкил медиҳанд» [43]. Дар баъзе аз моддаҳои КМ ҶТ истилоҳи "коллективи кормандон" низ истифода мешавад, ки синоними истилоҳи "коллективи меҳнатӣ" аст. Қабл аз ҳама мавҷуд набудани мафҳуми корманд ҳамчун субъекти коллективии идоракунии меҳнат дар қонунгузории меҳнати ҶТ қобили таваҷҷуҳ аст, сарфи назар аз он, ки ин субъект воқеан ҳам дар қонунгузории меҳнат арзи вуҷуд дорад. Масалан, дар моддаи 308 -и КМ ҶТ ҳуқуқи иштироки мустақими корманд дар муҳокима ва бастани шартномаи коллективӣ тавассути гузаронидани маҷлиси умумӣ ва бо роҳи овоздиҳии пинҳонӣ муайян карда мешавад, ки дар асоси он кормандон намояндаи худро интихоб менамоянд, то аз номи онҳо бо корфармо музокирот анҷом дода, шартномаи коллективӣ ба имзо расонад.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 318 КМ ҶТ ҳангоми баррасии баҳсҳои меҳнатии коллективӣ барои пешниҳоди талабот ба корфармо кормандон ва намояндагони онҳо ҳуқуқ доранд. Тибқи қисми 2 моддаи 323 КМ ҶТ дар маҷлиси намояндагони кормандон дар бораи корпартоӣ метавонад бо овоздиҳии пинҳонӣ қарор қабул карда шавад.

Дар айни замон, ба ҳуқуқҳои кормандон ҳамчун субъекти коллективӣ, ғайр аз ҳолатҳои зикршуда, ҳамчунин ҳуқуқ дар идоракунии меҳнат тавассути гирифтани маълумот аз корфармо оид ба шароити меҳнат ва ҳифзи меҳнат,  ки бевосита ба манфиатҳои онҳо дахл доранд (моддаҳои 18 ва 332 КМ ҶТ) мансубанд.

Солҳои охир дар таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ивазшавии мафҳуми “**коллективи меҳнатӣ**” ба мафҳуми “**кормандон**” ба мушоҳида мерасад. Ин масъала диққати олимони соҳаи меҳнатро ба худ ҷалб намуда, боиси муҳокимаҳо гардидааст. Баъзе олимон ба он назаранд, ки мафҳуми «коллективи меҳнатӣ» бо истилоҳи норавшани «кормандон» иваз карда шудааст, сарфи назар аз он ки дар амалия коллективҳо «вуҷуд доранд ва баъзан қотеъона ва бо овози баланд аз худ дарак медиҳанд» [142, с. 180]. Олимони рус ба ин назаранд, ки аз қонунгузории меҳнати Федератсияи Россия хориҷ кардани мафҳуми коллективи меҳнатӣ беасос аст, зеро чунин тағйирот «бе назардошти тафаккури ташаккулёфта дар муносибатҳои меҳнатӣ, ки бо идеологияи коллективизм алоқаманд аст, қабул шудааст ва коллективи меҳнатӣ ҳамчун субъекти коллективии ҳуқуқи меҳнат амалан тамоми хусусиятҳои сохтори мустақилро нигоҳ доштааст» [121, с. 335-337].

Баракси ин, дар КМ ҶТ мафҳуми “коллективи меҳнатӣ” нигоҳ дошта шудааст ва ба назари ин комилан дуруст аст. Зеро ду категорияи асосии ҳуқуқ ба меҳнат: ҳуқуқи коллективии меҳнат ва ҳуқуқи инфиродии меҳнат мавҷуд аст. Ҳуқуқи коллективии меҳнат хусусияти ҷомеавӣ дошта, муносибатҳои ҳуқуқии байни гуруҳи корманд, корфармоён ва иттифоқҳои касабаро ба танзим медарорад. Ҳуқуқи инфиродии меҳнат бошад, ҳуқуқи кормандонро барои кор ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ (шартномаи меҳнатии инфиродӣ) муқаррар мекунад. Аз ин бармеояд, ки коллективи меҳнатӣ ба ҳайси субъекти алоҳидаи муносибатҳои меҳнатӣ баромад мекунад.

Назари мазкурро аксари муҳаққиқони соҳа дастгирӣ менамоянд ва таъкид мегардад, ки «коллективи меҳнатӣ субъекти ҳуқуқи меҳнат боқӣ монда, иттиҳоди шаҳрвандонеро дар бар мегирад, ки бо кори худ дар асоси шартномаи меҳнатӣ дар фаъолияти ташкилот иштирок мекунанд» [150, с. 97-102]. Илова бар ин, мафҳуми «коллективи меҳнатии» касбҳои алоҳида дар Конвенсияи ТБМ № 149 «Дар бораи шуғл, шароити кор ва зиндагии

кормандони ҳамшира» [11] ва Тавсияномаи ТБМ № 129 «Дар бораи муносибатҳои байни роҳбарият ва коргарон дар корхона» [20] зикр ёфтааст.

Аммо, ақидаи мухолиф низ мавҷуд аст, ки мувофиқи он дар айни замон барои ба сифати субъекти ҳуқуқи меҳнат донистани коллективи кормандон шароиту заминаҳои моддию расмии ҳуқуқӣ мавҷуд нестанд, зеро коллективи кормандон «маҷмуъи оддии кормандоне мебошад, ки ҳар яки онҳо бо корфармо шартномаи меҳнатӣ бастаанд ва ҳадафи муттаҳид шуданро ба коллектив нагузоштаанд. Чунин ҷомеъа на танҳо бо мавҷуд набудани сохтори ташкилӣ ва мақомоти идоракунӣ, балки бо ноустувории ҳайати доимии он низ тавсиф мешавад, ки дар натиҷа коллектив наметавонад уҳдадориҳои ҳуқуқӣ ба дӯш гирад ва қобилияти аксуламалро надорад» [151, с.100].

Бо ин ақида розӣ шудан мумкин нест, зеро бахусус қонунгузории меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми “коллективи меҳнатӣ”-ро дарбар мегирад ва мақоми ҳуқуқии онро муқаррар мекунад. Аммо, тавре ки дар боло зикр гардид, қонун ба кормандон низ ҳуқуқҳои муайян медиҳад (бо моддаҳои 18 ва 332 КМ ҶТ ва ғайра муқаррар карда шудааст), чунин мақомоти роҳбарикунандаи кормандонро ҳамчун маҷлиси умумӣ ё конференсия пешбинӣ мекунад. Инчунин, ба аломатҳои субъекти мустақил амалӣ гардондани фаъолияти меҳнатӣ дар доираи як ташкилот, тобеъият ба мақомоти роҳбарикунандаи умумӣ, мавҷуд будани қоидаҳои умумӣ ва интизоми меҳнат дохил мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки муносибатҳои идоракунии меҳнат ҳам хусусияти фардӣ ва ҳам коллективӣ доранд. Ба сифати субъекти муносибатҳои инфиродии идоракунии меҳнат худи корманд баромад намуда, чунин муносибатҳо ҳангоми қабули санади корфармо, аз ҷониби корманд татбиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, иҷро намудани талаботи мақомоти ваколатдори давлатӣ, ҳангоми татбиқ намудани чораҳои интизомӣ ва ҳавасмандгардонии корманд ба миён меояд.

Кормандон дар муносибатҳои идоракунии меҳнат тавассути татбиқи ҳуқуқҳои коллективии меҳнатиашон ширкат мекунанд. Иштироки кормандон дар идоракунии меҳнат асосан дар амалисозии ҳуқуқашон барои интихоби намояндагонашон (ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба ё дигар мақоми намояндагӣ) тавассути маҷлиси умумии коллективи меҳнатӣ амалӣ мегардад. Мисол, ҳуқуқ доранд аз корфармо маълумотҳое, ки ба манфиатҳои онҳо дахл доранд талаб намоянд, ба корфармо бо мақсади беҳтарсозии шароити меҳнат таклифҳо пешниҳод намоянд ва дар ҳолатҳои ба мувофиқа нарасидани масъалаҳо корпартоӣ эълон кунанд.

Ҳарчанд, қонунгузории амалкунандаи ҶТ, тавре ки зикр гардид, ҳолатҳои мушаххаси иштироки кормандонро дар идоракунии меҳнат пешбинӣ накардааст, аммо КМ ҶТ чунин ҳолатҳоро истисно намекунад ва танзими онҳоро ба шартномаҳои коллективӣ ва шартномаҳои меҳнатӣ ҳавола намудааст. Мисол, қисми 4 моддаи 12 КМ ҶТ муқаррар намудааст, ки агар дар раванди меҳнат масъалаҳое пайдо шаванд, ки онҳо бо КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим нашуданд, тарафҳо метавонанд онҳоро бо созишномаҳо, шартномаҳои коллективӣ ё бо шартномаҳои меҳнатӣ танзим кунанд. Агар тарафҳо дар ин гуна ҳолатҳо ба созиш нарасанд, он гоҳ масъала тибқи тартиби муқарраршуда тавассути баҳсҳои фардӣ ва ё баҳсҳои меҳнатии коллективӣ ҳал карда мешавад. Меъёри мазкур ба муносибатҳои марбут ба идоракунии меҳнат низ татбиқ мегардад. Дар ин маврид қонунгузор ҳам шакли танзими коллективӣ - тавассути шартномаи коллективӣ ва ҳам шакли танзими инфиродӣ - тавассути шартномаи меҳнатиро пешбинӣ кардааст.

Аз ин бармеояд, ки ҳуқуқи иштироки кормандон дар идоракунии меҳнат метавонад бевосита ба таври инфиродӣ ва ё тавассути коллективи меҳнатӣ амалӣ карда шавад.

Дар идома дар сархати қисми 1 моддаи 18 КМ ҶТ пешбинӣ мешавад, ки корманд «ба иштирок дар идоракунии ташкилот дар шаклҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур, дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии

Тоҷикистон, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ ҳуқуқ дорад» [43]. Мутаассифона, меъёри мазкур беамал боқӣ мондааст, зеро дар КМ ҶТ меъёрҳо доир ба “шаклҳои иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот” пешбинӣ нашудаанд. Инчунин, дар созишномаҳо ва шартномаҳои коллективии аз ҷониби мо таҳлилшуда, ягон меъёр доир ба шарту шароити иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот вонамехурад. Чунин хулоса бармеояд, ки КМ ҶТ масъалаи мазкурро то охир ба танзим надаровардааст. Муқаррар нагардидани шаклҳо ва воситаҳои татбиқи ин ҳуқуқи кормандон ва мавҷуд набудани меъёри ҳатмию уҳдадоркунандаи корфармоён барои ташкили шароити мусоъид ҷиҳати иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот омилҳои асосии дар амал татбиқ наёфтани ин ҳуқуқи кормандон гардидааст. Гарчанде ҳуқуқҳои кормандон ва коллективи меҳнатӣ дар ташкилот ҳамчун субъекти муносибатҳои вобастаи меҳнат, аз ҷумла, дар робита ба идоракунии меҳнат дар ташкилот дар якчанд моддаҳои КМ ҶТ дарҷ ёфтаанд. Мисоли он, ки тибқи қисми 1 моддаи 18 КМ ҶТ корманд ҳуқуқ дорад «аз корфармо иҷрои шартҳои шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективиро талаб кунад, аз ҷумла, барои муҳайё намудани кори мувофиқ барои хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ дар асоси квотаҳои давлатӣ, роҳхатти ташкилот, бо дархости ташкилот, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва муассисаҳои таълимӣ ба кор омадаанд; ба гирифтани иттилооти пурра ва дуруст оид ба шароити меҳнат ва ҳифзи меҳнат (сархатти сеюм); ба воситаи мақомоти намояндагии худ дар гуфтушунидҳои коллективона ва таҳияи лоиҳаи шартномаи коллективӣ иштирок намояд, инчунин бо шартномаи коллективии имзошуда шинос шавад» [43].

Дар танзими ҳуқуқии иштироки кормандон дар идоракунии меҳнат тавассути коллективи меҳнатӣ низ мушкилот ҷой дорад. Тибқи меъёри қисми 2 моддаи 289 КМ ҶТ «ҳуқуқ ва уҳдадориҳои коллективи меҳнатӣ, тартиб ва шакли татбиқи онҳоро санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии

ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ, оинномаи (низомномаи) ташкилот муайян мекунанд» [43]. Боби 29 КМ ҶТ, ки таҳти унвони «Коллективи меҳнатӣ ва шарикии иҷтимоӣ» дарҷ гардидааст, доираи ҳуқуқҳои коллективи меҳнатиро пешбинӣ намуда, онҳоро дар баргузории музокирот, инчунин иштирок дар таҳия ва бастани шартномаи коллективӣ муқаррар менамояд. Аз ин бармеояд, ки василаи асосии татбиқи ҳуқуқҳои коллективи меҳнатӣ барои иштирок дар идоракунии меҳнат танҳо тавассути шартномаи коллективӣ имконпазир аст. Дар амалия, тавре ки зикр намудем дар шартномаҳои коллективӣ чунин муқаррарот пешбинӣ нашудааст. Саволе ба миён меояд, ки муқаррароти моддаи 18 КМ ҶТ дар хусуси ҳуқуқи кормандон барои иштирок дар идоракунии ташкилот бо кадом санад бояд мушаххас шавад ва кафолати таъмини шароит барои татбиқи ин ҳуқуқ чи гуна бояд таъмин карда шавад?

Ба назари мо қонунгузор мебояд механизми татбиқи ҳуқуқи кормандон ва коллективи меҳнатиро барои иштирок дар идоракунии меҳнат дар ташкилот равшантар мураттаб месохт. Дар ин замина зарурати ворид намудани боби нави махсус ба КМ ҶТ таҳти унвони «Иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот» ба миён меояд, то механизми амалисозии ин ҳуқуқи кормандон ва инчунин уҳдадориҳои корфармо оид ба фароҳам овардани шароити мусоид барои татбиқи он ба таври мушаххас муайян карда шаванд.

2. Ҳуқуқҳои иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони кормандон дар идоракунии меҳнат. Заминаҳои асосии меъёрии танзимкунандаи иштироки иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагии кормандон дар муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба идоракунии меҳнат муқаррароти моддаҳои 8 ва 28 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, принсипҳо ва меъёри аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ [3; 8; 12; 15; 16] мебошанд.

Мақоми ҳуқуқии иттифоқҳои касаба, ҳуқуқ ва кафолатҳои фаъолияти онҳоро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба» аз 2 августи соли 2011, № 757 [35] танзим менамояд. Ҳамзамон, азбаски

иттифоқҳои касаба аз лиҳози шакли ташкилию ҳуқуқӣ ба ҳайси ташкилоти ҷамъиятӣ амал мекунанд, тартиби таъсис ва бақайдгирии онҳоро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» аз 12 майи соли 2007, № 258 [36] муқаррар кардааст. Дар КМ ҶТ бошад масъалаҳои вобаста ба иштироки иттифоқҳои касаба дар муносибатҳои иҷтимою меҳнатии ташкилотҳот ҳамчун намояндагони манфиатҳои кормандон танзим карда мешаванд.

Аз муқаррароти зикршудаи қонунгузории амалкунанда бармеояд, ки қобилияти ҳуқуқдории иттифоқҳои касаба ин намояндагӣ кардани манфиатҳои аъзои худ дар муносибат бо дигар субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятии меҳнат, ҳифзи манфиатҳои онҳоро дар бар мегирад. Иттифоқҳои касаба, ташкилоти тобеъи онҳо метавонанд фаъолияти худро бе қайди давлатӣ пеш баранд. Қобилияти ҳуқуқии чунин сохторҳои иттифоқҳои касаба аз қобилияти намояндагӣ ва ҳимояи манфиатҳои аъзои онҳо, инчунин дигар субъектҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун иборат аст.

Мувофиқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба» «иттифоқҳои касаба, ташкилоти онҳо бо мақсади иҷрои вазифаҳои оинномавии худ ҳуқуқ доранд дар асосҳои умумӣ аз рӯи аломатҳои соҳавӣ, ҳудудӣ ё аломатҳои дигар иттиҳодияҳо (шурҳо, федератсияҳо, конфедератсияҳо ва иттиҳодияҳои ба он монанд) таъсис диҳанд (агар ин дар оиннома пешбинӣ шуда бошад), ҳамчунин ба ҳайати иттиҳодияҳо озодона дохил шаванд ва аз онҳо бароянд» [35]. Мувофики моддаи 301 КМ ҶТ бастани созишномаҳои шарикии иҷтимоӣ ва тарафҳои онҳо дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ муайян шудаанд, ки ҷониби кормандонро дар ин санадҳо ташкилоти иттифоқҳои касаба намояндагӣ мекунанд.

Мавриди зикр аст, ки қонунгузории амалкунанда имкони таъсиси мақомоти намояндагии (намояндаи) кормандонро додааст, аз ҷумла, дар ҳолатҳое, ки кормандон дар ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба муттаҳид нашудаанд ё ягон ташкилоти ибтидоии иттифоқи касабаи мавҷуда зиёда аз

нисфи кормандонро муттаҳид накунад ва ваколатдор нест, ки манфиати ҳамаи кормандонро дар шарикии иҷтимоӣ дар ташкилот ифода намояд. «Чунин механизм, аввалан, ба кормандон ҳуқуқи мустақилона интихоб намудани шакли зарурии мақомоти намояндагӣ медиҳад, дуюм, масъалаи рақобатро дар намояндагии кормандон ҳал мекунад» [177, с. 52-64].

Шаклҳои асосии иштироки ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба, мақомоти намояндагии кормандон дар идоракунии меҳнат дар моддаи 291 КМ ҶТ чунин тасниф шудаанд: «гуфтушунидҳои коллективона гузаронанд, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ ба имзо расонанд, дар таҳияи санадҳои дигари меъёрӣ оид ба меҳнат дар ташкилот ширкат варзанд ва ба корфармо лоиҳаи чунин санадҳоро пешниҳод кунанд; дар баррасии масъалаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ташкилот иштирок намоянд; риояи санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат, шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективиро назорат кунанд; дар мақомоти баррасикунандаи баҳсҳои меҳнатӣ манфиати кормандро ҳимоя кунанд; дар бораи қарори корфармо ва шахсони ваколатдори ӯ, агар қарор хилофи санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат бошад ё бо роҳи дигар ҳуқуқҳои кормандонро поймол созад, ба суд шикоят кунанд; тибқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон корпартоӣ эълон кунанд; ҳангоми фаъолияти намояндагӣ дигар амали қонуниро анҷом диҳанд» [43].

Иштироки иттифоқҳои касаба дар мусоидат ба шуғли аҳолӣ бо моддаи 20 Қонуни ҶТ «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» пешбинӣ шудааст.

Мазмун ва моҳияти шаклҳои иштироки иттифоқи касаба ва дигар мақомоти намояндагии кормандон дар муносибатҳои вобаста ба идоракунии меҳнат ва мутаносибан проблемаҳои дар ин самт ҷойдошта, яке аз масъалаҳои аҳмияти муҳими илмӣ ва амалидоштае мебошад, ки мавриди пажуҳиши муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқи меҳнат қарор гирифтааст. Ба назари мо айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои ҳалталаби танзими

ҳуқуқии иштироки иттифоқҳои касаба дар идоракунии меҳнат аз инҳо иборатанд:

1) Тибқи КМ ҶТ корфармо ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои пешбининамудаи КМ ҶТ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ дар мувофиқа ё машварати пешакӣ бо намояндагони кормандон санадҳо қабул намояд (моддаи 13 КМ ҶТ). Қонунгузор тартиб ва расмиёти мувофиқаи санадҳои корфарморо бо намояндагони кормандон, аз ҷумла, муҳлати онро муқаррар намудааст. Агар корфармо оид ба муҳтавои лоиҳаи санадаш бо намояндагони кормандон ба созиш нарасад, он гоҳ ихтилофоти мавҷудаи тарафҳо доир ба лоиҳаи санад бо таври мушаххас бояд бо протокол ба расмият даровarda шавад. Дар ҳолате, ки лоиҳаи санади корфармо бе назардошти пурра ё қисми пешниҳодҳои намояндагони кормандон қабул гардад, кормандон ҳуқуқ доранд расмиёти баҳси меҳнатии коллективиро тибқи тартиби муқарраршуда оғоз намоянд. Тибқи КМ ҶТ барои қабули чунин санадҳои корфармо розигии намояндагони кормандон зарур аст: тағйир додани шароити меҳнати кормандон бе риояи муҳлати огоҳӣ (қисми 4 моддаи 31); бинобар мушкилоти дорои хусусиятҳои истеҳсолӣ, иқтисодӣ, технологӣ ё ташкилӣ боздошти муваққатии кори воҳидҳои алоҳидаи ташкилот бидуни ихтисор кардани шумора ё воҳидҳои корӣ (қисми 1 моддаи 33); муайянсозии сабабҳои узрнок барои ба кори дигари муваққатӣ гузаронидани кормандон ва шартҳои пардохти музди меҳнат ҳангоми ба кори дигари муваққатанӣ гузаронидани кормандон (қисми 2 моддаи 36); андешидани чораҳои махсус ҳангоми таҳдид кардани хавфи аз кор озодкунии оммавии кормандон (моддаи 37); қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо (моддаи 44).

Илова бар ин дар КМ ҶТ ҳолатҳое муқаррар гардидаанд, ки корфармо қабули қарорро пас аз машварат бо намояндагони кормандон қабул менамояд, мисол: муайян кардани муҳлати охирини муваққатан ба кори дигар гузаронидан (қисми 2 моддаи 35); муайян кардани давомнокии кори ҳаррӯза (баст) тибқи ҷадвали баставӣ (қисми 1 моддаи 73); қабул ва тасдиқи қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ ё ҷадвали баст (қисми 1 моддаи 74);

тартиби иҷрои кор дар вақти зиёда аз меъёр бо додани вақти иловагии истироҳат (қисми 3 моддаи 76); муайян намудани корҳое, ки бо сабаби шароити истеҳсолот додани танаффус барои истироҳат ва хурокхӯрӣ имконнопазир аст (қисми 3 моддаи 83). Инҷо зарур аст ба гуногунии истилоҳоти истифодашуда дар КМ ҶТ дар масъалаи мазкур: "ризояти намояндагони кормандон" ва "машварат бо намояндагони кормандон" таваҷҷуҳ намуд. Суоле ба миён меояд, ки оё дар сурати иҷрои расмиёти "машварат" натиҷаи ниҳоӣ ба даст овардани ризояти намояндагони кормандон аст? Ва ё ин амалро корфармо ба хотири мушаххастар намудани мавзуъи қароре, ки қабулмекунад, ба анҷом мерасонад. Тибқи мазмуни моддаи 13 КМ ҶТ, ки тартиб ва расмиёти мувофиқасозии санадҳои корфармо бо намояндагони кормандонро пешбинӣ намудааст, корфармҳо ҳуқуқ дорад «ҳангоми розигӣ санадро оид ба тағйирот ё иловаҳо бо машварати пешакии намояндагони кормандон қабул намояд, ҳангоми норизоятӣ машварати иловагиро бо намояндагони кормандон гузаронад" ва дар сурати ноил нагардидан ба созиш оид ба лоиҳаи санад, "ихтилофоти бавуҷудомада бо протокол ба расмият дароварда шуда, баъд аз он корфармо ҳуқуқ дорад санадро қабул намояд»[43]. Аз муҳтавои меъёри моддаи мазкур бармеояд, ки мақсади қонунгузорӣ аз машварати корфармо бо намояндагони кормандон ин ба даст овардани ризояти намояндагони кормандон барои қабули санад буда, ҳамзамон корфармо ҳуқуқ дорад дар сурати ба даст наомадани мувофиқаи пурра ё қисмате аз масъала қарори худро қабул намояд. Ҳамзамон қонунгузор ба намояндагони кормандон барои оғози расмиёти баҳси меҳнатии коллективӣ дар сурати бидуни ризояти онҳо қабул намудани санад аз ҷониби корфармо, ҳуқуқ додааст. Ба назари мо, расмиёти дар моддаи 13 КМ ҶТ муқарраршуда ба ҳама ҳолатҳое, ки барои қабули қарори корфармо ризояти намояндагони кормандон ва ё машварати пешакӣ бо онҳо талаб карда мешавад, рабт дорад. Истифодаи истилоҳи гуногун дар КМ ҶТ дар мавриди масъалаи мазкур боиси гуногунфаҳмӣ ва духурагӣ дар татбиқи меъёри ҳуқуқи меҳнат мегардад. Бинобар ин, мувофиқи мақсад аст, ки дар

моддаҳои дахлдори КМ ҶТ истилоҳи ягона «машварат ва ризояти намояндагони кормандон» истифода карда шавад.

2) Вобаста ба масъалаи гузаронидани машваратҳо байни корфармоён ва кормандон Тавсияи ТБМ № 94 аз 26 июни соли 1952 «Дар бораи машварат ва ҳамкории байни корфармоён ва кормандон дар сатҳи корхона» [22], инчунин Тавсияи ТБМ аз 28.06.1967 № 129 «Дар бораи робита байни маъмурият ва меҳнаткашон дар ташкилот» [20] аҳаммияти калон доранд. Мувофиқи банди 1 Тавсия оид ба машварат ва ҳамкории байни корфармоён ва кормандон дар сатҳи корхона ба шахсони манфиатдор ё мақомот тавсия карда мешавад, ки «барои мусоидат намудан ба машварат ва ҳамкории байни кормандон ва корфармоён оид ба масъалаҳое, ки манфиатҳои умумиро ифода мекунанд ва дар музокироти коллективӣ фаро гирифта нашудаанд» [20] чораҳо андешанд.

Инҷо нуктаи муҳими таваҷҷуҳ дар масъалаи мазкур муқаррароти Тавсияномаи мазкур доир ба имконияти гузаронидани машваратҳо оид ба масъалаҳои меҳнат мебошад, ки ҳамзамон дар моддаи 13 КМ ҶТ ифода гардида, маҳз бо мақсади таъмини кафолатҳои ҳуқуқҳои меҳнатии кормандон пешбинӣ шудаанд. Мавриди зикр аст, ки машваратҳои мутақобила дар ин масъала метавонанд дар сатҳҳои гуногуни шарикии иҷтимоӣ: аз сатҳи локалӣ то сатҳи ҷумҳуриявӣ гузаронида шаванд. Дар сатҳҳои миллӣ ва соҳавӣ машваратҳои мутақобила оид ба масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, ба монанди машваратҳо оид ба манъи табъиз дар меҳнат (моддаи 1 Конвенсияи ТБМ № 111 аз соли 1958 «Дар бораи табъиз дар соҳаи меҳнат ва шуғл» [14], оид ба шуғл (банди 3 Тавсияи ТБМ 09.07.1964 № 122 «Дар бораи сиёсати шуғли аҳолӣ»[21]), муқаррар намудани ҳадди ақалли музди меҳнат (моддаи 1 Конвенсияи ТБМ № 131 аз соли 1970 «Дар бораи муқаррар намудани ҳадди ақалли музди меҳнат бо ҳисоби махсуси кишварҳои рӯ ба тараққӣ» [13], бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат ва муҳити корӣ (моддаи 4 Конвенсияи ТБМ №155 “Дар бораи бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат ва муҳити корӣ” [7]), Конвенсияи ТБМ аз 15.06.2006 № 187 «Дар бораи асосҳои мусоидаткунандаи бехатарӣ ва гигиенаи меҳнат” [5],

татбиқи барномаҳо ва стратегияҳои роҳнамоии касбӣ ва таълими касбӣ (Конвенсияи ТБМ № 142 аз 23 июли 1977 «Дар бораи роҳнамоии касбӣ ва таълими касбӣ дар рушди захираҳои инсонӣ» [10]) баргузор мешаванд.

Гузаронидани чунин машваратҳо дар сатҳи ҷумҳуриявӣ салоҳияти Комиссияи сеҷонибаи ҶТ оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ мебошад, ки тартиби онро «Низомнома дар бораи Комиссияи сетарафаи оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [69] танзим мекунад. Мувофиқи банди 5 Низомнома комиссия ҳуқуқ дорад «дар доираи ваколатҳои худ дар давраи байни ҷаласаҳои Комиссия бо ҳамоҳангсозони тарафҳо роҷеъ ба масъалаҳое, ки ҳаллу фасли фавриро талаб мекунанд, машваратҳо доир намояд». Мувофиқи моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» тарафҳои шарикии иҷтимоӣ метавонанд доир ба масъалаҳои шуғли аҳолӣ мунтазам машваратҳои муштарак мегузаронанд. «Аз рӯи натиҷаи ин машваратҳо метавонанд созишномаҳои (шартномаҳои) коллективӣ банданд, ки дар онҳо чораҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ, ҳифзи иҷтимоии кормандони аз кор озодшуда, инчунин кормандоне, ки ба ҳимояи иҷтимоӣ эҳтиёҷ доранд, вазифаҳои дигар мақомоти идораи давлатиро дар хусуси пешниҳоди маълумот дар бораи шароити иқтисодӣ ва молиявии татбиқи сиёсати шуғли аҳолӣ ва дигар масъалаҳои дахлдори соҳаи шуғлро дарбар мегиранд» [34].

Хусусияти дигари хосси машваратҳо дар шакли хаттӣ – дар шакли протокол ба расмият даровардани натиҷаҳои онҳо мебошад. Машваратҳо инчунин муҳокимаи якҷояи масъалаҳо, мубодилаи афкор ва баррасии онҳоро бидуни қабули уҳдадориҳои дахлдор дар назар дорад.

Дар асоси гуфтаҳои боло чунин хулоса мешавад, ки машваратҳои мазкур асосан ҳадафи дарёфти мавқеи барои ҳамаи тарафҳо муносиб ва мувофиқ дар танзими масъалаҳои иҷтимоию меҳнатӣ, аз ҷумла, дар робита ба идоракунии меҳнат, доранд.

Зимнан, мувофиқи мақсад, ки барои таҳкими нақши машваратҳои мутақобила ҳам дар сатҳи локалӣ ва ҳам дар сатҳи миллӣ ва соҳавӣ дар КМ

ҶТ дар бораи имконпазир будани ташкили машваратҳо доир ба масъалаҳои меҳнат бо ташаббуси яке аз тарафҳои шарикии иҷтимоӣ, муқаррароти алоҳида пешбинӣ карда шавад.

3) Иттифоқҳои касаба дар баробари дигар шарикони иҷтимоӣ ҳамчунин ҳуқуқи иштирок дар ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолиро доранд. Ин ҳуқуқи иттифоқҳои касаба дар муқаррароти моддаи 16 Қонуни ҶТ “Дар бораи иттифоқҳои касаба” замина дорад. Тибқи ин моддаи Қонун «иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо ҳуқуқҳои меҳнатии аъзои худро ҳимоя намуда, дар таҳияи сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ ширкат варзида, оид ба ҳифзи иҷтимоии шахсоне, ки бинобар ихтисор шудани кор ё тағйир ёфтани шароити меҳнат аз корхона, аз кор озод мегарданд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ таклифҳо пешниҳод менамоянд» [35]. Иттифоқҳои касаба дар таҳияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ тавассути таҳия ва пешниҳод намудани таклифҳо ба мақомоти давлатии хизмати шуғли аҳолӣ оид ба масъалаҳои гуногуни шуғли аҳолӣ иштирок менамоянд. Аз ҷумла, дар масъалаҳои дастгирии бокортаъминсозии гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, ки дар бозори меҳнат рақобат карда наметавонанд, такмили барномаҳои шуғли аҳолӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ; иштирок дар комиссияҳо ва гурӯҳҳои корӣ оид ба омӯзиши вазъи шуғлит аҳолӣ ва таҳяи пешниҳодҳо ба мақомоти давлатӣ ва дигар масъалҳои вобаста ба шуғли аҳолӣ.

Мисол, мутобиқи Созишномаи минтақавии байни Шурои иттифоқҳои касабаи вилояти Суғд, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва Ассотсиатсияи соҳибкорони вилояти Суғд барои солҳои 2024-2026 дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва танзими бозори меҳнат тарафҳои созишнома барои татбиқи чораҳои зайл ба мувофиқа расиданд: иштирок дар дар таҳия ва амалисозии чорабиниҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ; ташкили чорабиниҳои гуногуни машваратӣ ва музокираҳо бо мақсади пешгирӣ аз ихтисоршавии оммавии кормандон дар ташкилотҳо, амалисозии тадбирҳои

иловагӣ барои коҳиш додани сатҳи бекорӣ; таъмини имконҳо барои шуғли маъюбон; таҳияи низоми пешгуии талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар бозори меҳнат аз рӯи ихтисосҳо ва касбҳо; танзими муҳоҷирати меҳнатӣ.

Мавриди зикр аст, ки дар санадҳои шарикии иҷтимоӣ дар сатҳи минтақаҳо метавонад воситаҳои иловагӣ ва дигари шарикии иҷтимоӣ дар соҳаи муосидат ба шуғли аҳолӣ пешбинӣ карда шавад. Мисоли он, ки дар Созишномаи минтақавӣ оид ба шарикии иҷтимоӣ дар шаҳри Бохтар, тарафҳо барои пешниҳод намудани ҳисобот ҳар сол на кам аз як маротиба дар бораи ҷараёни татбиқи созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ, инчунин доир ба натиҷаҳои фаъолияти молиявию хоҷагии ташкилотҳо, уҳдадорӣ гирифтаанд.

Ҳамин тариқ, таъмини ҳуқуқҳои кормандон дар идоракунии меҳнат дар шароити имрӯз ҷиҳати танзими дурусти муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, тақвияти сатҳи шарикии иҷтимоӣ ва дар маҷмуъ нигоҳ доштани суботи иҷтимоӣ аҳаммияти муҳим дорад. Кормандон ҳамчун субъекти муҳимми муносибатҳои идоракунии меҳнат ҳуқуқ доранд фикру мулоҳизаҳои худ ва иттилооти воқеиро ба корфармо расонанд, ин аз як тараф имкон медиҳад, ки кормандон ба қарорҳои идоракунии корфармо таъсир расонанд ва аз тарафи дигар намояндагони кормандон аз ҳуқуқ ва манфиатҳои коллективи меҳнатӣ ҳимоя карда метавонанд.

**Таҳқиқи аҳаммияти иштироки кормандон, иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони онҳо дар идоракунии меҳнат як қатор мушкилоти зеринро дар танзими ҳуқуқӣ ва ташкилии масъалаи мазкур ошкор намуд:**

1. Дар КМ ҶТ доир ба тартиб ва шароити иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот, аз ҷумла ҳолатҳои ширкат намудан дар муҳокима ва қабули қарорҳо вобаста ба масъалаҳои меҳнат, меъёрҳои мушаххас пешбинӣ нашудаанд. Ба андешаи мо қонунгузор мебоист принсипҳо ва механизми татбиқи ин ҳуқуқро, аз ҷумла, тавассути низоми шарикии иҷтимоӣ мушаххас мекард. Ин холигӣ ва аз танзими ҳуқуқӣ берун мондани он боиси дар амалия ба таври зарурӣ татбиқ нагардидани ин ҳуқуқи кормандон гардида истодааст.

Аз ҷумла, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективии дар доираи таҳқиқоти мазкур мавриди омӯзиш қарор додашуда, нишон дод, ки дар матни онҳо умуман доир ба имкони иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот, уҳдадориҳои корфармоён оид ба таъмини шароит ҷиҳати татбиқи ин ҳуқуқи кормандон ва намояндагони онҳо муқаррарот пешбинӣ нагардидааст. Мавриди зикр аст, ки талаботи мазкур аз муқаррароти Конвенсияи ТБМ аз 26.06.1978 № 150 «Дар бораи идоракунии меҳнат: нақш, вазифаҳо ва таъсисдиҳӣ» ва Тавсияи ТБМ аз 26.06.1978 № 150 «Дар бораи идоракунии меҳнат: нақш, вазифаҳо ва ташкилдиҳӣ», Тавсияи ТБМ аз 26.06.1952 № 94 «Дар бораи машварат ва ҳамкории байни корфармо ва кормандон дар сатҳи ташкилот", Тавсияи ТБМ аз 28.06.1967 № 129 «Дар бораи робитаи маъмурият ва меҳнаткашон", инчунин Хартияи Аврупоӣ оид ба ҳуқуқҳои асосии меҳнаткашон аз 03.05.1996, №163 [23; 24] бармеояд, ки тибқи ин аснод ҳар як узви ТБМ, ки санадҳои мазкурро тасдиқ кардааст, барои дар доираи низоми идоракунии меҳнат таъмин намудани машваратҳо, ҳамкорӣ ва гуфтушунид байни мақомоти давлатӣ ва ташкилоти намояндагии корфармоён ва кормандон ё дар ҳолати зарурӣ намояндагони корфармоён ва кормандон бояд тадбирҳои зарурӣ андешад.

2. Истифодаи истилоҳи гуногун дар матни КМ ҶТ ба мисли "ризояти намояндагони кормандон" ва "машварат бо намояндагони кормандон", ки дар асл оқибатҳои ҳуқуқии яксон доранд, дар амалия ба роҳ ёфтани духурагӣ дар таъмини ҳуқуқҳои кормандон барои иштирок дар идоракунии меҳнат боис гардида, дар маҷмуъ сатҳи қобилияти ҳуқуқии коллективи кормандро ҳамчун субъекти идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ коҳиш медиҳад.

Бинобар ин, мувофиқи мақсад аст, ки ба КМ ҶТ тағйиру иловаҳо зайл ворид карда шаванд:

-ба КМ ҶТ боби нав дар мавзуъи "Иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот" дохил карда шавад;

-ба моддаи 4 КМ ҶТ принсипи нав "таъмини иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот" илова карда шавад;

-ба қисми 1 моддаи 18 КМ ҶТ сархатти нав доир ба “ҳуқуқи иштирок дар идоракунии  ташкилот” илова карда шавад;

- дар тамоми матни КМ ҶТ калимаҳои “ризояти намояндагони кормандон” ва “машварат бо намояндагони кормандон” ба ибораи “машварат ва ризояти намояндагони кормандон” иваз карда шавад;

-ба қисми 2 моддаи 19 КМ ҶТ сархатти нав доир ба “таъмини шароит барои иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот” илова карда шавад;

-ба моддаи 299 КМ ҶТ “Шаклҳои шарикии иҷтимоӣ” сархатти нав оид ба “иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот” илова карда шавад;

-ба моддаҳои 303 “Мазмуни созишнома” ва 309 «Мазмуни шартномаи коллективӣ» доир ба ҳуқуқи кормандон дар идоракунии ташкилот меъёри дахлдор илова карда шаванд.

# ХУЛОСА

Аз таҳқиқи танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаҳои зерин ба даст омаданд:

1. Маълум гардид, ки дар илми ҳуқуқшиносии муосир нуқтаи назари ҳамаҷонибаи идоракунии меҳнат ҳамчун низоми бисёрсатҳа ва бисёрсоҳавӣ, ки ба принсипҳои шарикии иҷтимоӣ асос ёфтааст, бартарӣ дорад. Ба андешаи мо гарчанде ҳуқуқи корфармо дар идоракунии кормандон ҳамчун асос эътироф карда мешавад, аммо, он бояд мутлақ ҳисобида нашавад. Мувозинати он тавассути муқаррарсозии меъёри ҳатмии давлат; тартиби бастани шартномаи коллективӣ; иштироки намояндагони кормандон дар идоракунии меҳнат ва таъмини кафолати ҳуқуқҳои меҳнатии фардӣ зарур мебошанд.

Ба назари мо, набояд мафҳуми «идоракунии меҳнат» бо мафҳуми «ташкили меҳнат» омехта карда шавад. Идоракунии меҳнат мафҳуми васеътар буда, он ҳам танзими ҳуқуқӣ ва ҳам ҷанбаҳои иҷтимоии онро фаро мегирад. Ташкили меҳнат танҳо ҷанбаҳои техникӣ, технологӣ ва иқтисодии (тақсимоти вазифаҳо, оптимизатсияи равандҳо, стандартикунонӣ) меҳнатро дар бар мегирад.

Аз натиҷаи омӯзиши мазмуни мафҳуми ҳуқуқии «идоракунии меҳнат» ошкор гардид, ки шарҳу тавзеҳи мавҷуда доир ба ин мафҳум гуногун ва мукаммал нестанд. Бо назардошти ин, мафҳуми мазкур дар шакли такмилёфта омода карда шуд, ки ба андешаи мо мавзуъ ва таркиби субъективии муносибатҳоро дар идоракунии меҳнат пурратар ифода намуда, заминаҳои назариявӣ ва қонунгузориро дар ин самт таҳким мебахшад: «**Идоракунии меҳнат** - маҷмуъи тадбирҳои ҳуқуқӣ ва ташкилиеро дар бар мегирад, ки аз ҷониби субъектҳои идоракунӣ (давлат, корфармоён, иттифоқҳои касаба ва ғайра) дар сатҳи мутобиқ барои ба танзим даровардани маҷмуи масъалаҳои меҳнат, аз ҷумла: аз ҷумла, таҳия ва қабули санадҳои хусусияти меъёрии ҳуқуқӣ ва ташкилидошта дар соҳаи меҳнат, бозори

меҳнат ва шуғли аҳолӣ, ҳифзи меҳнат ва назорати риояи қонунгузории меҳнат амалӣ карда мешавад»[1-М].

2. Дар шароити муосир институти идоракунии меҳнат таҳти таъсири равандҳо ва омилҳои гуногун дар ҳолати рушд ёфтан ҳастанд, ки мавзуъи танзими минбаъдаи он аз шаклгирии муносибатҳои нави ҳуқуқии ин бахш вобастагӣ дорад. Бо назардошти самтҳои ташаккули муносибатҳои меҳнатӣ ва равандҳои муосири таъсиррасон ба онҳо, ба андешаи мо айни замон масъалаҳои зерини идоракунии меҳнат таҳқиқи пурраи илмиро тақозо мекунанд:

-мушкилоти таъмини мувозинати манфиатҳои субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ дар шароити нав. Масъалаи мазкур тақозо мекунад, ки усулҳои муосири танзими муносибатҳои байни “корфармо” ва “корманд” ҷустуҷӯ ва дарёфт карда шаванд, ки  метавонад ба манфиатҳои корфармо (самаранокии натиҷаҳои меҳнат) ва таъмини сатҳи кафолатҳои ҳуқуқии корманд (таъмини шароити муносиби меҳнат, иштирок дар идоракунии меҳнат) ҷавобгу бошанд;

-нақши субъекти шарикии иҷтимоӣ: Аҳаммияти иттифоқҳои касаба ва дигар мақомоти намояндагии кормандон дар низоми идоракунии меҳнат;

- таъмини мутобиқат ва устувории идоракунии меҳнат дар шароити нав: Коркарди моделҳои нави идоракунии меҳнат, ки ба талаботи нави бозори меҳнат, шаклҳои нави шуғл мутобиқ буда, корбурди онҳо дар идоракунии меҳнат ба устувории муносибатҳои меҳнатӣ ва таъмини сатҳи кафолатҳои кормандон халал нарасонад;

-таъмини ҳадди идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ: Санадҳои корфармо дар идоракунии меҳнат дар сатҳи ташкилот бояд бидуни вайрон кардани қоидаҳои ҳатмии қонун ва бидуни бадтар кардани вазъи корманд дар қиёс ба созишнома ва шартномаи коллективӣ ба андоза амиқ ва дақиқ танзим карда тавонанд;

- рақамикунонӣ: Таъсири технологияҳои нав (кори фосилавӣ, идоракунии алгоритмӣ, платформаҳо) ба моделҳои анъанавии идоракунии меҳнат ва назорати кормандон.

- таносуб ва пайвастагии танзими идоракунии давлатӣ - хусусии меҳнат: Зарур аст, ки робитаи доимӣ ва марзҳои танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар мавзуи ҳуқуқи давлатӣ ва ҳуқуқи хусусӣ мушаххас карда шавад.

Ба андешаи мо, нуқтаи назари бартаридошта доир ба идоракунии меҳнат ин зарурати танзими оқилона ва мутавозини он мебошад, ки ба принсипҳои муколамаи сеҷониба асос ёфта, кафолати устувори ҳуқуқҳои асосӣ ва тағйирпазирии онҳоро дар ҳама сатҳҳо: сатҳи миллӣ; сатҳи соҳавӣ, сатҳи минтақавӣ ва сатҳи локалӣ (ташкилот) таъмин карда метавонад. Аммо, тавре таҳқиқот нишон медиҳад дар амалия шиддати мухолифати байни тарафдорони назорати мутамаркази идораи меҳнат ва талаботи чандирии бозор боқӣ мемонад ва механизмҳои мавҷуда бошанд самараи дилхоҳ надоранд. Мушкилоти рақамикунонии меҳнат боиси шадидтар гардидани ин мубоҳисаҳо мегардад, ки чунин вазъият аз илм ва қонунгузорӣ роҳҳои нав ва ғайристандартии ҳалли онро талаб мекунад [1-М].

3. Таҳлили ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии идоракунии меҳнат нишон медиҳад, ки ниҳоди мазкур дар тули таърихи инсоният дар натиҷаи дигаргуниҳои ташкили ҷамъиятӣ ва пешрафти техникӣ аз шаклҳои ибтидоӣ ба як низоми мураккаб рушд ёфтааст. Ба мақомоти ибтидоии идоракунии меҳнат дохил мешаванд: 1) ҷомеъаи қабилавӣ: меҳнат дар асоси робитаҳои хешутаборӣ бо тақсимоти вазифаҳо аз рӯи ҷинс ва синну сол ташкил карда мешуд. Идоракунии меҳнат ба солмандон ва пешвоён таалluқ дошт; 2) давлати ғуломдорӣ: Меҳнати ғуломон, ки моли хоҷагонашон буданд, маҷбурӣ буд. Идоракуниро соҳибони ғулом тавассути нозирон анҷом медоданд; 3) сохти феодалӣ: крепостнойҳо ба замин вобаста буданд ва вазифадор буданд, ки ба фоидаи феодал кор кунанд. Идоракуниро феодалҳо ва намояндагони онҳо (маъмурон, солмандон) ба амал меоварданд; 4)

гуруҳҳои ҳунармандон: Ҳунармандоне, ки барои ҳимояи манфиатҳои худ ва танзими истеҳсолот дар коргоҳҳо муттаҳид шудаанд. Роҳбарият аз ҷониби устодони интихобшуда ва пирони коргоҳҳо амалӣ карда мешуд.

Минбаъд дар баробари рушди муносибатҳои ҷамъиятии меҳнат шаклҳои нави идоракунии меҳнат пайдо шуданд, аз ҷумла: 1) идоракунии заводҳо: Бо пайдоиши фабрикаю заводҳо зарурати ташкили истеҳсолоти оммавӣ ба миён омад. Идоракуниро соҳибкорон ва менеҷерони кироя, ки усулҳои нави ташкили меҳнат, аз ҷумла, системаи Тейлорро ҷорӣ мекарданд, ба амал меоварданд; 2) танзими давлатии меҳнат: Дар баробари рушд ёфтани ҳаракатҳои коргарӣ ва афзоиши эҳтиёҷи коргарон ба ҳифзи иҷтимоӣ, давлатҳоро маҷбур сохт, ки ба қабули қонунҳо оид ба меҳнат, муқаррар намудани ҳадди ақалли музди меҳнат, танзими шароити меҳнат ва таъсиси системаҳои таъминоти иҷтимоӣ шуруъ намоянд; 3) ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи меҳнат: Дар асри 20 созмонҳои байналмилалӣ ба мисли Ташкилоти байналмилалии меҳнат (ТБМ) бо мақсади таҳия ва пешбурди стандартҳои байналмилалии меҳнат арзи вуҷуд намуданд [4-М].

4. Аз таҳқиқи илмию назариявии мазмун ва муҳтавои муносибатҳо оид ба идоракунии меҳнат ошкор гардид, ки ин муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки байни субъектҳои идоракунии меҳнат (мақомоти давлатӣ, корфармоён, ташкилотҳои иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони кормандон ва дигар сохторҳои ваколатдор) дар раванди ташкилу танзими идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд.

Бо назардошти нишондодҳои илмӣ ва стандартҳои байналмилалӣ яке аз принсипҳои асосии танзими ҳуқуқии меҳнат ин ташкили идоракунии меҳнат дар сатҳи миллӣ ва сатҳи локалӣ маҳсуб мешавад ва он бояд ба сифати мақсадҳои асосӣ ва вазифаҳои қонунгузории меҳнат муқаррар карда шавад. Зеро, танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дорои чунин хусусиятҳои ба худ хос мебошад: 1) муносибатҳои ҳуқуқии идоракунии меҳнат бо тарзу усулҳои махсус танзим карда мешаванд; 2) идоракунии меҳнат дорои хусусияти танзими ҳуқуқи давлатӣ-хусусӣ аст; 3) дар он танзими ҳуқуқии

чанбаҳои иқтисодии идоракунии меҳнат мавқеи асосӣ дорад; 4) дар идоракунии меҳнат усулҳои таъсиррасонии мустақим ба таври васеъ истифода мешаванд (фармонҳо, қарорҳо); 5) низоми субъектҳои идоракунии меҳнат дар сатҳу зинаҳои гуногун амал мекунад, аз ҷумла, дар сатҳҳои миллӣ, маҳаллӣ, соҳавӣ ва локалӣ; 6) идоракунии меҳнат хусусияти байнисоҳавӣ дошта, доираи васеъи меъёрҳои ҳуқуқи меҳнатро дар соҳаҳои гуногуни иқтисод фаро мегирад; 7) чорабиниҳо оид ба идоракунии меҳнат таркиби мураккаби ҳуқуқӣ ва хусусияти доимию мунтазам доранд; 8) низоми идоракунии меҳнат маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии ба худ хос: меъёрҳои моддию мурофиавӣ; меъёрҳои шарикӣ - коллективӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии дохилӣ (локалӣ) дорад [2-М].

5. Ҳарчанд идоракунии меҳнат вазифаи асосии танзимнамоии ҳуқуқии қонунгузории меҳнат маҳсуб мешавад, вале дар КМ ҶТ масъалаи мазкур ба таври равшану возеҳ дарҷ нашудааст. Моддаи 3 КМ ҶТ, ки вазифаҳои қонунгузории меҳнатро ифода мекунад, мавзуъҳои дар он дарҷёфта на вазифаи қонунгузорӣ балки мазмунан ба мақсадҳои қонунгузорӣ муносибанд. Бинобар ин ба андешаи мо зарур аст, ки моддаи мазкур такмил дода шуда, "танзими муносибатҳои ҳуқуқии вобаста ба идоракунии меҳнат" яке аз вазифаҳои авалиндараҷаи қонунгузории меҳнат муқаррар карда шавад. Ҳамчунин, принсипи "таъмини ташкил ва идоракунии меҳнат дар ҳама сатҳҳо" ба қатори принсипҳои дар моддаи 4 КМ ҶТ дарҷшуда, илова карда шавад [6-М].

6. Маълум гардид, ки заминаҳои ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар сатҳи миллӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки дорои меъёри ҳуқуқи меҳнат буда, аз ҷониби мақомоти сатҳҳои гуногун қабул ва мавриди амал қарор дода мешаванд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як низоми мураккаби соҳавӣ ва байнисоҳавӣ иборат мебошад. Заминаҳои ҳуқуқӣ ва иттилоотии идоракунии меҳнат дар сатҳи миллӣ аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалии меҳнат, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои

меъёрии ҳуқуқии соҳаи меҳнат, барномаву ҳуҷҷатҳои стратегӣ, дурнамоҳои соҳаҳо, санадҳои ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ, қоидаҳо, низомномаҳо, стандартҳо меҳнат, санадҳои дохилиидоравии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, платформаҳои рақамӣ, захираҳои иттилоотӣ оид ба меҳнат,инчунин шарҳҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иборатанд. Вобаста ба марҳилаҳои раванди идоракунии меҳнат санадҳои дахлдор батавсиб мерасанд, ки хоси марҳилаи муайян мебошанд. Ҳангоми муайянсозии масъалаҳои афзалиятнок, муқаррар намудани мақсад ва вазифаҳои идоракунии меҳнат санадҳои ҳуқуқӣ ба мисли стратегияҳо, барномаҳо, ҳадафҳо, нақшаҳо, консепсияҳо асосан таҳия ва шакли ҳуқуқӣ мегиранд. Ин санадҳо маъмулан дар марҳилаи қабул ва тасвибашон ҳамчун шакли санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дар марҳилаи татбиқ бошад, шакли санади ташкилию маъмуриро мегирад. Ҳамин гуна моҳият ва хусусият ва шакли санадҳои ҳуқуқӣ доир ба идоракунии меҳнат аз марҳилаҳои раванди идоракунии меҳнат вобастагии зич дорад [4-М, 10-М].

Институти идоракунии меҳнат дар Тоҷикистон дар замони истиқлолият рушду такомул ёфта, айни замон меъёрҳои он танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнатро дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, соҳавӣ, минтақавӣ ва локалӣ фаро мегирад. Вазифаҳои танзимнамоии идоракунии меҳнат аз рӯйи хусусияташон аз вазифаҳои таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи меҳнат ва вазифаҳои ташкилию иттилоотӣ дар соҳаи меҳнат иборатанд [6-М].

7. Идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ, ки масъулияти асосии корфармо маҳсуб мешавад, дар замина ва асоси меъёрҳои қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба меҳнат ба роҳ монда мешавад. Он аз маҷмуи тадбирҳо оид ба таъмини шароити меҳнат ва ҳифзи меҳнат дар ташкилотҳо тавассути маҷмуи санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ) ва шартномаҳои коллективӣ бо назардошти риояи меъёрҳо ва стандартҳои бо қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайяншуда, танзим карда мешаванд.

Санадҳои меъёрии дохилӣ дар идоракунии меҳнат дар сатҳи ташкилот хусусияти ташкилию ҳуқуқӣ ва иттилоотӣ дошта, нақши татбиқнамоии

ҳуқуқҳои меҳнатиро дар амал иҷро менамоянд. Санадҳои меъёрии дохилӣ дар идоракунии меҳнат бештар хусусияти ҳатмӣ дошта бо мақсади иҷрои меъёрҳои қонунгузории меҳнат қабул карда мешавад. Аксари санадҳои меъёрии дохилӣ бо мақсади иҷрои меъёрҳои қонунгузории меҳнат қабул мешаванд ва қабулашон барои аксарияти корфармоён ҳатмӣ мебошад. Дар баъзе мавридҳо қонунгузорӣ қабули ҳатмии онҳоро ба шарти мавҷудияти ҳолатҳои мушаххас дар ташкилот, вобаста намудааст. Вале, дар КМ ҶТ ҳолатҳои ҳатмӣ будани қабули чунин санадҳои корфармо мушаххас нестанд. Чунин ҳолатҳо ва духурагиҳо дар мавриди қабули санадҳои меъёрии дохилии корфармо дар як қатор моддаҳои КМ ҶТ (моддаҳои 72, 102, 125, 139, 158) ошкор гардиданд. Ба андешаи мо, барои роҳ надодан ба номуайянии ҳуқуқӣ, бояд ба КМ ҶТ тағйироти дахлдор ворид карда шуда, муайян карда шавад, ки корфармо дар кадом ҳолатҳои мушаххас чи гуна санади меъёрии дохилиро қабул намояд.

Шартномаҳои коллективӣ воситаи муҳимми идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ маҳсуб шуда, нақши пуррасозии холигиҳо ва бартарафсозии норасогиҳоро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба масъалаҳои идоракунии меҳнат иҷро мекунад. Бо шартномаҳои коллективӣ меъёрҳои иловагии ҳуқуқи меҳнат муқаррар карда мешаванд, ки онҳо илова бар қонунгузорӣ қабул мешаванд ва дар ҳудуди як ташкилоти мушаххас ба доираи муайяни шахсон татбиқ мегарданд. Бинобар ин, ба андешаи мо шартномаҳои коллективӣ хусусият ва аломатҳои санади меъёрии ҳуқуқиро доро буда, риояи меъёри он барои шаҳрвандони дар як ташкилот фаъолиятдошта (корфармоён, намояндагон ва шахсони масъули онҳо, иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони кормандон,) ва барои давраи муайян ҳатмӣ ва қатъӣ буда, ҳамзамон риоя ва иҷро накардани муқаррароти он боиси ба вуҷуд омадани ҷавобгариҳои ҳуқуқӣ: интизомӣ ва моддӣ мегардад [11-М].

8. Низоми субъектҳои идоракунии давлатии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маҷмуи мақомоти давлатии дорои ваколатҳо ва салоҳиятҳо дар сатҳҳои гуногун иборат мебошад. Ваколатҳои мақомоти идоракунии

меҳнат вобаста ба муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба идоракунии меҳнат дар сатҳҳои он ба аз ду гуруҳи асосӣ иборатанд: ваколатҳои дорои хусусияти ташкилӣ ва ваколатҳои дорои хусусияти назоратӣ-таъсиррасонӣ. Муайян гардид, ки ваколатҳои мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатӣ дар идоракунии меҳнат дар КМ ҶТ тақсимбандӣ нагардидааст, ки ба назари мо мушаххас намудани ваколатҳои ин мақомот дар КМ ҶТ бо ворид намудани моддаи алоҳида-моддаи моддаи 12 (1) дар ин бора ба мақсад мувофиқ аст [7-М].

Дар низоми шарикии иҷтимоӣ комиссияҳо ва кумитаҳо ба ҳайси мақомоти шарикии иҷтимоӣ дар идоракунии меҳнат баромад мекунанд, ки онҳо аз ҷониби шарикони иҷтимоӣ дар асоси созишномаи генералӣ, созишномаҳои соҳавӣ ва минтақавӣ ташкил шуда, вазифаҳо ва доираи фаъолияти онҳо бо ин санадҳо, муқаррар карда мешаванд [5-М].

9. Корфармо ҳамчун субъекти идоракунии меҳнат дар идоракунии меҳнат дар сатҳи ташкилот нақши асосӣ дошта, аз доираи васеъи ҳуқуқу ваколатҳои идоракунӣ бархурдор аст. Вобаста ба доираи ин ваколатҳо, қонунгузорӣ ба корфармо дар идоракунии меҳнат масъулияту ҷавобгариҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла, интизомӣ, моддӣ, маъмурӣ ва ҷиноятиро пешбинӣ менамояд. Ин ҷавобгариҳо ба шахсони ваколатдори корфармо дар сурати иҷро накардан ё иҷрои нодурусти вазифаҳои хизматӣ ва ё суистифода аз мақоми хизматӣ, татбиқ мешаванд. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корфармо дар идоракунии меҳнат дар қиёс ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ӯ тибқи шартномаи меҳнатӣ фарқ дорад, зеро ба вуҷуд омадан, амал намудан ва қатъи ин ҳуқуқу уҳдадориҳои корфармо дар идоракунии меҳнат бештар дар заминаи мавҷудияти якчанд далелҳои ҳуқуқӣ сурат мегирад. Мисол, қисме аз онҳо ба баргузор намудани машварат бо намояндагони кормандон, гирифтани ризояти онҳо ва бастани шартномаи коллективӣ вобаста мебошад. Қабули қисме аз қарорҳои корфармо доир ба идоракунии меҳнат ҳамчун уҳдадории корфармо хусусияти ҳатмӣ дошта, барои иҷрои меъёрҳои КМ ҶТ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ қабул карда мешаванд. Қабули

қисми дигари чунин қарорҳои корфармо ба далели ба вуҷуд омадани ҳолатҳои муайян дар раванди меҳнат, вобаста мебошанд [6-М].

10. Таҳқиқи аҳаммияти иштироки кормандон, иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони онҳо дар идоракунии меҳнат як қатор мушкилоти танзими ҳуқуқӣ ва ташкилии масъалаи мазкурро ошкор намуд. Дар КМ ҶТ доир ба таъмини иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот, аз ҷумла, имкони ширкат дар муҳокима ва қабули қарорҳо вобаста ба масъалаҳои меҳнат, меъёри мушаххас муқаррар нашудаанд. Ба андешаи мо қонунгузор мебоист принсипҳо ва механизми татбиқи ин ҳуқуқро, аз ҷумла тавассути низоми шарикии иҷтимоӣ мушаххас мекард. Ин холигӣ ва аз танзими ҳуқуқӣ берун мондани он боиси дар амалия ба таври зарурӣ татбиқ нагардидани ин ҳуқуқи кормандон гардида истодааст. Аз ҷумла, таҳлили созишномаҳо ва шартномаҳои коллективие, ки дар доираи таҳқиқоти мо анҷом дода шуд, ошкор намуд, ки дар онҳо умуман тартиби иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот ва уҳдадориҳои корфармоён барои таъмини шароит ҷиҳати татбиқи ин ҳуқуқи кормандон ва намояндагони онҳо муайян нашудааст. Мавриди зикр аст, ки талаботи мазкур аз муқаррароти Конвенсияҳо ва Тавсияҳои  ТБМ бармеояд, ки тибқи ин санадҳо давлатҳо барои андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати татбиқи ҳуқуқҳои кормандон дар идоракунии ташкилот, уҳдадоранд.

Инчунин, ошкор гардид, ки дар матни КМ ҶТ истилоҳои «ризояти намояндагони кормандон» ва «машварат бо намояндагони кормандон» истифода шудааст, ки  дар асл ин истилоҳҳо оқибатҳои ҳуқуқии яксон доранд. Ин номутобиқатии истилоҳо дар амалия боиси нофаҳмоиҳо ва дар сатҳи зарурӣ таъмин нагардидани ҳуқуқҳои кормандон барои иштирок дар идоракунии меҳнат боис гардида, дар маҷмуъ сатҳи қобилияти ҳуқуқии коллективи кормандро ҳамчун субъекти идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ коҳиш медиҳад.

Бинобар ин, мувофиқи мақсад аст, ки ба КМ ҶТ тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шаванд [8-М,10-М] (матни тағйиру иловаҳо дар Тавсияҳои амалӣ оварда мешаванд).

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Аз натиҷаи тақиқоти диссертатсионӣ бо мақсади такмили қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти идоракунии меҳнат тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Ба КМ ҶТ тағйиру иловаҳои зайл ворид карда шаванд:

- ба моддаи 1 сархати нав бо мазмуни зайл илова карда шавад: «Идоракунии меҳнат - маҷмуъи тадбирҳои ҳуқуқӣ ва ташкилиеро дар бар мегирад, ки аз ҷониби субъектҳои идоракунӣ (давлат, корфармоён, иттифоқҳои касаба ва ғайра) дар сатҳи мутобиқ барои ба танзим даровардани маҷмуи масъалаҳои меҳнат аз ҷумла: таҳия ва қабули санадҳои хусусияти меъёрии ҳуқуқӣ ва ташкилидошта дар соҳаи меҳнат, бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, ҳифзи меҳнат ва назорати риояи қонунгузории меҳнат амалӣ карда мешавад»;

- ба моддаи 3 ибораи “танзими муносибатҳои ҳуқуқии вобаста ба идоракунии меҳнат” ҳамчун яке аз вазифаҳои авалиндараҷаи қонунгузории меҳнат илова карда шавад;

-ба Кодекс «моддаи 12 (1). Салоҳиятҳои мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи идоракунии меҳнат» илова карда шавад;

- ба Кодекс «Боби 33 (1). Таъмини иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот» илова карда шавад;

- ба моддаи 4 (Принсипҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат) сархати нав бо мазмуни зайл илова карда шавад: “таъмини ташкил ва идоракунии меҳнат дар ҳама сатҳҳо”;

-ба қисми 1 моддаи 18 сархатти нав бо мазмуни зайл илова карда шавад: “ҳуқуқи иштирок дар идоракунии  ташкилот”;

- дар тамоми матни Кодекс калимаҳои “ризояти намояндагони кормандон” ва “машварат бо намояндагони кормандон” ба калимаҳои “машварат ва ризояти намояндагони кормандон” иваз карда шавад;

-ба қисми 2 моддаи 19 сархати нав бо мазмуни зайл илова карда шавад: “таъмини шароит барои иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот”;

-ба моддаи 299 (Шаклҳои шарикии иҷтимоӣ) сархатти нав бо мазмуни зайл илова карда шавад: “иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот”;

-ба моддаҳои 303 (Мазмуни созишнома) ва 309 (Мазмуни шартномаи коллективӣ) сархаттҳои нав бо мазмуни зайл илова карда шавад: “иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот”;

- дар моддаҳои 72, 102, 125, 139, 158 КМ ҶТ тағйироти дахлдор ворид карда шуда муайян карда шавад, ки корфармо бояд дар кадом ҳолатҳои мушаххас барои қабули санадҳои меъёрии дохилӣ уҳдадор аст.

2. Консепсияи рушди идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамуҳлат (солҳои 2026-2036) қабул карда шавад (лоиҳаи консепсия замима мегардад).

# РУЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


**I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

[1]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо ба 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 [Матн] (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). – Душанбе, 2019. – 126 с.

**II. Санадҳои байналмилалӣ:**

[2]. Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон аз 10 декабри соли 1948 [Матн] // Международное право в документах: Сборник международно-правовых актов и внутреннего законодательства Республики Таджикистан. - Душанбе: «Контраст», 2011. - С. 219-223.

[3]. Декларация МОТ от 18.06.1998 «Об основополагающих принципах и правах в сфере труда» [Текст] // Российская газета. – 1998. – № 238.

[4]. Декларация столетия МОТ от 21.06.2019 [Текст] «О будущем сферы труда» // СПС КонсультантПлюс.

[5]. Конвенция МОТ от 15.06.2006 № 187 «Об основах, содействующих безопасности и гигиене труда» [Текст] // Бюллетень международных договоров. – 2013. – № 5.

[6]. Конвенция МОТ от 19.06.1997 № 181 [Текст] //«О частных агентствах занятости» // СПС КонсультантПлюс.

[7]. Конвенция МОТ от 22.06.1981 № 155 МОТ «О безопасности и гигиене труда и производственной среде» [Текст] // Собрание законодательства РФ. – 2001. – № 50. – Ст. 4652.

[8]. Конвенция МОТ от 19.06.1981 № 154 «О содействии коллективным переговорам» [Текст] // Собрание законодательства РФ. – 2011. – № 51. – С. 7450.

[9]. Конвенция МОТ от 26.06.1978 № 150 «О регулировании вопросов труда: роль, функции и организация» [Текст] // Собрание законодательства РФ. – 2001. – № 50. – Ст. 4651.

[10]. Конвенция МОТ от 23.07.1977 № 142 «О профессиональной ориентации и профессиональной подготовке в области развития людских ресурсов» [Текст] // Конвенции и рекомендации, принятые Международной Конференцией труда. 1957–1990. Т. II. – Женева: Международное бюро труда, 1991.

[11]. Конвенция МОТ от 21.06.1977 № 149 «О занятости и условиях труда и жизни сестринского персонала» [Текст] // Конвенции и рекомендации, принятые Международной Конференцией труда. 1957–1990. Т. II. – Женева: Международное бюро труда, 1991.

[12]. Конвенция МОТ от 23.06.1971 № 135 «О защите прав представителей работников на предприятии и предоставляемых им возможностях» [Текст] // Собрание законодательства РФ. – 2011. – № 51. – С. 7449.

[13]. Конвенция МОТ от 22.06.1970 № 131 «Об установлении минимальной заработной платы с особым учетом развивающихся стран» [Текст] // Конвенции и рекомендации, принятые Международной Конференцией труда. 1957–1990. Т. II. – Женева: Международное бюро труда, 1991.

[14]. Конвенция МОТ от 25.06.1958 № 111 «Относительно дискриминации в области труда и занятий» [Текст] // Ведомости ВС СССР. – 1961. – № 44. – Ст. 448.

[15]. Конвенция МОТ от 01.07.1949 № 98 «Относительно применения принципов права на организацию и заключение коллективных договоров» [Текст] // Сборник действующих договоров, соглашений и конвенций, заключенных СССР с иностранными государствами. – Вып. XIX. – М., 1960. – С. 292-297.

[16]. Конвенция МОТ от 09.07.1948 № 87 «Относительно свободы ассоциаций и защиты права на организацию» [Текст] // Сборник действующих договоров, соглашений и конвенций, заключенных СССР с иностранными государствами, Вып. XIX. – М., 1960. – С. 278-284.

[17]. Рекомендация МОТ от 12.06.2015 № 204 «О переходе от неформальной к формальной экономике» [Текст] // КонсультантПлюс.

[18]. Рекомендация МОТ от 15.06.2006 № 198 «О трудовом правоотношении» // СПС КонсультантПлюс.

[19]. Рекомендация МОТ от 26.06.1978 № 158 «О регулировании вопросов труда: роль, функции и организация» [Текст] // Конвенции и рекомендации, принятые Международной конференцией труда. 1957–1990. Т. II. – Женева: Международное бюро труда, 1991. – С. 1877-1882.

[20]. Рекомендация МОТ от 28.06.1967 № 129 «О связях между администрацией и трудящимися на предприятии» [Текст] // Библиотечка Российской газеты. – 1999. – № 2223.

[21]. Рекомендация МОТ от 09.07.1964 № 122 «О политике в области занятости» [Текст] // Конвенции и рекомендации, принятые Международной Конференцией труда. 1957–1990. Т. II. – Женева: Международное бюро труда, 1991.

[22]. Рекомендация МОТ от 26.06.1952 № 94 «О консультациях и сотрудничестве между работодателями и работниками на уровне предприятия» [Текст] // Конвенции и рекомендации, принятые Международной Конференцией труда. 1919–1956. Т. I. – Женева: Международное бюро труда, 1991.

[23]. Европейская Социальная Хартия ETS от 03.05.1996 № 163 [Текст] // Собрание законодательства РФ. – 2010. – № 8. – С. 781.

[24]. Европейская хартия об основных социальных правах трудящихся от 09.12.1989 [Текст] // Библиотечка Российской газеты. – 1999. – № 2223.

[25]. Концепция поэтапного формирования общего рынка труда и регулирования миграции рабочей силы государств-участников СНГ / Решение Экономического совета СНГ от 17 марта 2017 г. // Единый реестр правовых и других документов Содружества Независимых Государств: [Электронный ресурс]. - Режим доступа: URL: https://www.cis.minsk.by/reestrv2/doc/5569#text (дата обращения: 20.03.2024).

[26]. Хартия социальных прав и гарантий граждан СНГ от 29 октября 1994 г. [Текст] / Межпарламентская Ассамблея государств-участников Содружества Независимых Государств. - 1995. - № 6. - С. 99-117.

[27]. Конвенция о правовом статусе трудящихся-мигрантов и членов их семей государств-участников Содружества Независимых Государств от 14 ноября 2008 г. / СПС «Гарант». [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://base.garant.ru/2567688/ (дата обращения: 23.01.2024).

[28]. Соглашение о порядке расследования несчастных случаев на производстве, происшедших с работниками при нахождении их вне государства проживания от 9 декабря 1994 года. [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=4632.

[29]. Созишномаи ИДМ дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи меҳнат аз 9 декабри соли 1994 [Матн]// Бюлетен международных договоров. 1996.№ 1. С. 18-20.

**III. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[30]. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” [Матн]// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2001, №4, мод. 215.

[31]. Қонуни конститсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Чумҳурии Тоҷикистон” аз 26 июли соли 2014 № 1084 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, №7, қ. 1, мод. 380; с. 2015, №7-9, мод. 698; с. 2016, №7, мод. 603; с. 2018, №2, мод. 62.

[32]. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон” [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олип Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, № 7, қ.1, мод. 379; с. 2015, № 3, мод. 197, № 7-9, мод. 697.

[33]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2021, №1842 “Дар бораи стандартҳои давлатии иҷтимоӣ” [Матн]// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №5, мод.335.

[34]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мусоидат ба шуғли

аҳолӣ” аз 1 августи соли 2003, № 44 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2003. - № 8. - Мод. 467.

[35]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011, № 757 «Дар бораи иттифоқҳои касаба» [Матн]// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, №6, мод. 611.

[36]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 майи соли 2007, № 258 «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №5, мод. 363.

[37]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2021, № 1761 “Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат” [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://mmih.adlia.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=138763.

[38]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, №5, қ. 1, мод. 271.

[39]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон” [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2010, №12, қ. 1, мод. 834.

[40]. Қонуни ҶТ аз 18 июни соли 2008 “Дар бораи сирри тиҷоратӣ» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №6, мод. 461.

[41]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муҳоҷират” [Матн] // Ахбори Маҷлиси Оли Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2002. - № 4 (қ.1). - Мод. 248.

[42]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009 № 521 “Дар бораи ҳадди ақалли зиндагӣ” [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №5, мод. 328.

[43]. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, № 1329 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2016. - № 7. - Мод. 604.

[44]. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон.[Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №12, қ. 1, мод. 989.

[45]. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1998, №9, мод.68, мод.69, №22, мод.306.

[46]. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022. [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2022, №12, қ. 1, 2, мод. 757.

### IV. Санадҳои Парламент, Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

[47]. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.12.2016, №636 “Дар бораи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” [Захираи электронӣ]. – Реҷаи дастрас: // https://mmk.tj/file/%D1%81.

[48]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2025, №962 “Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилоти буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия” [Матн] // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2025, феврал.

[49]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №582 “Дар бораи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” [Электронный ресурс]. - Режим доступа: // https://www.ahd.tj/tj/library/normativnye-pravovye-akty/farmon-o.

[50]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2022, №263 “Дар бораи Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040”. [Матн] Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2022, май.

[51]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 майи соли 2002 № 201 “Дар бораи Консепсияи сиёсати давлатии демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2015” [Матн] // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2022, май.

[52]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2001 № 242 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи сиёсати давлатии муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] / Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2001, июн.

[53]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2023 № 309 «Дар бораи тасдиқи Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» [Матн] // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2023, июн.

[54]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2022, № 577 “Дар бораи Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040” [Матн] Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2022, ноябр.

[55]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2025, № 377 “Дар бораи Дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2028” [Матн] // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2025, июл.

[56]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2023, № 135 “Дар бораи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 [Матн] // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2023, март.

[57]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2023, № 419 “Дар бораи Барномаи миёнамуҳлати рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027” [Матн] // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2023, август.

[58]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2024 № 485 “Дар бораи Барномаи миллии рафъи шаклҳои бадтарини меҳнати

кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028” [Матн] // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2024, август.

[59]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июля 2020 года, №430 “Дар бораи Барномаи ҳамкорӣ байни шарикони сетарафаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат оид ба меҳнати арзанда барои солҳои 2020-2024 [Матн] // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2020, июл.

[60]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2021, №460 “Дар бораи Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” [Матн] // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2021, октябр.

[61]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 2014, № 391 “Дар бораи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ” [Матн] // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2014, июн.

[62]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «3» майи соли 2014, № 299 “Дар бораи Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ” [Матн] [Матн] // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2014, июн.

[63]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 2014 № 390 «Дар бораи Хадамоти муҳоҷират» [Матн] // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2014, июн.

[64]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 2014 № 392 «Дар бораи Намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия оид ба масъалаҳои муҳоҷират» [Матн] // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2014, июн.

[65]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2005, №93 “Дар бораи қоидаҳои ташкил, шартҳои гузаронидан ва номгуи корҳои ҷамъиятии музднок” [Матн] // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2005, март.

[66]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2005, №94. “Дар бораи Қоидаҳои ташкили низоми тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзонии шаҳрвандони бекор [Матн] // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2005, март.

[67]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, №62 “Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ расонидани хизматҳои машваратӣ ва кӯмаки молиявӣ ба шаҳрвандони бекор ва муҳоҷирони меҳнатии ба ватан баргашта, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ доранд” [Матн] // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2006, январ.

[68]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 апрели соли 1998, № 122 “Дар бораи шароити пардохти музди меҳнати кори кормандони соатбайъи ва дар ду (чанд) ҷой коркунандаи корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” [Матн] // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 1998, апрел.

[69]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2008 №173 “Дар бораи Низомнома дар бораи Комиссияи сетарафаи оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” [Матн] // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2008, апрел.

[70]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2025, № 355 “Дар бораи Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилоти дигари давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” [Матн] // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2025, июн.

[71]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 1 июли соли 1999, № 250 “Дар бораи муқаррар кардани иловапулӣ ба маоши шахсони дорандаи унвони илмӣ ва ҷудо намудани маблағ барои баланд бардоштани андозаи ҳадди ақалли подоши хизматии эҷодкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 1999, июл.

[72]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2014, № 429 “Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани аттестатсияи ҷойҳои корӣ аз рӯи шароити меҳнат” [Матн] // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2014, июл.

[73]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008, № 529 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои додани иҷозати кор ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти меҳнатӣ машғуланд» [Матн] // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2008, октябр.

[74]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2007 № 172 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи хусусиятҳои иҷозатномадиҳи ба баъзе намудҳои фаъолият” [Матн] // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2007, апрел.

[75]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, № 117 “Дар бораи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон” [Матн] // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2025, феврал.

**V. Санадҳои вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

[76]. Фармоиши вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08.10.2020, №118 “Дар бораи тасдиқи Низомномаи Раёсати бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва дастурамалҳои мансабии кормандон” [Захираи электронӣ]. – Реҷаи дастрас: https://mehnat.tj.

[77]. Фармоиши вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ аз 08.10.2020, № 116 “Дар бораи тасдиқи Низомномаи Раёсати муносибатҳои меҳнатӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ” [Захираи электронӣ]. – Реҷаи дастрас:https://mehnat.tj.

[78]. Қарори Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2018 №18 “Дар бораи тасдиқи Низомномаи намунавии хадамоти ҳифзи меҳнат дар ташкилот” [Захираи электронӣ]. – Реҷаи дастрас: https://mehnat.tj.

[79]. Фармоиши вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 майи соли 2022, №51 “Дар бораи тасдиқи Таснифоти машғулиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” [Захираи электронӣ]. – Реҷаи дастрас: https: //mehnat.tj/tg/news/dt/b6bb18b3-baec-4b03-987a-6886f9fdf3a6.

[80]. Дастовардҳои соҳаҳои меҳнат, шуғли аҳолӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва муҳоҷирати аҳолӣ дар 20 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2011. - С. 21-24.

[81]. Ҳисоботи оморӣ оид ба меҳнат [Захираи электронӣ]. – Реҷаи дастрас: https://www.stat.tj/shakli-hisobot/.

## VI. Санадҳои шарикии иҷтимоӣ

[82]. Созишномаи генералӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026 [Матн] // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2023, декабр.

[83]. Созишномаи соҳавӣ байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соҳои 2024 – 2026 Ҳисоботи оморӣ оид ба меҳнат [Захираи электронӣ]. – Реҷаи дастрас: сомонаи Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон: https://www.tuces.tj.

